*Мақсади мақола арзишгузории моҳият ва таъиноти назарияи «нишонаҳои» қобилият дар низоми назарияҳои фалсафӣ ва антропологӣ мебошад. Дар мақола таҳлили унсурҳои таркиботии консепсияи биологии қобилият, махсусан шохаи бештар паҳншудаи он – назарияи «нишонаҳо» анҷом дода шудааст. Муаллифон нуқтаи назареро, ки мувофиқи он дар табиати биологии инсон – дар хромосомҳо, нейронҳо, генҳо нишонаҳое хуфта, сифати фаъолиятро муайян карда, ба раванди қобилиятҳои мувофиқташаккулёбанда мусоидат мекунанд, қабул надоранд. Муаллифон дар бораи иштибоҳе менависанд, ки мувофиқи он «нишонаҳои» қобилият дар ин ё он шаклу намудҳои қобилият дар таркиботи генҳо муқаррар ҳастанд ва бар асари ин нишонаҳои табиии ҳанӯз инкишофнаёфта ба ин ё он шакли фаъолияту робитаҳои иҷтимоӣ мутобиқу мусоид мебошанд. Дар мақола ҳукме асоснок карда мешавад, ки дар хосиятҳои анатомӣ-физиологии фард имкони пайдо шудани «шароитҳои созгор» барои инкишоф ва такомули қобилиятҳо вуҷуд надорад. Ба гайр аз ин, пайкари (ҷисми) табиӣ ва хусусиятҳои биологӣ муваззаф ва мукаллаф нестанд, сифатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва қобилиятҳои ҷамъиятӣ-таърихии инсонро бисозанд. Муаллифон итминони комил доранд, ки сифату хусусиятҳои инсон, пеш аз ҳама моҳияти иҷтимоии ӯст, ки дар фаъолияти ҳаётӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиаш ташаккул меёбанд. Ин сифатҳо ва хусусиятҳо моҳияти иҷтимоӣ-ҳаётӣ дошта, то замони муқаррар шудани инсон ҳамчун иштирокчии ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳеҷ кадом «нишонаҳо» ҷой надоранд.*

**Калидвожаҳо:** *қувваҳои моҳиятии инсон, қобилият, талабот, «назарияи нишонаҳо», фаъолият, эҷодиёт, ҷамъият, инсоншиносӣ, «қобилиятҳои ирсӣ».*

# СУЩНОСТЬ И ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ “ЗАДАТКОВОЙ” ТЕОРИИ СПОСОБНОСТЕЙ (СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКАЯ КРИТИКА)

**САИД Н.С.**[1]
**АМИНОВ Ф.А.**[2]
**НАВРУЗОВ И.С.**[3]
[1]*Доктор философских наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*
[2]*Кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Научно-исследовательского Института при Таджикском национальном университете*
[3]*Ассистент общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета*

*Цель статьи заключается в изучении сущности и предназначения «задатковой» концепции способностей в системе философских и антропологических теорий. В статье осуществляется анализ структурных элементов биологической концепции способностей, в особенности её наиболее распространённой ветви «задатковой» теории. Авторам неприемлем взгляд, согласно которому дремлющие в биологической природе человека, т.е. в*

*хромосомах, нейронах, генах задатки определяют качество деятельности и способствуют благоприятному сочетанию формирующихся способностей. Авторы пишут об ошибочности «задатковой» теории способностей, так как в ней формы и виды способностей детерминируются генетически и, соответственно такой детерминации, ещё несформировавшиеся природные задатки соответствуют тем или иным социальным сферам деятельности и отношениям. В статье обосновывается тезис о том, что в анатомо-физиологических особенностях индивида невозможно обнаружить «благоприятные условия» для развития и совершенствования способностей. Кроме того, тело и биологические особенности не обязаны и не уполномочены создавать социально-культурные качества человека и общественно-исторические способности. Авторы более чем уверены, что человеческие качества и характеристики – это, прежде всего, его социальная сущность, которая формируется в его собственной жизнедеятельности и в его общественных отношениях. Эти его качества и характеристики имеют социально-жизненную сущность, которая не имеет места в виде «задатков» до становления его участником социальной жизни.*

**Ключевые слова:** *сущностные силы человека, способность, потребность, «задатковая теория», деятельность, творчество, общество, человекознание, «врожденные способности».*

## THE ESSENCE AND DESTINATION OF THE THEORY OF THE "RUDIMENTS AND MAKINGS" OF ABILITIES (SOCIO-PHILOSOPHICAL CRITICISM)

**SAID N.S.[1]**
**AMINOV F.A.[2]**
**NAVRUZOV I.S.[3]**
*[1]Doctor of philosophical sciences, professor, corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan*
*[2]Candidate of philosopy scienses, associate professor, leading researcher at the Tajik National University Research Institute*
*[3]Doctor of Philosophical Sciences, professor, corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The purpose of the article is to study the essence and destination of the "makings" concept of abilities in the system of philosophical and anthropological theories. The article analyzes the structural elements of the biological concept of abilities, especially its most widespread branch of the "makings" theory. The authors do not accept the view that dormant in the biological nature of man, i.e. in chromosomes, neurons, genes, the makings determine the quality of activity and contribute to a favorable combination of emerging abilities. The authors write about the fallacy of the "makings" theory of abilities, since in it the forms and types of abilities are determined genetically and, accordingly, such determination has not yet formed natural inclinations correspond to certain social spheres of activity and relationships. The article substantiates the thesis that it is impossible to find "favorable conditions" for the development and improvement of abilities in the anatomical and physiological characteristics of an individual. In addition, the natural body and biological features are not required or authorized to create socio-cultural qualities of a person and socio-historical abilities. The authors are more than confident that human qualities and characteristics are primarily his social essence, which is formed in his own life and in his social relations. These qualities and characteristics of his have a social and vital essence, which does not take place in the form of "makings" before becoming a participant in social life.*

**Keywords:** *essential human forces, ability, need, "makings theory", activity, creativity, society, human knowledge, "innate abilities".*

Дар шароити табадуллоти бузурги фикрию маърифатие, ки ҷомеаи тоҷик устуворона ба сӯйи он қадам мезанад, омӯзиши неруҳои моҳиятии инсон, хусусан қувваю қобилият ва малакаи созандаю эҷодкоронаи ӯ аҳаммияти илмию назариявӣ дорад. Ғайр аз ин, кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон принсипҳои демократии инкишофро

пазируфта, роҳ ба сӯйи ҷомеаи комили гуманистӣ-инсонпарварона пеш гирифтааст. Ҳамзамон, кишвари мо дар ҷодаи таҳаввулоти бузурги илмӣ-технологӣ қарор дошта, неруҳои истеҳсолию эҷодии ҷомеаро ба хотири неруманд сохтани иқтидори саноатии кишвар сафарбар намуда, васеъ сохтан ва устувор кардани неруи фаъолиятии инсонро ҳадафи муҳимтарини пешравии ҷомеаи тоҷик медонад. Маҳз фаъолияту кор, муҳити мусоиди эҷодӣ, имкониятҳои васеи истеҳсолӣ метавонанд инсонро ба сӯйи эҷод кардан ва инкишоф додани неруҳои моҳиятии хеш, аз қабили фаъолият, талабот, қобилияту малака раҳнамоӣ созад. Зиндагию рӯзгор, мушкилоти тахассусу кор, нуқтаи ҳаракати аввалияи фаъолияту қобилият ба ҳисоб рафта, сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, олами предметҳои то ин замон сохташуда ва имкониятҳои маърифатӣ фазои пайдо шудани ҳунарҳои наву замонавӣ, эҷодсозандаи малакаю касби сазовор ва қобилиятҳои пурифтихори инсон аст. Қобилиятҳои инсонӣ неруи пешбари ҷомеаи инсонӣ буда, на танҳо характери амалӣ, балки таъйиноти ҷаҳонбинӣ дошта, дар фазои мушкилоти фалсафаи инсон баррасӣ гашта, аз мавқеъҳои мухталиф табодул ёфта, ба тобишҳои гуногунранг пешниҳод гардида, ба самтҳои хоссе ташаккул ва аз дидгоҳи хосси методологӣ ҳаллу фасл меёбанд. Қобилиятҳои инсонӣ ҳамчун неруи моҳиятии инсон дар раванди таърихи умумиҷаҳонӣ эҷод шуда, таъйиноти мушаххаси таърихӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фаъолиятӣ, маънавӣ ва ғайраро соҳиб шуда, ҳамеша дар ҷараёни инкишофу тараққӣ қарор доранд [15, 8]. Дар тӯли таърихи дурударози омӯзиши инсон, таҳқиқи сифатҳои иҷтимоию фарҳангии он назарияҳои гуногуни фалсафӣ, таълимотҳои равоншиносию антропологӣ, этнологию илоҳиётшиносӣ нидоҳо ва ҳукмҳои худро нисбати инсон ба ҳар шакле ирсол медоштанд, аз қабили: «мақоми инсон дар кайҳон», «инсон тоҷи махлуқот», «инсон ҳокими табиат», «инсон банда», «инсон винтик» (печак, печбур)», «инсон иҷрокунанда», «инсон бозичаи тақдир», «инсон ходим», «инсон эҷодкор», «инсон субъект», «инсон душмани инсон» ва даҳҳои дигар ҳукмҳо нисбати инсон. Нодида намонад, ки нозуктарин ва мураккабтарин мушкилоти инсоншиносӣ масъалаи таҳқиқоти қобилиятҳои инсонӣ ба шумор рафта, паҳлуҳои гуногуни он чун универсализм (ҳартарафа будан), гуногунҷанба, ҳамоҳангию мувозинатӣ, тадриҷӣ (дараҷабандӣ) ва маҳдудии он дар муҳити ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ташаккул ва тараққии он дар ин ё он марҳилаи таърихӣ, муттаалliқ ба ин ё он қишри муайяни иҷтимоӣ, дар доираи ин ё он фаъолияти ҳаётӣ, дар раванди хосси тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ғ. вобаста ба мавқеи принсипиалии муҳаққиқ ва дастрасии усули таҳқиқ, арзёбӣ мегардад. Масъалаи ташаккул ёфтан, инкишоф додан, нигоҳ ва ҳифз намудани фардияти эҷодии инсон, устувор нигоҳ доштани асолати ӯ, пешгирӣ аз нобудшавӣ ва ё «баробартарозу» (нивелировка) сохтани қобилиятҳои инсон дар шароити низомҳои мухталифи иҷтимоӣ ва истеҳсолию фаъолиятӣ масъалаҳое ҳастанд, ки дар фазои таҳқиқҳои илмӣ ва баҳсҳои публисистию наздики илмӣ муҳокима мегарданд. Дар ҳама давру замон на танҳо файласуфон, антропологҳо, равоншиносон, муҳаққиқони педагогика ба таҳқиқи қобилияту маҳорати инсон машғул шудаанд, балки шоирону нависандагон, рассомону меъморон, рӯзноманигорону мунаҷҷимон низ ҳар лаҳзаи мувофиқ аз донишҳою таассуроташон доир ба маҳорату қобилият, малакаю истеъдоди инсон ҳарф задаанд. Ҳар кадоми онҳо аз ҳаққонияти андешаи хеш ва холисона арз доштани назар иброз кардаанд. Нoвобаста ба он ки ин алоқамандони асрори инсон аз кадом мавқеи методологӣ ва принсипи назариявӣ ақидаи худро муаррифӣ кардаанд, дар алоқамандӣ ба самти ҷаҳонбинӣ, назария ва мавқеи методологӣ дар фалсафа, антропология ва равоншиносии муосир ду ҷараёни асосӣ доир ба қобилияти инсон аз худ дарак додааст ва якеро равияи «иҷтимоию таърихӣ» (аз ҷониби мунаққидони ин мавзуъ бо унвони «сотсиологизаторӣ» ном бурда мешавад. – С.Н.С., Н.И.С.) ва дигареро «биологизаторӣ» меноманд. Ҳар яке аз ин равияҳо боз ба шохаҳои гуногун тақсим шуда, ҳар кадоме аз онҳо мавқеи хосси принсипиалӣ ва тарзи таҳқиқи хосси методологиро пеш мегузоранд. Ба таркиботи равияи «биологизаторӣ» чунин гурӯҳҳо ва ё шохаҳои алоҳидае чун телеологӣ, генотипӣ, «нишонаҳо», хромосомӣ, карбамидӣ (партови мубодилаи сафедаҳо дар узви инсон), никризӣ (мафосилӣ, подагра) ва ғ. дохил мешаванд.

Масъалаи муҳим ва мубоҳисаоваре, ки даҳсолаҳо равоншиносону файсуфон доир ба он баҳс мекунанд, масъалаи мавҷуд будани «нишонаю осори» қобилиятҳои инсонӣ дар ҳувияти инсон, дар узвияти ҷисмонии инсон мебошад. Дар адабиёти фалсафию равоншиносии замони шӯравӣ ин «нишонаҳоро» бо истилоҳи «задатки» ном мебурданд. Барои тавсифи калимаи русии «задатки» дар луғати забони тоҷикӣ ибораи «нишонаҳои истеъдод», «осори қобилият», «аломатҳои қобилият» истифода шуда, дар луғати форсӣ (Восканян Г.А. Русско-персидский словарь) «задатки» ҳамчун истеъдод тарҷума шудааст. Дарки амиқи маънии ин калимаи русӣ имкон медиҳад, ки маънии «задатки» нисбат ба ибораҳои ба забони тоҷикию форсӣ овардашуда, боз ҳам васеътар фаҳмида шавад. Онҷое, ки сухан дар бораи на худи қобилият ва ё истеъдод, балки дар бораи манбае меравад, ки дар таркиби он қобилият, ҳунар, малака ва истеъдод фақат дар ҳолати лоиҳа, нақша ва ё тарҳи аввалияи он, вуҷуд доранд. Метавон «задатки»-ро бо калимаи хело ҳам маъмули «лоиҳа» ва ё «мусаввада» ифода намуд. Бештари онҳое, ки ҳунару малака, истеъдоду қобилияти инсонро ҳамчун зуҳуроти сирф ҷамъиятию талаботӣ, фаъолиятию предметӣ медонанд, ба ақидаи «нишонашиносҳо», «тарроҳон» ва «лоиҳачиён» комилан розӣ нестанд [16]. Онҳо таъкид мекунанд, ки неруҳои моҳиятии инсон танҳо дар ҷамъият эҷод мешавад ва агар дар бораи нишонаҳои истеъдоду қобилият ҳарф занем ҳам бояд дар назар дошт, ки ҳамин нишонаю осорҳо низ дар доираи зуҳуротҳои ҷамъиятӣ, дар шуур ва хотираи таърихии одамон ҳамчун падидаи сирф ҷамъиятӣ ҳузур доранд [1, 5].

Барои муҳаққиқоне, ки мехоҳанд масъаларо воқеъбинона арзёбӣ кунанд, тарҳ ва ё нишона гуфта хусусияти сохтори мағзи сар ва низоми асаб, узвҳои ҳиссӣ ва ҳаракат, хусусиятҳои вазифавии узви ҷисмонӣ (аҷсом) аст, ки ба ҳар инсон дар ҷараёни тавлидаш дода мешавад. Таҳти мафҳуми осору нишона баъзе хусусиятҳои ирсии анализаторҳои биноӣ ва шунавоӣ, хосиятҳои типологии низоми асаб фаҳмида мешавад, ки аз онҳо суръати ташаккули алоқаҳои замонии асаб, устувории онҳо, неруи таваҷҷуҳи ҷалбу ҷазм, пуртоқатии низоми асаб, қобилияти кори фикрӣ ва ғ. дохил мешаванд. Ин нишонаҳо таъйиноти узвӣ-ҷисмонӣ дошта, ба ҳайси роҳандози (катализатори) неруҳои аввалия, ҳанӯз ташаккулнаёфтаи физиологию анатомии инсон хидмат мекунанд. Барои вусъат ёфтани ҳаракати узвҳои биологии инсон нигаронида шуда бошанд ҳам, наметавонанд ин «нишонаю осор» ва «тарҳи» пешакӣ мазмуну мундариҷа ва хосияту тобиши ҳунару касб, ихтисос ва истеъдоди инсонро дар худ касбу ҷазб карда бошанд. Қобилиятҳои ҷамъиятии инсонро ба ким-кадом «нишонаҳои» дар узви инсон хуфта (дар нейронҳо, хромосом, ҳуҷайраҳо ё дар таркиботи дигари мағзи сар) пайваст кардан маънои таҷрибаи ҳазорсолаи инсоният, амалияи ҷамъиятиро, ки маҳз онҷо инсон худро месозад, ба нестӣ ҳавола додан аст. Чунин масъалагузориро ҳанӯз Б.М. Теплов баррасӣ намуда, моҳияти назарияи «нишонасозӣ» ва «тарроҳиро» шарҳ додааст: «Мо наметавонем қобилиятро ҳамчун имкониятҳои ирсии фардҳо маърифат созем, зеро ки таҳти мафҳуми қобилият хусусиятҳои фардӣ-психологии инсон фаҳмида мешавад, ки ин охириҳо моҳиятан дар ниҳояти кор наметавонанд ирсӣ (модарзодӣ) бошанд. Ирсӣ метавонанд танҳо хусусиятҳои анатомию физиологӣ, яъне тарҳи ҳамоне ки дар бунёди инкишофи қобилиятҳоянд, худи қобилиятҳо бошанд ҳамеша натиҷаи инкишоф хоҳанд буд» [18].

Мубоҳисаҳо атрофи назарияи «нишонасозӣ» дар робита ба қобилиятҳои инсон солҳои 60-уми асри гузашта хело авҷ гирифта буд ва ин мубоҳисаҳо то имрӯз идома доранд. Зарурати таҳлили чанд нуқтаи назар доир ба «нишонаҳои қобилият дар узви биологии инсон» ба миён омадааст, ки метавон инҷо намунаеро аз ин нуқтаи назарҳо, пеш овард. Дар адабиёти психологии шӯравӣ назарияи «нишонаҳою осор» («задатки», «зачатки») дар осори равоншиноси шинохта С.Л. Рубинштейн вомехӯрад. Аз нигоҳи ӯ «Ҷавҳари қобилият сараввал дар нишонаҳо вуҷуд дошта, метавонад танҳо дар раванди фаъолияти муайян инкишоф ёбанд» [13]. Дар робита ба ин баёнияи С.Л. Рубинштейн миёни муҳаққиқони проблемаи фаъолият ва қобилиятҳои фаъолиятбор як эътирозе ба амал омад, ки фишурдаи онро мо дар мубоҳисаҳои ҳамонвақтаи А.Н. Леонтев ва С.Л. Рубинштейн мушоҳида мекунем. Яке аз муҳаққиқони шинохтаи проблемаи қобилият С.Наврузов нуқтаи назари С.Л. Рубинштейнро интиқод намуда, назарияи қобилиятҳои

фаъолиятборро пешниҳод мекунад: «Чӣ тавр ҳанӯз ба фаъолияти инсон пайваст нашуда, «нишонаҳо» пешакӣ – мутобиқ ба ин фаъолият қобилиятҳои муайянеро тавлид месозанд. Дар воқеият бошад, қобилиятҳо – дар кадом ченаке, ки мо онро нагирем, танҳо ҳамон вақт нақши созандаи худро иҷро мекунанд, ки агар онҳо тибқи вазифаи воқеии худ ба тарзҳо ва моҳияти фаъолияти иҷрокардаи инсон мувофиқ бошанд» [9, 16]. Чунин нуқтаи назар ҳанӯз дар фалсафаи классикии олмонӣ, бахусус дар осори Г.Ф. Гегел мушоҳида мегардад, ки онҷо амали инсон, тарзи фаъолияти ӯ (албатта дар доираи низоми идеализми объективии Гегел) муайянкунандаи хосияти равонӣ ва рафтору аъмолаш баҳогузорӣ мешавад. Аз ҷумла, дар «Феноменологияи руҳ» фаъолияту амали инсон берун аз нишонаю сифатҳои биологию анатомиаш арзёбӣ шуда, фаъолият ҳамчун ифодаи воқеияти ҳастии инсон таҳлил мегардад: «... гӯё воқеияти инсон рӯй ва ҷойи дигари ӯ бошад. Ҳастии воқеии инсон, баръакс ин амали ӯст; маҳз дар амали ӯ инфародияти ӯ воқеист...» [4, 172]. Дар консепсияи қобилиятҳои фитрӣ (задатковая концепция) бошад, қобилият аз шаклҳои мухталифи фаъолиятҳои таърихан таҳияшудаи инсоният ҷудою алоҳида тасвир шуда, қобилият ҳузури то фаъолиятиро соҳиб мешавад. Мувофиқи ин назар қобилият хосияту сифати характерноки табиати инсон аст, ки пеш аз фаъолияти амалии инсон вуҷуд дошта, сабаби фаъолият эътироф гашта, пешбурди бомуваффақонаи фаъолияте мегардад, ки характери иҷтимоию таърихӣ дорад ва вобаста ба марҳилаи муайяни инкишофи таърихии инсоният ташаккул ёфтааст. Дотсенти кафедра психиатрия ва наркологии Институти давлатии тиббии Ворошиловград (Ҳоло Донишгоҳи давлатии тиббии Луганск) Б.Я. Первомайский менависад, ки «Қобилиятҳо дар заминаи нишонаҳои табиӣ инкишоф меёбанд, ки ба имкониятҳои маҳину нозуки дифференсиатсияи сохтори мутобиқ ба мағзи сар ва бо таъсири ангезандаҳои муодили муҳити берун алоқаманданд. Дар инкишофи нишонаҳо муҳити берун бешак нақши ҳалкунанда дорад. Дур аз муҳити берун инкишофи нишонаҳо номумкин аст. Дар доираи ин мавқеъ типи фаъолияти олии асаб дар дараҷаи бештаре моҳияти биологӣ ва дар дараҷаи камтаре иҷтимоӣ гирифта, характер бошад дар дараҷаи баланде моҳияти иҷтимоӣ ва дар дараҷаи пастаре моҳияти биологӣ мегирад» [12, 127]. Дар мақолаи зикршуда раванди инкишофи таърихии неруҳои моҳиятии инсон, хусусан қобилиятҳои иҷтимоию ҳаётии инсон ки маҳз дар ҷомеа ташаккул ёфта, дар фаъолиятҳои истеҳсолию предметии инсон комил гаштаю нав мегарданд, ба пуррагӣ танҳо ҳамчун «имкониятҳои маҳину нозуки дифференсиатсияи сохтори мутобиқ ба мағзи сар» баҳогузорӣ мегардад. Инҷо низоми ҳазорсолаҳо инкишофёфтаи неруи иҷтимоии қувваю қобилиятҳо фақат ҳамчун «ангезандаҳои муодили (мутобиқи) муҳити берун» тасвир мешаванду халос. Ақидаи мазкур дар осори баъд нашршудаи Б.Я. Первомайский низ мушоҳида мегардад [11]. Ба ҳамин монанд ақидаҳои дигар низ доир ба «осору нишонаҳои» қобилиятҳои инсонӣ эҷод шудаанд, ки то ҳол «пайравон» ва «мухлисони» худро гум накардаанд. Аз нигоҳи В.Т. Бахур сохтори маърифатӣ «ҷузъан дар заминаи барномаи генетикӣ, қисман бо таъсири омилҳои беруна» ташаккул меёбад, ки тавассути он «баъзе функсияҳои мушаххаси психикӣ» таъмин мегарданд. Ин назарияи «каму беш» масъаларо ба саргумӣ бурда, ба қавле созише дар муайян кардани заминаҳои объективию воқеии маърифати инсонӣ пешниҳод мекунад. Маърифати инсонӣ зуҳури неруи моҳиятии инсонӣ, пеш аз ҳама қобилияти эҷодии ӯст, ки муаллиф онро ба барномаи генетикӣ ва ҷузъан бо таъсири омилҳои берунӣ мебинад. Ин назария воқеан ҳам назарияи «параллелизми биологию иҷтимоӣ» буда, солҳои 60-70-уми қарни гузашта ва ҳоло ҳам арзи вуҷуд дорад [2, 67]. Намунаи равшани онро мо дар осори иддае аз файласуфону равоншиносони замони шӯравӣ мебинем, ки ақидаи «нишонасозии» онҳо то имрӯз миёни муҳаққиқони муосир «маҳбубият» пайдо кардааст. Мутаассифона, ҳамон солҳо бо вуҷуди мавҷуд будани сензураи қатъӣ дар муассиса ва иттиҳодияҳои илмии Шӯравӣ дар алоқамандӣ ба мулоҳизаронӣ доир ба қобилиятҳои инсонӣ баъзе муаллифон ба духӯрагии фикр, мутазодии андеша ва дилемма будани нуқтаи назар роҳ медиҳанд. Яке аз файласуфони шинохтаи замони шӯравӣ А.М. Ковалев дар китоби «Ҷамъият ва қонунҳои инкишофи он» дар бораи «нишонаҳое» ҳарф мезанад, ки фаъолияти одамонро муайян сохта, берун аз олами предметию олоти меҳнат қарор

доранд. Қонунҳои умумии муайянкунандаи фаъолияти одамон оғози худро дар «нишонаҳое» ёфтаанд, ки дар ҳувияти табиии одамон хуфтаанд: «...қонунҳои умумие баррасӣ мегарданд, ки дар нишонаҳо гузошта шуда, фаъолияти одамонро муайян мекунанд, берун аз ҳадди олоти меҳнат хуфта, танҳо шаклҳои гуногунро вобаста ба сатҳи инкишофи истеҳсолот соҳиб мешаванд» [7, 113]. Дар ҷойи дигар раванди инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ, тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаро ки тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аз он бармеояд, дар ташаккули қобилиятҳои инсонӣ ба шубҳа мегузорад: «кӯшишҳое ҳастанд ки қобилияти инсонро мустақиман ва бевосита аз тақсимоти меҳнат медонанд» [7, 105]. Дар ҳамин саҳифа муаллиф андешаи барьаксро пешниҳод мекунад: «Худ ба худ маълум аст, ки инкишофи қобилиятҳо аз тақсимоти меҳнат вобаста аст». Дар ин баҳогузорӣ вайроншавии мантиқии фикр комилан мушоҳида мешавад. Якҷо гуфта мешавад: «нишонаҳои» қобилият фаъолияти инсонҳоро муайян мекунанд» ва ҳамин принсипро идома дода, моҳияти ҷамъиятӣ ва фаъолиятии қобилиятҳоро интиқод карда, изҳори қатъии эътироз пеш мегузорад: «баъзеҳо кӯшиш мекунанд қобилияти инсонро аз таркиботи тақсимоти меҳнат бидонанд». Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат раванди табиию таърихиест, ки онҷо доманаи фарохи истеҳсолот талаботҳои бузург ва фаъолиятҳои ногузирро эҷод месозад. Маҳз дар ҳамин раванди объективии таърихӣ имконияти эҷод шудани ҳазорон касбу ихтисос, даҳҳо усули кору фаъолият, тарзҳои нави қобилияту малака, маҳорату истеъдод ба вуҷуд меоянд. Чуноне болотар мушоҳида намудем, ба ҳамин хулоса худи профессор А.М. Ковалев низ омадааст, ки комилан андешаҳои аввали ӯро инкор мекунад: «инкишофи қобилиятҳо аз тақсимоти меҳнат вобаста аст». Вале поёнтар боз мулоҳизае меронад, ки ӯро ба оғӯши пайравони назари «нишонасозон» ҳавола месозад: «Табиати иҷтимоӣ маҷмуи сифатҳои умумӣ, нисбатан устувор, решагӣ (аслӣ) ва табиию таърихии инсон аст, ки тавассути нишонаҳо (аломатҳои ирсии қобилият. – С.Н.С., Н.И.С.) муайян гаштаю ошкор гардида, дар заминаи шароитҳои иҷтимоӣ намудҳои рафтор ва фаъолиятро тавлид месозанд» [7, 113]. Ба ақидаи муаллиф, ҳамин «нишонаю осори» дар узви биологии инсон хобида, сифатҳои таърихӣ ва устувори инсонро муайян карда, шаклҳои рафтору фаъолияти инсонро, ки сирф мундариҷаи иҷтимоию таърихӣ дорад, тавлид месохтааст. Пайванд сохтани сифатҳои иҷтимоию таърихӣ ва қонуниятҳои инкишофи фаъолиятҳои предметию талаботии инсон ба «осору нишонаҳо»-и дар ҳувияти биологии инсон хуфта, маънои шарҳи фаталистии сарнавишти инсони таърихию ҷамъиятиро дорад. Ҳанӯз инсон ба фазои муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба тарзҳои махсуси фаъолияти истеҳсолӣ ҷалб нагашта, «нишонаю осори» қобилияти дар таркиботи узвии инсон хуфта, қаблан инсонро раҳнамоӣ кунад, дар ин ҳолат воқеан ҳам чунин нуқтаи назар метавонад тавзеҳи фаталистии сарнавишти инсон бошад. Ҳарчанд, ки дар саҳифаҳои аввали китоб, А.М. Ковалев фарқияту гуногунии қобилиятҳои инсонро дар муҳити ҳаётию фаъолияти иҷтимоӣ ба эътибор гирад ҳам, мутаассифона хусусияту сифатҳои иҷтимоиро ба табиати биологии инсон тобеъ сохта, дар масъалагузории муаллиф, моҳияти иҷтимоии қобилият ба сифр баробар карда мешавад. Масалан, «табиат на танҳо узви фаъоли иҷтимоиро месозад, балки табиат сарҳади баъдии он, самти ҳаракат ва қонуниятҳои вусъат гирифтани онро муайян мекунад» [7, 13-46], менависад А.М. Ковалев. Дар ҷараёни андешаронииҳо доир ба сифатҳои иҷтимоию таърихии инсон А.М. Ковалев тадриҷан мавқеи методологии худро тағйир медиҳад. Дар ҷойи дигар ҷамъиятро низоми махсуси аз табиат ҷудошудае медонад, ки «дар заминаи қонунҳои сифатии дигар» [7, 56] инкишоф меёбад. Минбаъд, муаллиф зикр мекунад, ки шаклҳои мушаххаси зуҳури фаъолияти одамон «ба меросӣ намегузаранд, балки дар раванди инкишофи инсон ва робитаи мутақобилаи ӯ бо муҳити муайяни иҷтимоӣ инкишоф ёфтаву зуҳур мекунанд. Аз ин рӯ, дар муқоиса ба анкабут ва орӯ (занбур) одамон вобаста ба шароит қобилият ба шаклҳои гуногуни фаъолияти хешро доранд» [7, 172-173]. Дар андешаи аввал «нишонаю осори» ирсии инсон неруи тавоное баромад мекунад, ки он қонуниятҳои тараққиёти ҷомеа ва ташаккули инсони иҷтимоиро муқаррар месозад. Баъдан, «нишонаю осори» ирсӣ аз тахти сарнишини «омили аввалу муайянкунанда» сарнагун мешавад. Болотар мушоҳида намуда будем, ки воқеияти ҳаёти

иҷтимоию иқтисодӣ, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат омили пешбари неруҳои моҳиятии инсон аст, вале дар таҳқиқотҳои А.М. Ковалев дар як ҷой нақши тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар ҷараёни ташаккули қобилиятҳои инсон ба эътибор гирифта нашуда, дар ҷойи дигар баръакс, нақши фаъолияти ҳаётӣ ва раванди таърихии инсон дар офарида шудани қобилиятҳои инсонӣ эътироф мешавад. Ӯ менависад: «Фаҳмиши материалистии таърих аз нуқтаи назаре баромад мекунад, ки дар инсон, ҷомеа умуман ягон сифати ирсӣ ва ё шакли ирсии ҳаёти иҷтимоӣ нест. Дар робита ба ин набояд ҳамагуна кӯшиши ба шахсияти инсон сифатҳои ирсӣ доданро самаранок эътироф кард. Ҳамаи онҳо маҳсули инкишофи иҷтимоӣ ҳастанд» [7, 220]. Дар адабиёти фалсафӣ чунин тарзи андешарониро абракадабраи (ҳарзагӯиҳо) фикр меноманд ва муҳаққиқоне чун Э.В. Иленков, А.Н. Леонтев ва С.Наврузов дар осорашон хело ботафсил ин гуна олимонро танқид кардаанд [17, 80-103]. Омилҳои иҷтимоӣ аз фаъолияту меҳнат, аз доираи талаботу зарурат ҳои истеҳсолию таърихӣ бармеоянд. Ҳамин омилҳои иҷтимоӣ моҳияти воқеии неруҳои иҷтимоии инсон, на танҳо фаъолияту талабот, балки қобилиятҳои инсонро низ муайян сохта, таъиноти ҷамъиятӣ ва мазмуни ҳаётӣ доштани қобилиятҳои инсониро исбот месозанд. Хушбахтона дар миёни файласуфон ва равоншиносони замони Шӯравӣ муҳаққиқоне буданд, ки моҳияти фаъолиятию талаботии қобилиятҳои инсониро дарк карда, назари воқеии қобилиятшиносиро пешниҳод менамуданд. Яке аз файласуфони шинохтаи шӯравӣ Э.В. Иленков идеяи қобилиятҳои фаъолиятиро инкишоф дода, андешаҳои худро доир ба проблемаи қобилиятҳои инсон, қобилиятҳое, ки характеру моҳияти фаъолиятию предметӣ доранд, ба миён мегузорад. Э.Иленков дар сафи пеши мубориѕони идеологияи воқеънигорӣ, материалистию таърихӣ ва марксизми аслӣ буд. Ҳамин ҷиҳати нотакрори таҳқиқоти Э.Иленковро В.С. Степин чунин баҳогузорӣ мекунад: «Э.Иленков идеяи марксизми аутентиро (аслиро) инкишоф медиҳад ва ин инкишофи комилан нодире мебошад» [19, 118]. Дар миёни равоншиносон муҳаққиқоне чун В.В. Давидов, Е.А. Климов назарияи фаъолиятии қобилиятҳоро инкишоф дода, ҳама гуна «осору нишонаҷӯӣ»-ро дар узвияти биологии инсон танқид намудаанд [5, 3-8]. Муаллифи китоби «Психология» П.А. Рудик доир ба раванди ташаккули қобилиятҳои инсонӣ мулоҳизаи дуруст кардааст. Ӯ зикр намудааст, ки «... на нишонаю осори биологӣ, балки тақсимоти меҳнат, ки дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷамъият пайдо шудааст, сабаби пайдоиши қобилияти одамон гаштааст» [14, 154].

Дар адабиёти антропологӣ ва фалсафӣ маъмулан ду садсолаи охир ба хотири эҳтиром гузоштан ба ҳувияти биологию физиологии инсон муаллифони гуногун, аксаран онҳое, ки ба таҳқиқи неруҳои моҳиятии инсон камтар сару кор доранд, ҳар лаҳзаи муфид аз моҳияти биологӣ доштани қобилиятҳои инсонӣ ҳарф мезананд. Барои аксари онҳо неруҳои моҳиятии инсонӣ, хусусан талабот ва фаъолиятҳои инсонӣ моҳияти иҷтимоию таърихӣ доранд, аммо агар сухан аз қобилиятҳои дар зиндагии ҷамъиятии инсон ба даст овардашуда равад, ҳамон замон ин муаллифон заминаи пайдо шудани онро ба таркиботи биологии инсон ҳавола мекунад. Иддае аз муҳаққиқон дар қадами аввал эътироф мекунанд, ки инсон маҳз дар ҷараёни инкишофи таърихиаш ба фаъолият, ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат оғоз мекунад ва дар саҳнаи ҳаёти воқеии ҷамъиятиаш талаботу рафтору амалашро ба роҳ мемонад. Аммо ҳамин ки сухан дар бораи маҳорату истеъдоду қобилияти инсон равад ҳамон замон ибораи «нишонаю осори» ирсӣ ва ё аз мафҳуми «пайдоиши табиии қобилиятҳо» сухан мегӯянд. Муалифони китоби «Физиологияи фаъолияти олии асаб ва психология» дар ҷараёни тавзеҳи қобилиятҳои инсонӣ дар бораи «пайдоиши табиии қобилиятҳо» ҳарф зада, муайян намекунанд, ки сухан дар бораи кадом қобилиятҳои инсон меравад [3, 69].

Ҳамчуноне, ки дар таълимоти идеалистии Афлотун – мувофиқи назарияи анамнезис одамон ҳанӯз дар олами қудс сифатҳои инсонӣ ва ғановати маърифатиашонро соҳибанд, инҷо ҳам, фақат дар бадан, дар узвияти биологии инсон сифатҳои иҷтимоии инсон интизори тавлиди одам, хуфтаанд. Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар «Идеологияи немис» нуқтаи назари идеологҳои аввалини анархизм, ҷавонҳегелчиён М.Штирнер ва Б.Бауэрро мавриди танқид қарор медиҳанд, ки раванди инкишофи таърихии инсониятро

ба сифатҳои авлодию биологии инсон пайваст мекунанд: «Авлод ба шарофати нишонаҳо татбиқ мегардад. Дасти ту пурра ба маънои авлоди инсон татбиқ шудааст, вагарна даст набуда, панҷаю пой мебуд… Дар фаҳмиши М.Штирнер авлод новобаста аз назорати фардҳо ва сатҳи инкишофи таърихиашон ҳастии бевоситаи фардҳоро дар нутфаи онҳо муайян мекунанд» [8, 427].

Инсон озод буда наметавонад, агар ҳаёт, фаъолият, эҷодиёт, қобилият, ҳаракати иҷтимоӣ ва дурнамои таърихии ӯ қолаби дар лоиҳа ҷойдодаи «нишонаҳо»-и узвияти ӯ бошад. Таърихи ҷомеаи инсонӣ новобаста аз кӯфту кӯтал, монеаю мушкилӣ раванди бознагарданда, баландшавии озодии инсон ва такомулёбии қобилияту малакаи инсон аст. Бидуни болоравии сатҳи озодӣ ва афзоиши қобилияти инсон таърихи инсонӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фарҳанги сохтаи инсон, таҷрибаи андӯхтаи ӯ, ки дар предмету олотҳои ихтироънамудааш таҷассум ёфтааст, идомаи бадан ва дасти сунъии инсон аст. Ба ақидаи К.Маркс олоти сунъии сохтаи инсон ҳама гуна маҳдудияти биологии ӯро рахна намуда [10, 4], ба андешаи Ф.Энгелс «ҳар қадаме ба сӯйи фарҳанг қадаме ба сӯйи озодӣ буд» [20, 116].

Дар ҷараёни ба даст овардани озодӣ қобилияти инсон муайянии биологии худро на танҳо «ба охир» мерасонад, балки аз ҳамин ҳолати биологӣ болотар хеста, мавҷуди фаъоли таърихии боло аз узвият мегардад. Қобилияти инсон на танҳо дар ҳамон ҳадде, ки аз табиат дода шудааст, маҳдуд намемонад, на танҳо ба шароити муҳити ҳаётии қаблан додашуда, мутобиқ мегардад, балки ба шароити мавҷуда фаъолона таъсир расонда, ин муҳитро ба тақозои талаботҳою вазифаҳои таърихиаш дигаргун месозад. Ин неруи созандаи таърихию ҷамъиятии инсониест, ки дар «нишонаю осорҳои» узвияти инсон ҷой надоранд. «Нишонаю осори» ба шакли узвӣ дар ҳувияти инсон хуфта, наметавонад воқеияти ҳаётиро бисозад. Бояд дар назар дошт, ки қобилиятҳои инфиродӣ, ҳарчанд онҳо ниҳоят «ғайримуқаррарӣ» ҳам ки набошанд, дар мазраи таърихан ташаккулёбандаю ҳар замон навшавандаи қобилиятҳои иҷтимоии инсонӣ эҷод шудаанд. Ин қобилиятҳои фардиро воқеияти ҳаётӣ ва мушкилоти рӯзмарраи зиндагӣ офаридааст.

## АДАБИЁТ:


1. Аминов Ф.А. Проблема способностей в контексте теории деятельности: автореферат дисс. ... канд. филос. наук: 09.00.11 / Файзали Азимович Аминов. – Душанбе, 2015. – 25 с.
2. Бахур В.Т. Это неповторимое Я / В.Т. Бахур. – М.: Знание, 1986. – 192 с.
3. Воронов Л.Г. Физиология высшей нервной деятельности и психологии / Л.Г. Воронов В.Н. Колбановский, Р.Д. Маш. – М.: Просвещение, 1977. – 223 с.
4. Гегель Г.В.Ф. Феноменология духа. Система наук. Часть первая / Г.В.Ф. Гегель. – СПб.: Наука, 1999.
5. Давыдов В.В. Проблемы деятельности как способа человеческого бытия и принцип монизма / В.В. Давыдов // Деятельность: теории, методология, проблемы. – М.: Политиздат, 1990.
6. Климов Е.А. Становление профессионалов путем приближения к идеалам культуры / Е.А. Климов // Вестник МГУ. Сер. 14. Психология. – 2005. – № 2.
7. Ковалев А.М. Общество и законы его развития / А.М. Ковалев. – М.: Изд-во московского университета, 1975. – 416 с.
8. Маркс К. Немецкая идеология / К.Маркс, Ф.Энгельс // Сочинения. 2-е изд. Том 3. – М.: Госполитиздат, 1955. – 650 с.
9. Наврузов С. Человеческие способности (Соотношение социальных и биологических аспектов) / С. Наврузов. – Душанбе: Ирфон, 1991.
10. Ойзерман Т.И. Homo sapiens преодолевает свою видовую ограниченность / Т.И. Ойзерман // Вопросы философии. – 1988. – № 4.
11. Первомайский Б.Я. Методические рекомендации к исследованию типа высшей нервной деятельности человека для целей психиатрической диагностики и

профориентации / Б.Я. Первомайский. – Ворошиловград: Изд-во Ворошиловградского мед. ин-та, 1974. – 40 с.
12. Первомайский Б.Я. О типологической основе структуры личности / Б.Я. Первомайский // Проблема личности. Материалы симпозиума. – М., 1969.
13. Рубинштейн С.Л. Бытие и сознание/С.Л. Рубинштейн. – М.: АН СССР, 1957. – 332 с.
14. Рудик П.А. Психология / П.А. Рудик. – М.: Физкультура и спорт, 1964. – 461 с
15. Саидов Н. Проблема способностей в истории философии / Н.Саидов. – Душанбе: Сино, 1996.
16. Саидов Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке / Н.С. Саидов. – Душанбе, 2010.
17. Соколова Е.Е. Школа А.Н. Леонтьева и ее роль в развитии деятельностного подхода в психологии / Е.Е. Соколова // Вестник Моск. Ун-та. Сер. 14: Психология. – 2007. – № 2.
18. Теплов, Б.М. Проблемы индивидуальных различий / Б.М. Теплов. – М.: Наука, 1961. – 536 с.
19. Философия и демократия в современном мире. Актуальные проблемы гуманитарного сотрудничества. – М.: Прогресс–Традиция, 2009.
20. Энгельс Ф. Анти-Дюринг / К.Маркс, Ф.Энгельс // Сочинения. 2-е изд. Т. 20. – М.: Госполитиздат, 1961.

УДК: 32 (575.3)

# ТАЪЙИНОТИ ПЕШВО: ҚОБИЛИЯТ БА ШУҶОАТ ВА МУҲАББАТИ БЕИНТИҲО (ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХӢ – ОҒОЗИ КОРНАМОИҲОИ БУЗУРГ)

**АМИНОВ Ф.А.[1]**
**АБДУЛЛОЕВ А.А.[2]**
*[1]Номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*[2]Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Муаллифон қайд мекунанд, ки марҳилаи бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ на танҳо давраи умедворию дигаргуниҳо, балки замони вайроншавии фоҷиавии худи Иттиҳоди Шӯравӣ шуд. "Бозсозиро" ҷомеаи тоҷик бо шикастану пора шудан бо қисматҳои ҳудудию ҷомеавӣ, шиддат гирифтани дингароӣ ва тарафгирии минтақавии аҳолии ҷумҳурӣ пешвоз гирифт. Дар ҷомеаи табодулёбандаи тоҷик тағйиротҳои қатъии иҷтимоию иқтисодӣ сурат мегирифт ва дар шароити авҷ гирифтани зиддиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ зарурати сахти ҳузурияти омили субъективӣ – пешвои умумимиллие, ки қобил аст моҷароҳоро идора карда, роҳи бохирадонаи ҳалли онро ёфта, тарҳи дурнамои инкишофи ҷомеаро муайян намояд, ба миён омад.*

*Дар шароити ҷомеаи гирифтори ихтилофу низоъ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон рӯйдоди таърихӣ ба шумор меравад. Хусусияти сарнавиштсози Иҷлосия дар таърихи ватанӣ ва давлатдории навини тоҷикон дар интихоб намудани Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлат аст. Муаллифон сарвару роҳбарро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-коммуникативӣ муайян намуда, назар доранд, ки ташаккули пешво дар ҷомеаи табодулёбанда ба шароите рӯ ба рӯ меояд, ки онҷо зиддиятҳо авҷ гирифта, меъёрҳои иҷтимоии анъанавию гузашта бо ниҳодҳо, арзишҳо ва муқарраротҳои навин дар низоъ ва бархӯрд қарор мегиранд.*

*Муаллифон ақидаҳои файласуфони бузургро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки пешво ҳамчун баёнкунандаи мунтазаму пайваста, бошуурона ва моҳири манфиатҳою иродаи халқ фарзанди замони хеш ба шумор меравад ва бо фараҳмандӣ зикр менамоянд, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон илҳомбахши воқеӣ ва меъмори барқароршавии сулҳ ва ваҳдати тоҷикон буда, хидматҳои бузургаш ба халқ дар робита ба эҳёи ҳаёти нав дар таърихи Тоҷикистон ворид шуда, ин хидмату ҷоннисориҳо бо ҳуруфи заррин наққошӣ хоҳанд ёфт.*

**Калидвожаҳо:** *ҷамъият, пешво, пешвои сиёсӣ, иҷлосияи таърихӣ, омили субъективӣ, ҳокимият, мартабаи сиёсӣ, озодӣ, демократия.*

# ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ ЛИДЕРА: СПОСОБНОСТЬ К МУЖЕСТВУ И БЕЗГРАНИЧНОЙ ЛЮБВИ (ИСТОРИЧЕСКАЯ СЕССИЯ – НАЧАЛО ВЕЛИКИХ ПОДВИГОВ)

**АМИНОВ Ф.А.[1]**
**АБДУЛЛОЕВ А.А.[2]**
*[1]Кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Научно-исследовательского Института при Таджикском национальном университете*
*[2]Соискатель Института философии, политологии и права имени академика А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Авторы подчёркивают, что период перестройки и гласности стал не только временем надежд и перемен, но и временем трагического разрушения Советского Союза. «Перестройку» таджикское общество встретило расколотым по территориально-общинному признаку и напряженным проявлением религиозной и региональной идентичности населения республики.*

*В трансформирующемся таджикском обществе происходили радикальные социально-политические изменения, и в условиях усиления социально-экономических противоречий остро возрастала роль субъективного фактора – общенационального лидера, который был способен управлять конфликтами, находить рациональный способ их разрешения, определять контур будущего развития общества.*

*Историческим событием в условиях конфликтогенного общества стала XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан. Судьбоносный характер этой сессии в отечественной истории и новой государственности таджиков проявился в избрании Главы государства – Эмомали Рахмона. Авторы определяют лидерство как общественно-политический и социально-коммуникативный феномен и считают, что становление лидера в трансформирующемся обществе, обусловлено обострением противоречий и столкновений старых традиционных ценностей и норм с новыми модернизированными институтами, приоритетами и предпочтениями.*

*Авторы, анализируя мнения великих философов, считают, что лидер, как наиболее последовательный, сознательный и умелый выразитель интересов и воли народа, является сыном своей собственной эпохи и отрадно замечают, что Лидер нации Эмомали Рахмон является реальным вдохновителем и архитектором установления мира и единства таджиков, чьи великие заслуги перед нацией по возрождению новой жизни войдут в историю Таджикистана, запечатлевшись золотыми буквами.*

**Ключевые слова:** *общество, лидер, политический лидер, субъективный фактор, власть, политический авторитет, свобода, демократия, историческая сессия.*

## THE DESTINATION OF A LEADER: THE ABILITY TO LOVE AND UNLIMITED COMPASSION (HISTORICAL SESSION – THE BEGINNING OF GREAT FEATURES)

**AMINOV F.A.[1]**
**ABDULLOEV A.A.[2]**
[1]*Candidate of philosopy scienses, associate professor, leading researcher at the Tajik National University Research Institute*
[2]*Applicant of the Institute of philosophy, law and political science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The authors emphasize that the period of «reorganization» («perestroika») and publicity was not only a time of hope and change, but also a time of tragic destruction of the Soviet Union. Tajik society met the "perestroika" with a split in territorial-communal and tense manifestation of the religious and regional identity of the population of the republic. Radical socio-political changes were taking place in the transforming Tajik society, and in the context of increasing socio-economic contradictions, the role of a subjective factor was acutely increasing – a national leader who was able to manage conflicts, find a rational way to resolve them, and determine the contour of the future development of society.*

*The XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan became a historical event in a conflictogenic society. The fateful nature of this session in the national history and the new statehood of the Tajiks was manifested in the election of the Head of State Emomali Rahmon. The authors define leadership as a socio-political and socio-communicative phenomenon and consider that the formation of a leader in a transforming society is due to the aggravation of contradictions and clashes of old traditional values and norms with new modernized institutions, values and attitudes.*

*Analyzing the opinions of great philosophers, the authors consider that the leader, as the most consistent, conscious and skillful exponent of the interests and will of the people, is the son of his own era and it is gratifying to note that the Leader of the nation, Emomali Rahmon, is the real inspirer and architect of the establishment of peace and unity of Tajiks, whose great services to the nation for the revival of a new life will go down in the history of Tajikistan imprinted in gold letters.*

**Keywords:** *society, leader, political leader, subjective factor, power, political authority, freedom, democracy, historical session.*

Халқҳо ва кишварҳоро фарҳанги пешрафта, дастовардҳои интеллектуалӣ ва саҳмашон дар таърихи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад. Фарҳанг ва эҷодкориҳо тавассути одамон, аниқтараш тавассути намояндагони шоистаи ин халқҳо маъруфият пайдо карда, мақбули ҳамагон мегарданд. Шахсиятҳои бузург на танҳо ҷилодиҳандаи комёбиҳои интеллектуалии фардӣ, балки бозгӯи дастовардҳои моддию маънавии замони муайяни таърихӣ хоҳанд буд. Одамони бузург дар таҳаввулотҳои бузург, дар саҳнаи зиддияту тазодҳои ҷамъиятӣ обутоб ёфта, аз ҳузури муътабар ва аз корнамоиҳои мусаллати хеш, ҳамзамон аз шаҳомати замони таърихӣ ва аз комилияти миллаташон огаҳӣ медиҳанд. Халқи тоҷик тӯли таърихи бисёрҳазорсолааш дар тараққии фарҳанги умумиҷаҳонӣ саҳми созгоре гузошта, корнамоии фарзандони накӯномаш дар маҷрои пешравандаи тамаддуни ҷаҳонӣ шуҳрати оламшумул дорад. Ба хотири озодии Ватан ва ҳифзи муқаддасоти миллӣ ҳазорон намояндаи халқи тоҷик ҷоннисориҳо намуда, зулми аҷнабиён ва занҷири истилои онҳоро пора карданд. Таърих гувоҳ аст, ки ин мардони заковатманду олимони забардаст дар ҷойи холӣ рӯ назадаанд, балки онҳо ҳамон шарбатҳое буданд, ки аз мағз-мағзи ғановати моддию маънавӣ ҷӯш зада, аз таркиботи ҳаёти фарҳангию иҷтимоӣ, иқтисодию сиёсӣ берун шудаанд. Дар муҳити сиёсию фарҳангии империяҳои бузурги асримиёнагии Шарқи исломӣ – чун салтанати Ғазнавиёну Салҷуқиҳо, Темуриёни Ҳинд, Аштархонию Дурраниҳо бо вуҷуди ғайритоҷик будани сарваронашон, забони дарбору аҳлу аёлашон тоҷикӣ ва муҳити фарҳангиашон низ тоҷикӣ буд. Мутаассифона, давоми ҳазор сол, баъди сукути Сомониён, Тоҳириёну Ғуриён ва ғ. то замони ба Истиқлолияти миллию давлатӣ ноил шудани Тоҷикистон дар саҳнаи ҳаёти сиёсии ҷомеаи тоҷикон нафаре набуд, ки ин халқи соҳибфарҳангу бостониро сарварӣ намуда, ба сӯйи мустақилияти миллӣ раҳнамоӣ кунад. Халқи орзупарвари мо танҳо дар қиссаҳою достонҳо озодии худро ҷуста, ба образи пешвоёне чун Амир Ҳамза, Ҳотами Той, хулафои рошиддин, Темури Курагон ва дигарон муҳаббату маҳбубияти худро изҳор мекарданд, ки ин қаҳрамонҳо аслан тоҷик набуданд. Пешвоёни замони бостонро комилан фаромӯш карда, дар назарашон ҳокимони давронро, ки аз миллати мо набуданд, дӯстдорӣ мекарданд. Танҳо замони Истиқлол имкон дод, ки миллати куҳанбунёди тоҷик ба маърифати Сарвари миллӣ, ба фаҳмиши Пешвои ҳаракати истиқлолиятхоҳӣ бирасад. Акнун хаёлу ормонҳои ин халқ дар роҳи шинохти Роҳбаре, ки аз ҳастии миллии онҳо, аз қишрҳои ғанабрафтаи худшиносиашон ҳарф мезанад, тадриҷан амалӣ мегардад. Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи мавзуи сарварону пешвоён, олим ва равоншиноси америкоӣ Уорен Г. Беннис (1925-2014) аст, ки бо сухани мухтасари ҳикматомез таъйиноти пешворо баҳогузорӣ мекунад: «Пешво будан ин хаёлро ба воқеият табдил додан аст» [18]. Таъйиноти роҳбар, сарвар, пешво ва доҳӣ ҳамеша таваҷҷуҳи мутафаккирони фарҳанги ҷаҳониро ҷалб мекард ва то имрӯз даҳҳо муайянкуниҳо, баҳогузориҳо ва тавзеҳот доир ба ин мавзуъ баён гашта, суханҳои ҳикматомез, истиора, андарз, зарбулмасалу мақолҳо дар асотиру ҳукмҳои динӣ ва дар таълимотҳои фалсафию сиёсӣ доир ба сарвар, таҳия шудаанд. Таърихи афкори ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва фалсафии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар замони бостон мутафаккирони барҷаста мавзуи Пешворо таҳлил намуда, ҳузури муваффақи Роҳбар – Шаҳриёрро кафолати осудагӣ ва оромии ҷомеа баҳогузорӣ кардаанд.

Дар бунёди консепсияи инсоншиносии Афлотун образи Роҳбар – ҳаким меистад, ки мувофиқи он давлат ҳамон вақт беҳбуду осудаҳол мегардад, агар ба сари ҳокимият ҳакимон биёянд ва ё нафаре биёяд, ки таваҷҷуҳ ба ҳукмравоии оқилона ва ҳакимона дошта бошад. Агар сарвари сиёсӣ ҳаким набошад, бадӣ ҳукмравои ҷомеа шуда, ба сари қудрат нафароне меоянд, ки донишмандӣ, хулқу атвори онҳо нисбат ба тобеонашон камтар аст. Бадбахттарин марҳилаи ҳаёти сиёсӣ он аст, ки бар сари иттиҳоди одамон нафарони ноқобил, тасодуфӣ ва камхирад биёянд. Ин бадбахтӣ поён надорад, агар сарвари сиёсӣ ноухдабарою беҳунар ва бемасъулияту гапдаро бошад [15, 243]. Арасту дар бораи сарвари бовиқору боазамат навишта, андеша дорад, ки пешво бояд хештанро сазовори бузургӣ шинохта, ба сӯйи бузургӣ ҳаракат намояд. Сарвар олиҳиммату ҷавонмард, бозарофату бошарофат, ботаҳаммул, ботамкин, дурандеш, ростқавл буда, ба

дониш такя намояд, на ба андешаю мулоҳизаи дигарон. Ҳақиқатро биҷӯяд, на ҳодисаю тасодуфро. Одамони дигарро мавриди муҳокима ва маҳкумӣ қарор надиҳад [2, 130-134]. Дар ҳукмномаҳои динӣ низ мақоми роҳбару сарварро ҳамчун идоракунандае медонанд, ки аз ҷониби Худованд таъйин шудааст.

Муҳаққиқони масъала ва мавзуи роҳбари сиёсӣ аксаран ба таълимоти шаҳриёршиносии Николло Макиавелли истинод намуда, андешаҳои ӯро ба маҷрои баҳс ва нақди илмӣ ворид месозанд. Воқеан, дар таърихи афкори сиёсӣ мутафаккири итолёвӣ, ходими сиёсии замони Эҳё – Николло Макиавелли доир ба мақоми шаҳриёр, ҳоким ва сарвари сиёсӣ андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Ҳарчанд, ки баъзе нуқтаҳои ӯро дар хусуси усулҳои муфиди ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ мутафаккирони баъдӣ напазируфтаанд, вале назарияи сиёсии ӯ то имрӯз шуҳрат дошта, алоқамандони зиёдеро ҷалб кардааст. Дар фаҳмиши Макиавелли пешвои сиёсӣ – ин шаҳриёрест, ки ҷомеаро дар атрофи хеш муттаҳид сохта, онро муаррифӣ намуда, ба хотири таъмини амнияту тартибот ва ҳифзи ҳокимияти хеш аз тамоми воситаҳо истифода менамояд. Андешаҳои Макиавелли дар замони бесарусомониҳои мазҳабию дарбории асрҳои XV-XVI ва зиддиятҳои хунинбори байни шаҳрҳои Италия баён шудаанд ва то андозае тундравоёна ва шадид садо медиҳанд. Аммо ҳукмҳои ӯро ҳамчун ёдгории таърихии андешаҳои гузашта, набояд аз мадди назар дур монд: «Шаҳриёр агар бихоҳад, ки тобеинро дар ихтиёри худ қарор диҳад, набояд парвои айбномаҳое чун бетараҳҳумию бераҳмӣ дошта бошад. Чанд иқдоми ҷазодиҳие анҷом дода, ӯ раҳмдилию шафқатеро ифода мекунад дар муқоиса ба он, ки аз бетартибиҳою беназмиҳо чашмпӯшию тағофул кунад. Аз бетартибиҳое, ки ба тороҷу ғорат ва куштор меорад, тамоми аҳолӣ шиканҷа мебинанд, дар сурате, ки аз ҷазою сазои шаҳриёр танҳо одамони алоҳида ҷафою кулфат меёбанд» [11, 95]. Хотирасон бояд кард, ки дар «Насиҳат-ул-мулук»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ айнан ҳамин қазия дар ҳикояте доир ба ҳокими Басра Амр ибни Абиҳӣ (писари Абусуфиён ва бародари халифа Муовия) пешниҳод мегардад. Макиавелли ба сарвару шаҳриёр барои соҳиби обрӯю эътибор шудан тавсияҳои хело ҷолибе медиҳад. Ӯ савол мегузорад: шаҳриёр чӣ кореро анҷом диҳад, ки дар чашми раъият ғамхору бомурувват тобиш ёбад? Худро пуштибони одамони соҳибистеъдод ҳисобида, санъатро инкишоф дода, санъаткоронро ҳавасманд созад. Иттиҳодияҳои касбии шаҳриён – сеххо ва маҳаллаҳои ҳунармандонро дастгирӣ кунад. Гоҳ-гоҳе дар маҷлиси онҳо иштирок намуда, бо ташрифи муборакашон табъи онҳоро болида созад. Тиҷорат, ҳунарҳои касбӣ, молу амвол, хусусан оила ва моликияти онҳоро ҳимоя кунад. Дар ҷамъбасти андешааш менависад, ки «Одамон метавонанд марги падарашонро бубахшанд, дар муқоиса ба амволашон» [11, 97]. Маслиҳатҳои амалии Макиавелли ба шаҳриёроне, ки муштаракан айёрӣ ва қувваи зӯриро истифода мекунанд, аз ҷониби роҳбари инқилоби буржуазии англис Кромвел ва император Наполеон баҳои баланд гирифтааст. Дар миёни мутафаккирони асри XIX доир ба мақоми сарвар ва пешво мутафаккири шинохтаи олмонӣ Фридрих Гегел ҳарф зада, кору фаъолияти ходимони бузурги давлатию сиёсиро дар амал татбиқ шудани ҳадафҳои Руҳи ҷаҳонӣ медонад. Ӯ менависад, ки тавассути фаъолияти одамон Руҳи объективӣ воқеияти объективӣ ва моддӣ, татбиқи моддиро соҳиб мешавад ва тавассути ҳамин фаъолияти одамон Руҳ хештанро шинохта, синтези руҳи объективию субъективӣ ба амал меояд [5, 79].

Назарияи сарвар ва пешворо Фридрих Нитсше (1844-1900) таҳия сохтааст, ки баъдҳо ба андешаю афкори сиёсӣ ва амалияи ҷамъиятӣ таъсири боризе гузоштааст. Ӯ кӯшидааст зарурияти ташаккули Инсон – сарвару пешво, Абармардро (Фавқулинсонро) асоснок кунад. «Ҳадафи инсоният дар симои намояндагони бузургаш хуфтааст. Инсониятро мебояд пайваста кор кунад, то одамони бузургро тавлид созад, дар ҳамин аст вазифаи ӯ, на дар чизи дигаре» [12, 286]. Дар муқаддимаи китоби «Пешвои сиёсӣ»-и муҳаққиқи франсавӣ Жан Блондел гуфта мешавад, ки пешвоёнро мебояд ба мушкилоти ҷомеаи худ созгор бошанд. Онҳо наметавонанд аз паи амалӣ намудани ҳар андешаи дар сарашон омада бидуни муфидият ва имконияти татбиқи он, кӯшиш кунанд. Натиҷаи фаъолияти роҳбари сиёсӣ бешак ба ҳолат ва вазъи муҳити ҳаётии ҷомеаи ӯ пайваст аст.

Аммо созгор будан бо вазъи ҷомеа ва муҳити сохтори сиёсию ҳуқуқӣ танҳо як усули пешбурди фаъолияти сиёсӣ аст [3, 5-12], менависад Жан Блондел. Тарафи дигари фаъолияти сарвар ташкил намудани тарзи дурусти муносибат, пеш аз ҳама бо «атрофиён», яъне аъзоёни ҳукумат аст. Сипас, усули огоҳ будан аз тобеине, ки аз роҳбар дуртар қарор доранд ва рӯзмарра вазифаҳои хидматии хешро анҷом медиҳанд. Муҳимтар аз ҳама робитаи наздик доштан бо оммаи мардум – ба қишрҳои мухталифи иҷтимоии ҷомеа асоси маҳбубият ёфтани сарвар аст, менависад Жан Блондел. Аввали солҳои 1930-ум сотсиологи амрикоӣ Эмори Стивен Богардус даҳ сифати пешворо зикр мекунад: ақл, неру, қобилияти ояндабинӣ (дурандешӣ), таваҷҷуҳро ба худ ҷалб намудан, одоби муомила, эҳсоси зарофатгӯӣ ва хушсуханӣ, хислати қатъӣ ва матинирода будан [6]. Карл Ясперс бошад амали пешвоёни қарни гузаштаро таҳлил намуда, дар бораи се гурӯҳи пешвоён ҳарф мезанад: *пешвоёне, ки бар асари вазъияти ноилоҷ ё ба хотири таскин ёфтани хоҳиши ҳаминлаҳзаинаи ҳамагон интихоб шудаанд, чун вазъ тағйир ёбад, ҳамагон пароканда мешаванд ва ин сарвар ҳам нопадид мегардад; *сарварони авомфиреб; пешвоёне, ки қудрати нигоҳдоштани ҳокимият дошта, устуворона ҳокимиятро саришта мекунанд [21, 105-106].

Дар доманаи андешаҳои равоншиносӣ, антропологӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ низ феномен ва ё падидаи пешворо тавзеҳ додаанд, ки қадимтарин назар ба ин мавзуъ назарияи ҳад ё ҳудуди хислат аст. Ин назария дар заминаи ифшои сифатҳои пешвои идеалӣ-қаҳрамон эҷод шудааст ва дар доираи ин назария таъкид мегардад, ки истеъдоди аълою беҳтарин ба инсон имкон медиҳад, ки дер ё зуд ба сӯйи мартабаи пешво ҳаракат намояд. Дар миёни хислатҳое, ки пешвои сиёсӣ соҳиб аст ақли тез, иродаи қоим ва ҳаракати ҳадафнигорона, неруи пурҷӯш, қобилияти барҷастаи ташкилотчигӣ ва хусусан салоҳиятдорӣ ва омодагӣ ба хотири масъулиятро бар дӯш гирифтан беҳтарин хислатҳо хоҳад буд [1]. Ба сифатҳои ҳатмии пешвоён дар кишварҳои низоми демократӣ иловатан симои зебои аксҷилоӣ, зоҳири диловез ва ҷозибадор, ҳунари боварӣ ва эҳтироми одамонро ба даст овардан низ аз аҳаммият холӣ нест. Назарияи вазъ ё имконулшароит аз ҷониби Р.Стогдилл, Т.Хилтон, А.Голдиер пешниҳод мегардад, ки пайдо шудани пешво ё сарварро ба ҳолати вазъи нисбӣ ва ё ба зиёд будани довталабони ин ҷабҳа алоқаманд месозанд. Аз нуқтаи назари Р.Стогдилл сарвар – натиҷаи вазъи муайян буда, дар марҳилаҳои фалокатоваре чун ҷангҳою инқилобҳо, буҳронҳои шадид ва ғ. вазифаи тақдирсозеро бар дӯш мегирад. Дар ин ҳолат пешворо мебояд манфиатҳоро омӯхта, нуқтаи пешрафтро ёфта, хислатҳои шахсиашро чун ҳунари ба даст овардани мусолиҳа истифода бурда, ҳамзамон одамонро мутаяқин сохта, аҳли ҷомеаро ҷалб намуда, ба онҳо таъсир гузошта, нақшҳоро дуруст тақсим намуда, ояндаро равшан тасаввур карда, аз арзишҳои муътабару писандида пуштибонӣ кунад [10].

Тавсифи сарвару пешво аз ҷониби аксари мутафаккирони гузаштаю ҳозира ба хулосае меорад, ки пешво будан корест басо мушкилу мураккаб, пурхатар ва сангин. Зеро воситаҳои татбиқи иродаи пешво гуногун буда, вобаста ба шароити ҳаётӣ, вазъи ҷаҳонӣ, таъсири зуҳуроти геополитикӣ, авзои руҳонии мардум, ҳолати хавфу хатар – чун ҳодисаҳои табиӣ, иқлимӣ, таҳдиди бемориҳои оммавӣ ва ғайра коркарди усулҳои хосси фаъолияти сиёсӣ-фарҳангӣ, иҷтимоию экологиро тақозо дорад. Одамон майл ба сӯйи бартарӣ доштану афзалият ёфтан доранд. Агар дар ҷабҳаи ҳаёти шахсӣ муваффақ набошанд, мехоҳанд ин муваффақиятро дар пирӯзии наздиконашон, авлоду қабила, аҳли ноҳияву ҷумҳурию миллаташон биҷӯянд. Ниятҳои дар қалбашон нуҳуфтаро мехоҳанд дар корҳои ифтихорӣ ва фаъолияти ҷилодиҳандаи сарварашон бинанд. Ҳар дастоварди кишвар, чӣ сиёсӣ, чӣ иқтисодию фарҳангӣ ва варзишӣ, агар онҷо ширкат ва саҳмияи роҳбарашонро бинанд, чун пирӯзии худ қабул мекунанд. Фридрих Нитсше менависад, ки ҳар қадар пирӯзиҳои хурд зиёд бошад, ҳамон қадар бештар сӯйи пирӯзиҳои бузург мебарад [12, 286].

Пешво будан ин маҳбубияти ҳамагонро ба даст оварда, ба дигарон таъсир гузоштан аст. Таъсир гузоштан ба андешаи одамон ва ба амалияи ҷамъиятӣ ворид шудани пешворо аксари мутафаккирон хосатан таъкид менамоянд. Аммо на ҳама гуна

таъсир, балки ҳамон таъсиреро дар назар доранд, ки чунин хусусиятҳо дошта бошад: аввалан ин таъсир мунтазам сурат гирад, баъдан таъсири сарварии пешво на ба одамони алоҳида, балки васеътар, ба ҳамагон – ба кулли аъзои ҷомеа нигаронида шавад, инчунин пешвои сиёсиро мебояд дар муқоиса ба дигар муддаиён афзалияти фарққунандаю таъсирбахштаре дошта бошад. Сипас, таъсири пешво на ба воситаи татбиқи зӯрӣ, балки тавассути обрӯ ва эътирофи ҳаққонияти роҳбарии ӯ бошад. Пешвои воқеӣ шудан танҳо дар ҷомеаҳои демократӣ ва дунявӣ муяссар мешавад, ки онҷо одамон довталабона, ихтиёрона мартабаи маҳбубияти сарварро эътироф кунанд. Пешво – рамзи ваҳдати умум ва намунаи беҳтарини пайравӣ аст. Ба Пешвои ҳақиқӣ маҳбубияту муҳаббати ҳамагон на бо супориши боло, балки аз қаъри ҳассосияти самимӣ ва часпу талоши табиӣ сурат бигирад. Дар ҷодаи шинохти пешво зарурияту эҳтиёҷ, тақозою талаботи шаҳрвандоне, ки оқилона, бо амри иродаи нек меҳоҳанд ба низоми воҳиди иҷтимоию сиёсӣ муштаракан ворид шаванд, нақши ҳалкунанда дорад. Одамон эҳсос кунанд, ки дар ҳамин ягонагию ваҳдат неруи тавонои онҳо хуфта аст ва маҳз ҳамин сарҷамъӣ метавонад ҳадафҳои зиндагии халқ ва ояндаи неки ватанашонро таъмин созад. Онҳо дар симои сарвар орзую омоли дар қаъри нияташон ҷойдоштаро меҷӯянд ва дар ҳар амали неку муваффақонаи раҳбар татбиқи ҳадафҳои хешро мебинанд. Шахсиятҳои бузург воқеан ҳам раҳнамои рӯзгори ба мушкилот афтодаи одамон ҳастанд. Франклин Делано Рузвелт дар ҳолати буҳрони шадиди иқтисодию иҷтимоӣ президенти ИМА интихоб шуда, баъди худ (баъди чаҳор дафъа президент интихоб шуданаш) ИМА-ро ҳамчун давлати аввалини дорои силоҳи ядроӣ ва «фародавлат»-и бузург боқӣ гузошт. Либералҳои америкоӣ то ҳанӯз ӯро ҳамчун бунёдгузори давлати иҷтимоӣ ба некӣ ном мебаранд [4]. Нодида набояд гирифт, ки америкоиҳо ба эҳтироми сарварони сиёсию давлатиашон бисёр боэҳтиром ва бо муҳаббати зиёд ҳарф мезананд. Онҳо роҳбарони сиёсии кишварҳои дигарро «диктатор» ном гиранд ҳам, сарварони худ, ниҳоди сиёсии президентии худро бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ қадршиносӣ мекунанд. Ҳатто «Рӯзи президент» – ҳар душанбеи ҳафтаи сеюми моҳи февралро ба хотири рӯзи таваллуди аввалин президенти ИМА Ҷорҷ Вашингтон – рӯзи истироҳат эълон кардаанд (Ҷорҷ Вашингтон – ғуломдоре, ки пеш аз вафоташ ба 90 ғуломаш озодӣ бахшид).

Сарнавишти Тоҷикистон, ҷумҳурии ақибмондатарини Иттиҳоди Шӯравӣ дар муқоиса ба кишварҳои абарқудрате чун ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин, Ҳиндустон, Россия ва ғ. комилан фарқ мекунад. Истиқлолияти миллию давлатӣ ёфтани Тоҷикистон бар асари заволи империяи бузурги Иттиҳоди Шӯравӣ муяссар шуд. Месазад зикр кунем, ки парокандашавии империяҳои бузург раванди табиию таърихӣ буда, омилҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ин равандро метезонанд ва ё ба ақиб мепартоянд. Эъмори ҷомеаи сотсиалистӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар баробари афзалиятҳои иҷтимоӣ доштааш, чанд омилҳои манфиеро дар таркиби хеш дошт, ки тадриҷан сабабгори ба буҳрони вазнини иқтисодию иҷтимоӣ ғутидани он гардид. Аз ҷумла, низоми иқтисодии банақшагирии истеҳсолот, бидуни натиҷагирии мусбии он, аз байн бурдани шаклҳои табиию таърихии хоҷагидорӣ, аз қабили нест кардани моликияти хусусӣ, маҳви иқтисоди бозаргонӣ ва савдои озод, сиёсати фарқ нагузоштани ҳаққи кор, баробармузд сохтани фаъолияти қишрҳои мухталифи ҷомеа аз омилҳое буданд, ки руҳияи меҳнатдӯстӣ ва заҳмати содиқонаро комилан аз байн бурда, ба таври сунъӣ табақаи муфтхӯр ва имтиёзноки ҷомеаро ба вуҷуд меовард. Коркарди зараровари замин боиси он гашт, ки ҳатто ҳиссаи зарурии ғалла аз ҳориҷа харидорӣ мешуд. Танҳо бо умеди тиҷорати нафт шудани роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ боиси он шуд, ки бо супориши ИМА кишварҳои арабӣ фавран қиммати нафтро то 8-9 доллар поин карданд. Ин қиммат ҳатто хароҷоти истеҳсоли нафтро намепӯшонд. Ба ғайр аз ин омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, боз даҳҳо омилҳои дигари характери сиёсӣ, идеологӣ, миллӣ доштае буданд, ки ба заиф шудани низоми сиёсӣ, маънавӣ, низомӣ ва иқтисодии мамлакати бузург оварда расонд. Инҷо танҳо метавон дар бораи як навоқиси нозуки низоми давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ ёдовар шуд, ки ҳамеша эътирози халқҳои ин кишварро афзун месохт ва муҳаббати миллатҳои канориро нисбати ин Иттиҳод кам мекард. Ин қазияи дар нисбати

ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пеш бурдани сиёсати марказгироӣ ва тантанаи афзалияти русҳо ҳамчун сарлавҳаи таркиботи Халқи шӯравӣ, монеа сохтан дар роҳи инкишофи забонҳои миллӣ ва ба расмият нашинохтани арзишҳои миллӣ буд. Дар ҷараёни шиддат гирифтани буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию миллӣ омили дигари субъективие, ки ин кишвари бузургро ба гирдоби ҳалокат раҳнамоӣ мекард, фаъолиятҳои қишри ба фасодкорӣ ва коррупсия даст задаи элитаи сиёсию низомии Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Ҳамин тавр, нимаи дуюми солҳои 80-уми қарни XX маъракаи умумииттифоқии «Бозсозӣ» оғоз ёфт, ки ҳадафаш нав гардонидани системаи сотсиалистӣ, рӯ овардан ба ошкорбаёнӣ ва фошгӯӣ, инчунин ба назари интиқодию воқеӣ таҳлил намудани таърихи Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Ин ҳаракати бозсозӣ як навъ усули раҳоӣ ёфтан аз буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию миллӣ буд ва роҳбарияти сиёсии ҳамонвақтаи Иттиҳоди Шӯравӣ роҳи ягонаи халосиро дар бозсозии тамоми системаи идоракунии кишвари бузург медиданд. Барои татбиқи ин ормонҳо сиёсати Бозсозӣ ва ошкорбаёниро пеш гирифта, бо истифодаи ошкоргӯӣ муқобилияти номенклатураи ҳизбиро пахш намуда, сипас ҳизби коммунист ва тамоми ҷомеаро тағйиру табдил додан хостанд. Шиорҳои ин маърака чунин буд: татбиқи худидоракунии сотсиалистии халқ, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрванд, устувор намудани интернатсионализм, тарбияи ватандӯстии сотсиалистӣ, инчунин устувор намудани яке аз принсипҳои муҳимми бозсозӣ-ошкорбаёнӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт [13, 628-655]. Аммо ин чорабиниҳои бетаъхиру «барнагарданда» низоми сотсиалистии шӯравиро наҷот набахшид. Ду фоҷиаи бузурги асри XX – яке ба ҷанги гаронхароҷоти Афғонистон ворид шудани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дуюм садамаи нерӯгоҳи атомии Чернобил оқибати вазнини молиявӣ ва буҳрони тоқатфарсои иқтисодиро ба бор оварда, селобаи босуръати харобкории «бозсозиро» вусъат бахшид ва даҳҳо миллион одамони осудаҳолро ба маҷрои нороҳатию парешонӣ партофта, ҳамин миқдор одамонро аз маҳали зист ва муҳити фаъолияти доимиашон маҳрум сохт. Ба ғайр аз ин, дастгоҳҳои ҷосусӣ ва идеологии Ғарб тӯли даҳсолаҳо мекӯшиданд то низоми ҷаҳонии сотсиализмро, ки аслан бо ташаббуси Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шудаю аз ҳисоби он маблағгузорӣ мегашт, сарнагун созанд. Аз ин рӯ дурнамои нобуд сохтани Иттиҳоди Шӯравиро ҳадафи хеш қарор дода, бо ин мақсад барномаҳои гуногун ва амалиётҳои гаронбаҳоро тарҳрезӣ мекарданд. Намунаи равшани ин фаъолиятҳо таъсиси «Клуби Рим» (соли 1968) буд, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияташ таҳия сохтани усулҳои муносибу мувофиқи вайронсозии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ҳаёҳӯи бозсозӣ ба муқаддасоти асосии низоми сотсиалистӣ-ба идеологияи коммунистӣ ҳамла оғоз гардид. Аз таърих маълум аст, ки тағйир додани арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқӣ ба пора шудани тамоми системаи иқтисодию иҷтимоӣ хоҳад овард. Чиниҳо низоми иқтисодиро тағйир дода бошанд ҳам, вале ба идеология ва соҳаи маънавиёти ҷомеа на танҳо тағйирот надароварданд, балки самти идеологӣ ва соҳаи фарҳанги расмии давлатиашонро дар ҳамон қолаби таърихию анъанавиашон бештар мустаҳакам намуданд. Коммунизмро на танҳо маҳсули марксизм, балки зуҳуроти аз ниҳоди тамаддуни бостониашон маншагиранда, эълон доштанд. Модернизатсияи иқтисодиашонро ҷавобгӯи талаботҳои маънавӣ ва барқарор намудани неруи тавонои таърихиашон баҳогузорӣ карданд. Ба мақом ва таъйиноти сарвари собиқ, доҳии низоми коммунистии Чин Мао Тсезе Дун кордор нашуда, баръакс хидматҳои ӯро боз ҳам хосатан таъкид намуданд. Онҳо принсипи меросияти таърихиро дар амал татбиқ намуда, эҳтиромро ба таърихи гузаштаашон қувват бахшиданд. Чунин усули пеш бурдани низоми сиёсию фарҳангӣ ба хотири устувор нигоҳ доштани фазои идеологӣ, эҳтиёт намудани муҳити маънавӣ ва қоим нигоҳ доштани мафкураи даҳсолаҳо ташаккулёфта буд, ки ҷамъи ин омилҳо кафолати таъмини амният ва осудагии кишвар ба ҳисоб мерафт. Рӯбинои (надстройкаи) ҳуқуқӣ-сиёсӣ идомаи ташаккули зербинои (базиси) иқтисодию иҷтимоӣ ҳам бошад, тағйироти куллӣ дар низоми ҳуқуқӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва дигар унсурҳои рӯбинои ҳуқуқӣ-сиёсӣ пойдевори базиси иқтисодиро вожгун сохта, мундариҷаи базиси иқтисодиро комилан тағйир медиҳад. Хусусан бо роҳи сунъӣ сарнагун сохтани

сохтори идеологӣ, пора кардани маънавиёт ва фалаҷ намудани ниҳодҳои мафкураю ҷаҳонбинисозанда оқибатҳои фоҷиавӣ дошта, сарнавишти миллионҳо одамонро ба парешонию бадбахтӣ тела медиҳад. Чунин раванди сарнагунсозандаи арзишҳо ва поймол намудани муқаддасоти таърихию маънавӣ дар раванди ҳамин «Бозсозӣ» оғоз шуд. Инҷо аввал ба «фош намудани» симои яке аз барпокунандагони Иттиҳоди Шуравӣ Иосиф Сталин оғоз гардид, ки ҳанӯз барвақтар-баъди вафоташ доираҳои алоҳидаи низоми идеологии Шӯравӣ аллакай номи ӯро аз хотираи халқ зудуданӣ буданд. Ин симои таърихию сиёсӣ он қадар дар қалби шаҳрвандони муқаррарӣ, собиқадорони ҷангу меҳнат ҷой гирифта буд, ки дар кишвари бузурги Иттиҳоди Шӯравӣ оммаи мардум аксҳо, навиштаҳо ва нутқҳояшро самимона нигоҳдорӣ карда, нисбати ӯ ҳамчун рамзи далерию покӣ ва мубориз оштинопазири роҳи сотсиализми адолатпарвар изҳори маҳбубият мекарданд. Баъди кам шудани насли калонсол ва мустақилият пайдо кардани қишри ҷавонони «озодихоҳ» заминаи афкори ватандӯстии шӯравӣ завол ёфт ва аҳолии ҷумҳуриҳои назди Балтикаю Қафқоз ошкоро ба шикастани бинои воҳиди Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз карданд. Шурои Олии Эстония ҳанӯз 16 ноябри соли 1988 декларатсия дар бораи истиқлолиятро қабул намуда, афзалияти қонунҳои Эстонияро аз болои қонунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ эълон кард ва яке аз аввалинҳо шуда раҳпаймоии истиқлолиятхоҳонро оғоз карда буданд. Таъсири ин зуҳурот ба Тоҷикистон низ омада расид ва Тоҷикистон низ ба амвоҷи босуръат ҳаракаткунандаи истиқлолиятхоҳии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамроҳ шуд. Иҷлосияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздахум), дар таърихи 24 августи соли 1990 Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Точикистонро қабул намуд. Дар моддаи 1-уми Эъломия мафҳуми Истиқлолияти давлатӣ – «ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ» дарҷ гардид. Дар ин Эъломия нахустин маротиба андешаи тақсимоти ҳокимият ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ баён гардид. Ин эъломия бо вуҷуди устувор намудани ҳуқуқи ҷумҳурӣ ба сарватҳои миллӣ, замин, сарватҳои зеризаминӣ, низоми бонкӣ ва ба эътибор гирифтани мустақилона муайян кардани сиёсати молия, қарз, нарх ва ғ. Аммо ин Эъломия Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳайати ИҶШС ва дар доираи салоҳияти он тасаввур мекард. Баъдтар, Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии ҶТ аз 9-уми сентябри соли 1991 Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» эълон дошт ва бо қарори махсус таҳти унвони «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин изҳоротро қонунӣ гардонд. ҳамин тавр, 9 сентябр рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуд ва чун санаи муҳимму тақдирсози таърихи навини тоҷикон, эътироф гашт.

Месазад хотирасон кард, ки дар ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ бо тамкини хосса ва салоҳдиди оқилона аз фаро расидани истиқлолияти миллию давлатӣ пуштибонӣ намуда, муташаккилона ба эъмори ҷомеаи дунявию демократӣ шурӯъ намуданд. Ин дар шароите ҷараён гирифта буд, ки охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта вазъи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ хароб гашта буд ва одамон барои дарёфти оддитарин анвои рӯзгор навбатпоӣ мекарданд. Корхонаҳои саноатӣ муфлис шуда, шакли нави хоҷагидорӣ – кооперативу корхонаҳои шахсӣ пайдо гашт, ки он замон ҳанӯз эҳтиёҷоти мардумро қонеъ намесохт. Агар дар ҷумҳуриҳои дигари шӯравӣ рафъи ин мушкилиҳои ногаҳон сарзадаро бо таҳаммул ва кордонӣ пеш гирифта бошанд, дар Тоҷикистон ҳамагуна ислоҳотҳои иқтисодию иҷтимоиро ба фазои баҳсҳои ниқорситонию адоватпешагӣ тела доданд. «Бозсозиро» ҷомеаи тоҷик бо шикастану пора шудан бо қисматҳои ҳудудию ҷомеавӣ ва шиддат гирифтани тарафгирии минтақавии аҳолии ҷумҳурӣ пешвоз гирифт.

Дар ҷомеаи таբодулёбандаи тоҷик тағйироти қатъии иҷтимоию иқтисодӣ сурат мегирифт ва дар шароити авҷ гирифтани зиддиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ зарурати сахти ҳузурияти омили субъективӣ – пешвои умумимиллие, ки қобил аст моҷароҳоро идора карда, роҳи бохирадонаи ҳалли онро ёфта, тарҳи дурнамои инкишофи ҷомеаро муайян

намояд, ба миён омад. Дар раванди босуръати ҳаракатҳои эътирозӣ ва ҷунбишҳои миллӣ-этникӣ ягон-ягон сухандонҳою «ҳақталабон» баландгӯякро гирифта, бо ҳунари сухanoроию суханпардозӣ аз манофеи умумимиллӣ овоз медоданд. Ташаббуси бештарро равшанфикрони дар Маскаву шаҳрҳои дигари марказии Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсилкарда, зиёиёни дар хориҷа кор карда, инчунин матбуотчиёни аз ҳама воқеаҳо бохабар бар дӯши хеш гирифтанд. Инчунин шоирону ҳунармандони саҳна, профессорону ходимони фарҳанг, донишҷӯён ва хусусан руҳониёни сиёсишуда ҳарчӣ зиёд мехостанд худро равшантар муаррифӣ карда, маҳбубияти мардумро соҳиб шаванд. Андешаҳои хуб доир ба истиқлолияти миллӣ, таҳкими забони тоҷикӣ ва ғ. нашр мешуд, вале чун маъракаи «фошгӯию расвосозию ошкорбаёнкунӣ» характери оммавиро гирифта буд, дигар ҳар касе, ки «микрофони озод»-ро ба даст мегирифт, ба мазамматсозию айбдоркунӣ мепардохт. Пешомади нохушеро эҳсос карда, ҳар нафаре илоҷи раҳоиро дар изҳор намудани фаҳмиши шахсии худ меҷуст ва ҳар «озодандеше» то ҳадалимкон мекӯшид, одамони бештареро ба гирдоби андешаҳои худ ғарқ созад. Фаъолони ҳаракати «озодсуханӣ» ба давуғеҷи ҷазму ҷалб кардани «ҳамфикрон» дода шуда, амвоҷи босуръати бенизомию хаосро афзун месохтанд. Таърих гувоҳ аст: дар ҳолатҳои тақдирсози таърихӣ оммаҳо фаъол шуда, бо амалу эътироз ва селобаи пурталотуми кирдорҳои бенизоме ворид мешаванд, ки оқибати нохуши он ҳатто ба худашон номаълум мемонад. Беҳуда нест, ки мутафаккири испании асри ХХ Хосе Ортега-и-Гассет ҳамон қишри оммаро, ки хештанро ба андозаю меъёри ақл насанҷида, ба маҷрои пурталотуми ҳодисоти хубу нохуб ҳамроҳ сохта, мекӯшанд худро «мисли ҳама» тасаввур карда, аз ин аъмоли хеш мушавваш нагашта, баръакс ифтихор, қаноатмандию ризомандӣ мекунанд, «тӯдаҳо» меномад. Тӯдаҳо, менависад, Хосе Ортега-и-Гассет, бо ҳеҷ касе созиш кардан намехоҳанд, магар бо худ [14, 85]. Ҳамзамон, дар Тоҷикистон маъракаи «озодсуханӣ» ба ҳадде авҷ гирифт, ки «тӯдаҳоро» «аз хоби гарон» бедор сохт. Инҷо афкори даҳсолаҳо ғанабрафтаи норизоию эътироз аз умқи ҳувияти одамон берун шуда, ба фазои «ошкорбаёнию танқид» ҳамсафар шуд. Дар таҳтулшуури коллективи ҳамаи одамон ҳолати ноумедию маъюсӣ, нороҳатию ноилоҷӣ ба вуҷуд омад ва оммаи мардум ба умеди халосӣ аз ин муҳити парешонӣ ба ҳар шиору даъватҳо гӯш дода, онҷо воситаи раҳоиро меҷустанд. «Тӯдаҳо» ё гурӯҳҳои алоҳидаро ба қавли Карл Густав Юнг архетипи [20] (архетип – кал. юнонӣ маънояш намуна, нусхаи аслӣ) эътирозгароию аъмоли вайронкорӣ нисбати низоми сиёсию иқтисодии мавҷуда фаро гирифта буд. Дар матбуот ва барномаҳои телевизионӣ он қадар барномаҳои гуногунмазмун ба нашр мерасиданд, ки онҷо маводҳои характери экстремистию террористидошта кам набуданд.

Нодида набояд гирифт, ки дар тақсим шудани андешаҳо мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки ҳар маҳалли он бо кӯҳҳои баланд печонида шудаю ҳар вилояти он аз якдигар канда буд, таъсири махсусе дошт. Ҳар созмон ва ё ташкилоти сиёсию фарҳангие эҷод мешуд, дар ҳайати роҳбарии худ намояндаи бештари ҳамон минтақаеро дошт, ки сарвари сиёсӣ ва ё фарҳангиашон, онҷоро муаррифӣ мекард. Иттиҳодияҳои навтаъсис расман фаъолияти идеологии худро ба хотири раҳоӣ ёфтан аз идеологияи коммунистӣ эълон мекарданд, вале дар ҳаракату аъмоли «пешсафони мубориза» манфиату хостаҳои фардию ҷузъӣ хуфта буд ва ҳар кадоми онҳо мехост ҳарчӣ зудтар моликияти бесоҳибмондаи давлатию ҷамъиятиро ғасб намояд. Одамони худхоҳ ва вазифаталаб кӯшиш мекарданд ҳарчӣ зудтар ба ташкилоте аъзо шаванд, ки сарнавишти ояндаашонро муфидтар раҳнамоӣ намояд. Агар Бенито Мусолини дар ду-се сол аз фаъолтарин узви Ҳизби Сотсиалистии Итолиё (ӯ муҳаррири рӯзномаи сотсиалистии ««Avanti!» буд) ба сӯйи Ҳизби радикалии ростгаро – ҳизби фашистӣ роҳ тай карда бошад [17, 28], Шодмон Юсуф – котиби ташкилоти ибтидоии комунистии шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳо дар се рӯз аз ҳизби коммунист даст кашида, ҳизби демократии Тоҷикистонро таъсис дод ва худро пешбарандандаи манофеи мардуми демократияхоҳи Тоҷикистон эълон дошт. Ин коммунисти демократшуда, он қадар ғавғо бардошт, ки тайёр буд аҳолии ғайритоҷики Тоҷикистон, хусусан русҳоро дар роҳи пиёда намудани ҳадафҳояш, «ба гарав» гузорад. Бо бардоштани ин ҳангомаю воҳимаи берун аз ақли солим шахсияти

худро ҳамчун сиёсатмадори тундрав муаррифӣ намуд. Тамоми фаъолияти ӯ ба хотири дастгирии Ҳизби наҳзати исломӣ ва ҳамовозӣ ба амалҳои ин ҳизб буд. Чанд ҳизбу созмонҳои дигар, ки миёни омма шуҳрат надоштанд, қудрати молиявӣ ва низомии Ҳизби наҳзати исломиро дида, амалҳои зиддиинсонии онҳоро маҳкум насохта, бархилофи барномаи ҳизбиашон худро ба итоати он ворид сохтанд. Ҳолате ба миён омад, ки одамони ҷиноятпеша бо шиори «мубориза бар зидди душман» аъмоли ваҳшиёнаро анҷом медоданд. Ҳама «қасосгиру интиқомҷӯ» шуда, алами дар дилашон доштаро аз ҳар касе мехостанд, мегирифтанд. Мардум, ки пештар ба ҳаққонияти ҳар нуқтаи расонаҳои расмӣ итминон дошт, бо фаро расидани маъракаи бо ном «озодбаёнию фошгӯӣ» миқдори зиёди ахбори ба сараш рехтаро, ҳазм карда наметавонист. Ба ҳар мақолаи нашршуда ва ба ҳар намоиш дар телевизион дарҷгашта, имконияти аз мавқеи солим, аз доираи муҳокимаронихои ратсионалию мантиқӣ баҳогузорӣ карданро надошт. Табиист, ки барои оммаи заҳматкашу деҳқон муқаддасоти динию сухани қуръонӣ афзалият дошт ва ҳар касе аз ин муқаддасот ҳарф мезад, ӯро гиромӣ медошт. Гурӯҳҳои мубаллиғи исломии навпайдошудаи тундрав аз ин ҳолат хеле устокорона истифода бурданд. Ҳизби наҳзати исломӣ яке аз равияҳои сиёсие буд, ки эъмори ҷомеаи исломиро ҳадафи худ қарор дода, зӯрию террор ва тарсонданро усули беҳтарин муваффақияти кори худ медонист. Ҳизби наҳзати исломӣ таҷрибаи таблиғотию ташкилотиашро ба таври пинҳонкорона, ҳанӯз солҳои 70-уми қарни XX оғоз карда, ин неруи мутаассиб муҳаббати тоҷиконро ба арзишҳои динию аҷдодиашон сӯистеъмол карда, шиорҳои сиёсию диниро ба хотири барқарор намудани ҷомеаи теократӣ (ғайридунявию ғайридемократӣ) боло бардошта, аз боварии мардум ба дини муқаддаси Ислом хело устокорона истифода намуданд. Ҳатто баъзе намояндагони илму маориф ва эҷодкоронро низ ба доми тазвири хештан ворид сохта, гӯё аз фарҳангсолорию ватаншиносияшон дарак доданӣ мешуданд. Барои исломигароёни сиёсатзада манфиати миллӣ, озодӣ, демократия ва дунявияти ҷомеа бегона буд ва онҳо роҳи ягонаи ояндаи Тоҷикистонро дар низоми сиёсию иҷтимоии сирф динӣ ва асримиёнагӣ тасаввур мекарданд. Дар фаъолияти сиёсӣ, дар ҷараёни таблиғи ҳадафҳояшон аз имону Қуръон шиор бардошта, амалан аз ҳадафҳои ба дӯши онҳо гузоштаи хоҷагони хориҷиашон дифоъ мекарданд. Онҳо ҷанги шаҳрвандиро оғоз бахшида, одитарин меъёрҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро сарфи назар карда, аз рукнҳои мазҳаби маъмулии тоҷикон – мазҳаби ҳанафӣ даст кашиданд. Бебокона аксҳои роҳбарияти динию давлатии кишварҳоеро, ки асосан онҷо идеологияи сирф динӣ ҳукмравоӣ дошт, болои сар бардошта, Ватани моро дар зери ливои низоми динии кишварҳои хориҷӣ тасаввур мекарданд. Онҳо пеш аз ҳама мехостанд руҳониёни назари эътидолӣ ва мувофиқақида ба мазҳаби ҳанафияро пахш кунанд. Симоҳои шинохтаи руҳониёни анъанагароро ба ҳар роҳе ҷалб карда, нафарони гапнодарояшонро мавриди фишор қарор медоданд. Кор то ҳадде расида буд, ки баъзе аз қишри руҳониёни ҳанафӣ ба назари эътироз, кӯшиш карданд як созмони ғайрисиёсии фарҳангиеро бо номи "Саводи аъзам" эҷод кунанд. Ҳадафи ин созмони ғайрисиёсӣ гиромӣ доштани муқаррароти аҳли Суннату ҷамоат ва мухтарам ҳисобидани арзишҳои миллӣ буд. Оиннома ва барномаи фаъолияташонро тартиб дода, рӯирост дар барномаашон ҳама ақидаҳои такфирии наҳзатиёнро маҳкум ва ғайри қобили қабул, эълон доштанд. Бар асари пайдо накардани дастгирӣ аз ҷониби сохтори сиёсӣ ва мақомоти низомии вақт ин созмон чаҳор моҳ фаъолият карда, бо авҷ гирифтани задухӯрдҳои ҷангӣ фаъолияти худро қать кард. Дар мусоҳибае, ки Додохони Эгамзод 21 августи соли 1992 бо яке аз руҳониёни маъруфи вақт домулло Ҳикматуллоҳи тоҷикободӣ анҷом доданд, зикр мешавад, ки Ҳизби наҳзати исломӣ дур аз мазҳаби ҳанафӣ будаанд. Домулло рӯирост (дар замоне, ки Ҳизби наҳзати исломӣ ошкоро ба террор гузашта буд) андеша меронад, ки онҳо ҳеҷ гоҳ касеро барои аъзои ҲНИ шудан даъват намекунанд ва агар ягон мухлису муриде иҷозаи ба узвияти ҲНИ шомил шуданро пурсад, рухсат намедиҳанд [7, 11]. Ҳамин тавр, ҳолате рух дод, ки дар маркази ҷумҳурӣ нерӯҳои ҷангҷӯёнаи Ҳизби наҳзати исломӣ комилан ба ҳайси қувваи афзалиятёфта амал намуда, камтарин норизоӣ ва эътирози мардумро ваҳшиёна пахш намуданд. Маҳалли зисти ҳар авбошу рэкет, паҳлавону

варзишгари тундрав ва пулдореро пайдо намуда, ӯро бо зӯрию тарс ва ё бо ваъдаҳои хом ба ҳаракати харобкоронаи худ ҷалб мекарданд. Фаъолияти тамоми сохтори сиёсӣ ва мақомоти низомӣ фалаҷ гардонида шуда, иддае аз табақаҳои равшанфикр, аз қабили муаллимону олимон, рӯзноманигорону ҳунарпешагон, хусусан фаъолони соҳаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии собиқ шӯравӣ ба таҳлука афтоданд. Онҳое, ки имконият доштанд Душанберо тарк намуда, ба зодгоҳи авлодӣ ва ё ба хориҷи кишвар раҳсипор шуданд. Дигарон дар хонаю хобгоҳҳо пинҳон шуда, гоҳ-гоҳ ба умеди дарёфти нон берун мебаромаданд. Ҳолате рух дод, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ВМБК ва ғ. комилан тахти фишори Ҳизби наҳзати исломӣ қарор гирифт ва масъулону роҳбарони нофармон дар таҳхонаю болои бомҳо пинҳон шуда, илоҷи халосиро дар омадани қувваи «фавқулғайб» меҷустанд. Дар Душанбе гурӯҳҳои ҷиноятпеша ҳар шаб хонаеро ғорат ва моликиятеро тороҷ мекарданд. Рӯзона ба намоишу роҳпаймоиҳо омада, бо овози баланд «Аллоҳу Акбар» гуфта, худро беҳтарин мусулмон эълон дошта, вале дар воқеият ба хотири манфиаташон тайёр буданд, ҳамаҷоро ба коми даҳшатбори худ гузоранд.

Мардум ин бедодгариҳоро медид, вале аз тарси ҷон ҳеҷ муқобилияте нишон намедод. Шаҳр «бе дарвоза», ҷумҳурӣ бе сарвар ва мардум парешон буданд. Мардум баръало аз ночории роҳбар ва ноуҳдабароии сарвари он замонашон огоҳ шуда, истеъфои ноилоҷонаи онҳоро бо ришханди интиқодӣ мушоҳида менамуданд. Ватани тоҷикон ба роҳбари пешсаф ва ходими воқеан мардумию ватанпараст ниёз дошт.

Хушбахтона, як гурӯҳи мутараққии кишвар, аз қабили равшанфикрон, олимон, ҳунармандон, ходимони сиёсию фарҳангӣ ва хоҷагидорон ва ғ. хатари ба коми зулмот ва торикӣ афтидани кишварро эҳсос карда, ба мубориза шадид бархостанд. Ҳақ аст агар гӯем, ки маҳз дар атрофи намояндагони вакилони мардумии вилояти Кӯлоб неруҳои ватандӯст ва тараққихоҳ ҷамъ омада, ташаббуси муборизаро ба муқобили ин неруи аҳримании ҲНИ оғоз карданд. Моҳи майи соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуд ва тамоми тобистон ва тирамоҳи ҳамон сол набардҳои хунрези ин ҷанг идома ёфт. Вазъи ноором ва таҳлукаовари Ватан маҷбур сохт, 9 ноябри соли 1992 Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳоротро дар бораи даъват намудани Иҷлосияи XVI-и Шурои олии Тоҷикистон ба нашр расонад. Иҷлосия дар мавзеи зебои таърихӣ, дар доманатеппаҳои сабзу хуррам, дар Қасри бошукӯҳи Арбоб ба кори худ оғоз карда, аз 16 ноябри соли 1992 то 2 декабри ҳамон сол идома ёфт. Дар кори он аз 222 вакил 197 нафар иштирок намуд. Дар Иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва 1 изҳорот қабул гардид. Тамоми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гумон меравад тоҷикони берунмарзӣ ва ҳамсоягони нек низ бо таваҷҷуҳи хосса аз кору фаъолияти ин иҷлосияи таърихӣ огоҳ шудан мехостанд. 19 ноябри соли 1992 бо овоздиҳии пинҳонӣ вакили мардумӣ Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович раиси Шурои Олӣ интихоб шуданд. Дар ин Иҷлосия мафҳуми «ҷомеаи дунявӣ» аз ҷониби Раиси навинтихобшудаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон садо дод ва тамоми аҳолии Тоҷикистон, ки ин Иҷлосияро бо диққати том ва умеди раҳоӣ ёфтан аз ҷанги хонумонсӯз дидан мекарданд, дар симои ин марди ҷавон роҳбари дилсӯзу ватанпарастро шинохтанд. Иҷлосия бо саҳмгузории беҳтарин донишмандон, таърихшиносон ва адибони ватандӯст матои зебоеро, ки онҷо тарҳи Парчами тоҷикон наққошӣ шуда буд, ҳамчун ливои Ватан, ҳамчун рамзи аввалини истиқлолияти кишвар – Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта, бо қарори махсуси Иҷлосия ба сифати Парчами Тоҷикистон онро тасдиқ намуд. Мардум диданд, ки роҳбари навашон муқаддасоти миллиро бо эҳтироми бузург ба даст гирифта, бо муҳаббати саршор Парчами миллии Тоҷикистонро бӯсида, аз манфиати тамоми қишрҳои ҷомеа, аз дарду мушкилоти тамоми тоҷикистониён ҳарф мезанад. Шарофатмандӣ, ростгӯӣ, далерӣ ва мардумпарастии Раиси Шурои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зуд ба андешаи мардум ҷой гирифт ва бо анҷом ёфтани ин Иҷлосия марҳилаи навини таърихи Тоҷикистон шурӯъ шуд. Боиси зикр аст, ки халқҳо ҳамеша ба роҳбари идеявӣ ва сарвари содиқ ба ормонҳои миллӣ эҳтиёҷ доранд. Оммаҳои заҳматкаш амалӣ шудани орзуҳояшонро дар фаъолияти пешвои миллӣ ва раҳнамои давлаташон меҷӯянд [19].

Чуноне болотар зикр намуда будем, тоҷикон чанд садсолаи охир роҳбару раҳнамои миллии худро надоштанд ва ба гиромидошти доҳиёни бегона ва сарварони ғайритоҷик муҳаббату гиромидошти сидқиашонро изҳор мекарданд. Акнун шахсияте бар маснади роҳбарии кишварашон интихоб шудааст, ки сазовори итминони мардумон ва амалисозандаи орзуи ҳамагон хоҳад гашт. Симои зебои ориёӣ, қомати баланд ва лафзи нафиси тоҷикӣ, ҷамъан бо изҳори ниятҳои созандаю нек, ки аз ҳувияти ин марди бузург мисли нур шуо медод, мардумро ба тамкинӣ, оромию осудагӣ раҳнамоӣ кард. Одамони азиятдидаю ранҷкашида, пирону ҷавононе, ки Ватанро дар вартаи ҳалокат дида буданд, якбора аз пардаи торики ғафлат раҳо шуда, ба ӯ – ба фарзанди ҷасоратқадам ва шарофатманди ин хоку бум чун ба наҷотбахшандаи сарнавишташон, назар андохтанд. Ҳамагон оҳи сабук ва нидои хайрангезро берун кашиданд ва қалби онҳоро неруи таскинбахшандаю тамкиндиҳанда фаро гирифт. Дигар онҳо бесарвар нестанд, дигар онҳо аз паси ҳар иғвоангезу вайронсозандаи издиҳом нахоҳанд рафт. Ин марди ҷавони хушқомати паҳлавонҷусса, кушодарӯй, сияҳабрӯю навозишназар, ки намунаи олии зебогии тоҷикона дорад, бо чеҳраи меҳрубону хайрхоҳ аз дарду ғами онҳо ҳарф мезанад, аз мушкилоти ба сари онҳо омада бо самимият овоз медиҳад. Ҳамагон саропо мафтуни ҷуръату далерӣ, қатъияту нотарсии марде шуданд, ки воқеан сарнавишти ӯ саҳифаи пурҷилои таърихи Ватан гашта, раҳбарии Ватан аз ҷониби ӯ мавзуи қиссаҳои воқеъбинона ва достонҳои қаҳрамонона гардид.

Ҳамин тавр, дар Иҷлосия ҳукумати нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид. Низоми президентии идоракунии давлат муддати муайяне ба низоми парламентӣ иваз шуд ва бо роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосия як қатор санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки ба устувор гаштани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузошт. Қонун «Дар бораи гурезагон» қабул шуд, ки сиёсати Тоҷикистонро дар ҷодаи гуманизм ва инсондӯстӣ муносибат намудан ба фирориёни Ватанро изҳор мекард. Дар ин Иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» қабул гардид, ки ба хотири таъмини оромии ҷомеа ва боварии мардум ба устувории кишвар нигаронида шуда буд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар бораи сохтори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи ташкил намудани вилояти Хатлон дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд, ки аҳаммияти бузурги таърихӣ доштанд. Дар шароити фалаҷ гаштани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва хатари парокандагии давлат «Изҳороти Шурои Олии ҶТ аз 26 ноябри соли 1992» қабул гардид, ки ба мардуми Тоҷикистон умед ба ояндаро ато намуд. Дар изҳорот зикр гашта буд, ки «муҳимтарин дастоварди кори иҷлосия тантанаи Қонун аз болои қонуншиканӣ, бозгаштан ба роҳи конститутсионии ҳалли масъалҳои тезу тунди иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки ҷомеаро ба изтироб овардаанд».

Аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI дар он аст, ки маҳз дар ҳамин Иҷлосия идеяи давлати дунявию ҳуқуқбунёд ва демократӣ ҷиддан пазируфта шуда, самтҳоиояндаи инкишофи давлати мустақили Тоҷикистон тарҳрезӣ гардид. Нақшаҳои душманонаи пароканда сохтани Тоҷикистон, инҷо умри худро ба поён расонид. Дар ин Иҷлосия ташаккули идеяи ваҳдати миллӣ ва ягонагӣ ба миён омад ва пайдоиши ин идея худ як зарурияти таърихӣ ба ҳисоб мерафт, ки қодир буд халқи парешонгаштаи тоҷикро сарҷамъ созад. Идеяи ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон тавонист дар муддати кӯтоҳ дар дилу дидаи ҳазорон сокинони дилозурда ҷой гирифта, заминаи бунёди сулҳро гузорад. Ба шарофати Иҷлосия ва қарорҳои қабулнамудаи он дар як марҳилаи тақдирсоз ва дар як муддати кӯтоҳ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ аз нав созмон ёфтанд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар гардиданд. Бо вуҷуди мушкилиҳои ҳаёти иқтисодӣ Сарвари давлат ба таъсиси Артиши миллӣ шурӯъ намуд ва барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии кишвар чораҳои мушаххас андешида шуд. Дар таърихи бисёрҳазорсолаи халқи тоҷик давраи нави гузариш оғоз ёфт. Таҳти роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ Шарипович акнун вакилони мардумӣ сидқан ба

фаъолияти пурсамар камар баста, камолоти сиёсии худро нишон дода, дар вазифаҳои худ бомасъулият ва дурандешона амал намуданд. Роҳбари ҷавон неруи вакилони Шурои олиро бедор сохта, онҳоро барои ҳалли муаммоҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиву маънавӣ дар кишвар раҳнамоӣ намуд ва ба хотири таҳаққуқи ин ҳадаф тамоми донишу таҷрибаи сиёсии гузаштагону сиёсатмадорони муосирро истифода намуд [19]. Ҳар даъват ва ҳар мурочиати Раиси Шурои Олӣ миёни мардум ҳамовозӣ пайдо мекард ва рӯз то рӯз шуҳрати сиёсӣ ва эҳтироми хосаи мардумӣ нисбат ба кору амали роҳбари ҷумҳурӣ афзун мегашт.

Табиист, ки мардони бузург дар майдони ҳарбу зарб ва дар паҳнои хатарҳои ҷонкоҳ обу тоб ёфта, бо корнамоиҳои дурахшонашон воқеияти шахсияти нотакрорро муаррифӣ мекунанд. Комилан ҳақ аст, файласуфи замони мо ки менависад: тафсилоти «мафҳуми «бузургӣ» саропо хатар аст!». Аз сафарҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Афғонистон доштанд, ду сафарашон дар шароити ниҳоят мушкилу хатарнок сурат гирифтааст. 17-19-уми майи соли 1995 ба хотири сулҳу Ваҳдати миллӣ ва аз наздик мулоқот намудан ба роҳбари Иттиҳоди мухолифин дар вазъияте ба Кобул сафар карданд, ки он замон амнияти худи роҳбарони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зери шубҳа қарор дошт. Ҳар рӯз Гулбуддини Ҳикматёр Кобулро ҳазорон бор ба қавли худашон «гулулаборон» мекард, ки хонаю иншооти ободе намонда буд. Дар андешаи Сарвари тоҷикон ба хотири пас овардани гурезагони иҷборӣ ва истиқрори сулҳ чунин сафарҳои хатарангез ҷавобгӯи манофеи мардуми Тоҷикистон буд. Вохӯрӣ ва мулоқоти 10-11 декабри соли 1996 дар Чамани Хусдеҳи улусволии Фархори вилояти Тахор бо Аҳмадшоҳи Масъуд, аз набудани binои мувофиқе, дар хайма сурат гирифт. Ҳар замон хатари ногаҳоние инҷоро таҳдид мекард, вале ба хотири наздик овардани сулҳ Сарвари тоҷикон чунин сафари пурхатарро интихоб менамуд. Таҳдиди хатари он рӯз дар баёнияи роҳбари мухолифин ва хотироти меҳмондори Аҳмадшоҳи Масъуд коко Ҷонмуҳаммад аз Бозораки Панҷшер («лаби дарёи Тахор... фақат камари куҳ буду чайлаҳои саҳроии брезентӣ») баъдҳо китобат шудаанд. Роҳбари ҷавон эҳсос мекард, ки пас овардани гурезаҳои иҷборӣ ва устувор намудани сулҳу ваҳдат таъиноти бузурги сарвари кишвар буда, миллати тоҷикро аз парешонию парокандагӣ наҷот медиҳад. Баъд аз таҳлили фаъолияти мардумсолор ва ватанпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба хулоса омадан мумкин аст: Пешво шахсест, ки фаъолияту амал ва кору рафтори ӯ ҳамоҳанги орзую омол ва ҳадафҳои воқеии тамоми халқ аст. Дар ҷараёни сарварии ӯ мардум ҳимоя ёфтани манфиатҳои хештан, таъмини зиндагии осоишта ва пирӯзии ормонҳо ва амалӣ шудани хаёлҳои худро мебинанд. Онҳо итминон доранд, ки Сарварашон манфиати кулли мардум, ҳифзи оромию амният ва осудаҳолии кишварро дар ҷои аввал гузошта, арзишҳои умумимиллиро қадр карда, дарди мардумро дарди хештан ва хушнудии халқро қаноатмандии худ медонад. Одамон шоҳиди онанд, ки дар ҷараёни вохӯрию муоширaт бо мардум Пешвои миллат ба одитарин ҷузъиёт таваҷҷуҳ зоҳир карда, илоҷи сабук гардонидани сарнавишти одамони дардманд, ятимону осебдидагонро меҷӯяд. Ба қавли файласуфи муосири тоҷик Комил Бекзода «Шахсияти барҷаста ҳамеша худро ҷузъе аз мардум медонад ва барои саодати кулли башар талош меварзад... Хидмат ба дигаронро вазифа ва масъулияти хеш медонад» [16]. Новобаста ба ҳолатҳои мушкилу тоқатфарсо бо лаҳни таскинбахшанда, бо чеҳраи хушҳолона, бо итминону боварии қатъӣ аз ояндаи равшан ва дурнамои неки Ватан ҳарф мезанад. Бо тифлакон дӯстрӯёна суҳбат ороста, бо пиронсолон ҳалимона мурочиат мекунад ва ба қавли профессор С.С. Ятимов «Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо меорояд» [22]. Мардумон мебинанд, ки сарварашон субҳи барвақт дар майдони таҳаввулоти тақдирсози кишвар қарор дорад ва ҳар пурсиши ӯ ифодаи равшани донишмандӣ ва огоҳӣ аз тахассусҳои мухталифи касбию истеҳсолӣ аст. Фикру зикр, орзую ормон, нияту ҳадафҳои ҳамагон дар фаъолияти сарвар инъикоси худро ёфта, одамони касбу кори гуногун, қишрҳои мухталифи ҷомеа ва кулли мардумро ба як

воҳидияти солим ва ба Иттифоқи воқеӣ ҷамъ меоварад. Ходими сиёсии ИМА, Роналд Рейган боре гуфта буд, ки Пешвои бузург кофӣ нест, ки кирдорҳои бузурге анҷом диҳад. Пешвои бузург ҳамонест, ки одамонро ба хотири анҷом додани кирдорҳои бузург раҳнамоӣ мекунад. Иловатан таъкид мекунем, ки маҳз корнамоиҳои бузурги Сарвар метавонад оммаҳоро аз паси ӯ раҳнамоӣ намуда, ба сӯйи тағйироти бузурги моддию маънавӣ расонад. Ва мушоҳидаи ҳамин корнамоиҳои беназири Сарвари давлати тоҷикон буд, ки халқи шуҳратёри Тоҷикистон бо муҳаббати беандоза ва бо самимияти хосса таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаҳои баланди комёбиҳои бузург қадам гузошт. Ҳар кореро Роҳбари муътабари тоҷикон анҷом додааст, аз мавқеи шуҷоати бемисл, муҳаббати беандоза ва дилсӯзии беинтиҳо ба мардум кардааст.

Ҳамин тавр халқи моро сарнавишти хушбахтонаи раҳоӣ ёфтан аз ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ муяссар шуд ва дар муддати кутоҳи таърихӣ барномаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, осудаҳолӣ ва сохтмонҳои бузурги аҳаммияти байналмилалидошта татбиқ гашт. Тӯли беш аз сӣ сол, баъд аз доир шудани Иҷлосияи XVI-и Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ватани азизи мо ба сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони давлати воқеан миллӣ шарафёб шуд. Дигаргуниҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гувоҳи дуруст будани сиёсати пешгирифтаи кишвар аст, ки маншаи худро аз ҳамон Иҷлосияи таърихии XVI-и Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегирад.

## АДАБИЁТ:


1. Авдеев П.С. Организационное лидерство: обзор теории черт // Гуманитарные научные исследования. – 2014. – №10 [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://human.snauka.ru/2014/10/7824 (Санаи мурочиат: 15 ноябри 2024).
2. Аристотель. Политика. Древнегреческая философия: От Платона до Аристотеля: [Пер. с лат. и древнегреч.] / [Шкода В., сост., вступ. ст. и коммент.]. – М.: АСТ; [Харьков]: Фолио, 2003. – 829 с.
3. Блондель Ж. Политическое лидерство: Путь к всеобъемлющему анализу: Пер. с англ. яз. / Жан Блондель. – М., 1992. – 135 с.
4. Бернс Дж.М. Франклин Рузвельт. Человек и политик. Roosevelt. The souldier of freedom / [Пер. с англ. Л.А. Игоревского] / Дж.М. Бернс. – М.: Центрполиграф, 2004. – 622 с.
5. Гегель Г.В.Ф. Лекции по философии истории / Г.В.Ф. Гегель. – СПб.: Наука, 1993. – 480 с.
6. Грачев М.Н., Ирхин Ю.В. Актуальные проблемы политической науки. – М.: Экономическая демократия, 1996.; Шаблинский И.Г. Политическое лидерство: Триумфы в публичной политике: в рамках права и вне их: Учебное пособие. – М.: Институт права и публичной политики, 2012. – 136 с.
7. Додохони Эгамзод. Куфрони неъмат–заволи давлат. (Мусоҳиба бо Аллома Ҳикматуллоҳи тоҷикободӣ) // Тоҷикистон №22. 21. 08. 1992.
8. История Германии: Учебное пособие: в 3 тт. Том 1: С древнейших времен до создания Германской империи. – М.: КДУ, 2008. – 544 с.
9. История Древней Греции: Учеб. / Ю.В. Андреев, Г.А. Кошеленко, В.И. Кузищин, Л.П. Маринович / Под ред. В.И. Кузищина. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Высш. шк., 2003. – 399 с.
10. Кудряшова Е.В. Лидерство как предмет социально-философского анализа: диссертация на соискание ученой степени доктора философских наук: 09.00.11 / Е.В. Кудряшова. – М., 1996. – 359 с.
11. Макиавелли Н. Государь. Размышления над первой декадой Тита Ливия / Н. Макиавелли. – СПб.: Азбука, 2000. – 270 с.

12. Ницше Ф. Так говорил Заратустра. Книга для всех и ни для кого: Перев. В.Ринкевича. / Ф.Ницше. – М.: Интербук, 1990. – 446 с.
13. «О гласности»: материалы Всесоюзной конференции КПСС. 28.06 – 1.07.1988 г. // Сборник материалов ЦК КПСС. – М.: Политиздат, 1989.
14. Ортега-и-Гассет Х. Восстание масс / Х. Ортега-и-Гассет // Избранные труды. – М.: Весь мир, 2000. – 704 с.
15. Платон. Государство. Законы. Политик / Платон. – М.: Мысль, 1998. – 798 с.
16. Равшанфикр. Бузургӣ чист ва бузургон кистанд? [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/buzurg-chist-va-buzurgon-kistand-1111.html/ (Санаи муроҷиат: 12 ноябри соли 2024).
17. Слободской С.М. Итальянский фашизм и его крах / С.М. Слободской. – М.: Госполитиздат, 1946. – 310 с.
18. Уоррен Беннис. Кто становится лидером в бизнесе. Вундеркинды и ветераны / Уоррен Беннис, Роберт Томас. – М.: Издательство «Олимп-Бизнес», 2020. [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: mybook.ru›author/uorren-bennis/kto-stanovitsya/ (Санаи муроҷиат: 15.11.2024).
19. Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества (на материалах Республики Таджикистан): автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук: 09.00.11 / М.У. Хидирова. – Душанбе, 2009. – 39 с.
20. Юнг К.Г. Очерки по психологии бессознательного. Two essays on analitical psychology. – 2-е изд. / К.Г. Юнг. – М.: Когито-Центр, 2010. – 352 с.
21. Ясперс К. Духовная ситуация времени / Карл Ясперс [пер. с нем. М.И. Левиной]. – М.: АСТ, 2013. – 285 с.
22. Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳарки доно бувад / С.С. Ятимов // «Илм ва ҷомеа». – 2023. – № 1 (31).

УДК: 32 (575.3) (09)

# ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ ОН

**НОСИРОВ Ш.М.**

*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Мақола ба таҳқиқу баррасии мафҳуми «ифтихори миллӣ» аз диди фалсафӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ муқаррар намудааст, ки тақвияти омилҳои таъсиргузор барои рушди ифтихори миллӣ дар шароити кунунӣ метавонад ба пешгирии зуҳуроти номатлуб ва таҳдиду хатарҳо нақши пуртаъсир гузорад. Аносири ифтихорофарине чун омӯзиши таърихи миллат, адабиёти гузашта, бузургдошти шахсиятҳои адабиву фарҳангӣ, ходимони давлативу сиёсӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва амсоли ин метавонад дар рушди ифтихори миллӣ ва нуфузи он дар ҷомеа боис шавад. Муаллиф аз таҳқиқ ба хулосае расидааст, ки дар таърихи миллати мо аз замонҳои дур то кунун омилҳои фаровоне будаанд, ки ба ташаккули ифтихори миллӣ таъсир гузошта омадаанд ва дар даврони истиқлоли миллӣ тадбири сиёсати созандаи Пешвои миллат ин вазифаи муҳими таърихиро ба шоистагӣ иҷро кардаанд.*

**Калидвожаҳо:** *ифтихори миллӣ, омилҳои ифтихорофарин, таърихи миллат, Тоҷикистон, истиқлоли миллӣ, адабиёти миллӣ, фарҳанги куҳан, арзишҳои миллӣ.*

# НАЦИОНАЛЬНАЯ ГОРДОСТЬ И СОЦИАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ЕЕ ФОРМИРОВАНИЯ

**НОСИРОВ Ш.М.**

*Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Статья посвящена исследованию и обсуждению понятия «национальная гордость» с философской точки зрения. В ходе исследования автор установил, что усиление факторов воздействия на развитие национальной гордости в современных условиях может сыграть эффективную роль в предотвращении нежелательных явлений и угроз. Элементы гордости, такие как изучение истории нации, литературы прошлого, уважительное отношение к деятелям литературы и культуры, государственным и политическим деятелям, возрождение национальных ценностей и тому подобное, могут привести к развитию национальной гордости и ее влиянию в обществе. В результате исследования автор пришел к выводу, что в истории нашего народа с древнейших времен до наших дней существовало множество факторов, влиявших на формирование национальной гордости, которая в эпоху национальной независимости посредством важных мер конструктивной политики Лидера нации выполнила эту важную историческую задачу.*

**Ключевые слова:** *национальная гордость, факторы гордости, национальная история, Таджикистан, национальная независимость, национальная литература, древняя культура, национальные ценности.*

# NATIONAL PRIDE AND SOCIAL BASES OF ITS FORMATION

**NOSIROV SH.M.**

*Applicant of the Institute of philosophy, law and political sciences named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The article is devoted to the study and discussion of the concept of «national pride» from a philosophical point of view. During the study, the author found that strengthening the factors influencing the development of national pride in modern conditions can play an effective role in preventing undesirable phenomena and threats. Elements of pride, such as studying the history of the nation, literature of the past, respectful attitude to literary and cultural figures, government and political figures, the revival of national values, etc., can lead to the development of national pride and its influence in society. As a result of the study, the author came to the conclusion that in the*

*history of our people from ancient times to the present day there were many factors that influenced the formation of national pride, and in the era of national independence, important measures of the constructive policy of the Leader of the Nation fulfilled this important historical task.*

**Keywords:** *national pride, factors of pride, national history, Tajikistan, national independence, national literature, ancient culture, national values.*

Имрӯз дар шароити мураккаби ҷаҳонсозӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, махсусан барои давлатҳои тозаистиқлол, ташаккули эҳсоси солими ифтихори миллӣ ҷиҳати устувор намудани пояҳои давлати миллӣ зарур мебошад. Дар шароити кунунии бухрони ҷаҳонӣ ташаккули эҳсоси ифтихори миллӣ, дарки амиқи соҳибдавлат ва соҳибистиқлол будан барои пешгирӣ аз ҳаргуна зуҳуроти тундравӣ, таассуб ва терроризм ниҳоят муҳим ва актуалӣ дониста шудааст. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Бояд ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, дарки моҳияти давлатдории миллӣ бо тамоми рамзҳояш ҳанӯз бо шири модар дар ҷону хиради ҳар як фард маъво гирад ва аз насл ба насл гузарад» [2, 5].

Ифтихори миллӣ, ки ба эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, дӯст доштани Ватан, тафохур аз унсурҳои ҳастисози миллат ифода меёбад, дар падидаҳои муҳимме, чун забон, фарҳанги миллӣ, расму оинҳо, нишонаҳои ҳастии миллат, маънии хешро пайдо менамояд. Дар фарҳангҳои фалсафӣ ҳамчун мафҳуми сиёсӣ ё фалсафӣ истилоҳи ифтихори миллӣ ба гунаи ҳиссиёте тафсир ёфтааст, ки дар асоси он зуҳуроти муҳимми иҷтимоӣ қарор гирифта, аз маҷмӯи падидаҳои зерин иборат аст: дарки саҳми таърихии миллати худ; баҳои баланд ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, ки ба онҳо забон, фарҳанги миллӣ ва дин шомиланд. Ифтихори миллӣ ҳамеша дар муқобили миллатгароӣ ва шовинизми миллӣ қарор мегирад.

Заминаҳои ташаккули иҷтимоии ифтихори миллиро метавон аз осори куҳани фарҳангиву адабӣ, сарчашмаҳои таърихии ниёгони мо ҷустуҷӯ намуд. Ҳар қадаре ки мо ба марҳилаҳои таърихии ташаккули миллати тоҷик таваҷҷуҳ мекунем, ҳамон андоза рукнҳои барҷастаи таъсиргузор ба ифтихори миллии тоҷикон нақши муҳим ва муассир гузоштаанд. Шояд дар замони оғози ҳастии худ унсурҳои ба истилоҳи фалсафӣ ҳувиятсози миллат нақш ва таъсире ба ҳамон андоза надоштанд, ки баъдан ба сифати рукни барҷастаи таърихии ифтихорбарангез хидмат намудаанд.

Барои шинохти моҳияти ифтихори миллӣ баррасии аносири муҳимми ифтихорофарин нақши калидӣ дорад. Чанд унсури аслии ифтихорофаринро метавон зикр кард, ки бо гузашти замонҳо ба таҳаввули муҳимми ин падидаи иҷтимоӣ, махсусан дар даврони муосир, таъсир гузоштаанд:

1) Ҷашну маросимҳои миллӣ, ёдгориҳои таърихӣ, табиӣ ва маънавии қадимаи кишвар;

2) Шахсиятҳои бузурги таърихӣ, симоҳои барҷастаи сиёсии миллати мо, ки дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ хидмат намудаанд;

3) Чеҳраҳои адабиёт ва илму маорифи миллӣ, ки боиси ифтихори ҷаҳониён гардидаанд;

4) Бузургдошти симоҳои барҷастаи илму маориф, адабиёт, фарҳанги миллӣ аз ифтихори миллӣ сарчашма мегирад ва омили муҳим дар таҳкими тафохури миллӣ ба ҳисоб меравад.

Агар шакли аввали таҷассуми ҷаҳоншиносии инсон асотир ба шумор равад, пас бо итминон метавон изҳор дошт, ки воқеан устураҳои куҳани миллии мо дар шумори бахши муҳимми ифтихорот қарор гирифтаанд. Масалан, дар тамоми қаламрави адабиёти гузаштаи мо ҳамеша аз Ҷамшеди подшоҳ ва ҷоми ӯ, Рустами Дастон ба унвони ифтихороти миллӣ ёд мешавад. Қабл аз он ки Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ “Шоҳнома”-ро биофарад ва ин ду чеҳраи бузургро ба қаламрави ин ҳамосаи миллии мардумони ориётабор ворид созад, симои ин чеҳраҳои ифтихорфарини миллати мо дар устураҳои куҳан таҷассум ёфта буд. Ҳатто ба таъкиди устурашиноси даниягӣ Артур

Кристенсен, Ҷамшед дар китоби қадимаи ҳиндувон инсони нахустин дониста мешавад ва ба ҳамин хотир аст, ки ин пажӯҳишгари соҳибном китобашро “Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр” унвон кардааст [5]. Ваҷҳи дигари ифтихорофарин будани Ҷамшедро мо метавонем дар соҳиби Ҷом будани ӯ муаррифӣ намоем, ки дар асл ин бахши муҳимми зиндагонии вай ба “Шоҳнома” ворид нашудааст. Маҳз, тариқи устураҳо мо огаҳ мешавем, ки ӯро ҷоме будааст, ки чун бар он бингарад, тамоми ҷаҳонро мушоҳида мекардааст. Баъдан таърихномаҳо ин мояи ифтихороти ӯро нақл намудаанд. Дар баробари ин, дар китоби таърихномаи “Ҳабиб-ус-сияр”-и Хондамир нақл шудааст, ки Ҷамшедро се ангуштарӣ будааст, ки агар якеро бар даст биандозад, тавассути он аз хабаррасонҳои худ аз кишварҳои дигар иттилоъ мегирифтааст. Шояд дар андешаи инсони замони муосир бовар кардан бар ин нукта душвор бошад, вале дар асл ҳузури ғояи он далел бар ин матлаб аст, ки орзӯи муросилоти босуръат дар андешаи ниёгони мо чанд ҳазор сол қабл мавҷуд будааст, ки имрӯз мо шоҳиди телефонҳои мобилӣ ва моҳвора гардидаем.

Ҷоми Ҷамшед баъдан дар қаламрави фарҳангу адабиёти миллии мо ба унвони унсури ифтихорофарини миллӣ бадал гардида, ҳатто дар мақоми як аз рамзҳои муҳимми адабиёти ирфонии форсу тоҷик ҷиҳати ифодкунандаи қалби соф ва поки инсонӣ, мазҳари некӣ, сафо қарор гирифт. Саноӣ мефармояд:

Ҷоми ҷаҳоннамо дили инсони комил аст,
Миръоти ҳақнамо ба ҳақиқат ҳамин дил аст [8, 163].

Ҳофизи Шерозӣ бошад дар як байти хеш бо ифтихор аз Ҷоми Ҷам ёд мекунад, ки Сикандар дар асоси он оинаи хешро сохта, то дар ҳифзи марзу буми хеш аз лашкари Доро истифода созад:

Оинаи Сикандар Ҷоми Ҷам аст, бингар,
То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро [19, 42].

Ифтихорофаринии сухани Ҳофиз дар он ифода меёбад, ки он чи маъруф бар оинаи Сикандар мебошад, дар асл ҳамин Ҷоми Ҷам аст, яъне нусхае аз Ҷоми Ҷамшед ба шумор меравад. Воқеан, ин шеваи баёни Ҳофиз навъе ифтихори ӯро аз падидаҳои фарҳанги миллии худ ҷилвагар месозад. Дар баробари Ҷоми Ҷам дар шеъри Ҳофиз ва дигар суханварони мо вожагону таъбирҳои ифодакунандаи аносири фарҳанги бостонии миллӣ, чун меҳробод, хуробод, пири муғон, муғбачаи бодафурӯш ва амсоли ин истифода шудаанд ва ҳатто дар ифодаи мазмунҳои меҳварии андешаву афкори шоир истифода гардиданд, ки ин амр ба падидаҳои муассир дар ифтихорофаринии каломи шоир таъкид мекунад. Ба ифодаи дигар, яке аз ҳадафҳои аслии истифодаи ин луғот ва таркиботи ба фарҳанг ва тамаддуни даврони исломӣ бегона ва ҳатто мухолиф дар шеъри Ҳофизи Шерозӣ ва дигар суханварони мо дар баробари таъмини ҳифозати падидаҳои фарҳанги куҳани миллии мардумони ориётабор ифодаи ҳисси баланди ифтихори миллӣ ба шумор меравад. Ин шеваи қобили таваҷҷуҳ дар корбурди чунин таркибу таъбирҳо на танҳо асос бар такмили ҷанбаҳои миллии ашъори шоирони мо гардидааст, балки ҷилваҳои хоси андешаву афкори миллии суханваронро бозгӯйӣ кардааст, ки ҳамагӣ дар таҳаввули ифтихори миллии аҳли сухан нақш гузоштаанд.

Дар шароити ташаккули таърихии миллати тоҷик, ки ба аҳди бостон пайванд мегирад ва тоҷиконро ҳамчун яке аз ақвоми ориёӣ муаррифӣ мекунанд, унсурҳои муҳим ва заминасоз барои ташаккули давлатдории миллӣ бештар дар сурати оинҳо, падидаҳои фарҳанги миллӣ ҷилвагар шудаанд. Ҷашнҳои бузурги ниёгони мо, чун Наврӯзу Меҳргону Тиргону Сада дар шумори муҳимтарин арзишҳои миллӣ қарор доранд, ки махсусан имрӯз ба ифтихороти миллӣ табдил ёфтаанд. Ба таъкиди Пешвои миллат ин арзишҳои миллии мо таърихи бештар аз 6 ҳазорсола доранд. Бо гузашти айём мардуми мо ба унвони арзишҳои миллӣ онҳоро дар қатори муҳимтарин ифтихороти миллӣ қарор доданд.

Руҷуъ ба таърихи давлатдориҳои миллии тоҷикон, ки дар таҳқиқоти таърихӣ онро ба даврони ҳукумати Ҳахоманишиён нисбат медиҳанд, ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки воқеан бунёдгузори ин давлат Куруши Кабир хидмати бузурге дар таърихи давлатдории миллии мо ва низоми сиёсати ҷаҳон анҷом дод, ки маншури ӯ ё ба таъбири дигар эъломияи ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби вай вазъ гардид, барои тамоми инсоният то имрӯз хидмат карда меояд. Бо гузашти замон дар сиёсати ҷаҳонӣ ҳамчун ҳуҷҷати бунёдӣ эътироф гардид, ки дар ҳақиқат ҳамчун рамзи ифтихорофарини миллӣ шинохта мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шарҳи аҳамияти ифтихорбарангези ин санади ҳуқуқӣ чунин таъкид доштаанд: «…Ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони гуногунасолату мухталифойин шумурд, ки тамаддуни ориёӣ сарчашма гирифтааст. Шояд дар таърихи аҳди қадим ин таълим нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рум ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард…» [13, 21].

Дар баробари эъломияи мазкур хидмати бузурги дигари Куруш ба миллат ва мардуми тоҷик бунёди шаҳре дар марзи ҷуғрофии таърихии Тоҷикистони кунунӣ бо номи Курушкада мебошад, ки баъдан бо номи Истаравшан маъруф гардид. Ҳатто дар минтақаи кунунии ноҳияи Спитамени Тоҷикистон боқӣ мондани минтақае бо номи Куркат, ки шакли кӯтоҳшудаи Курушкат мебошад, ба бунёдгузории ин шахсияти таърихӣ ва ифтихорофаринии номи ӯ барои мо тоҷикон ишорат мекунад. Аз ин рӯ, худ ба номи ин сипаҳсолори бузург ва бунёдгузори давлати Ҳахоманишиён марбут донистани эҷоди чандин марзҳои ҷуғрофии таърихӣ бори дигар қиммати таърихии миллати моро ба субут мерасонад. Бар ҳамин асос аст, ки Пешвои миллат дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» Куруши Кабирро яке аз 25 тан чеҳраҳои мондагори миллат шуморида, ӯро «бундёгузори давлати мутамаддин» ном ниҳодаанд ва дар робита ба пайванди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо давлати бунёднамудаи вай навиштаанд: «…Тақдири давлатдории Куруш ба тақдири давлати имрӯзаи тоҷикон хеле шабоҳат дорад, ки руҳияи ваҳдати муттаҳидии миллат, пуштибонии сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкориву ободонӣ, ислоҳоти низоми лашкар ва такмили идоракунии мамлакат аз ҷумлаи ин монандиву ҳамоҳангиҳост…». [13, 7].

Барқарор намудани ин пайванди таърихии давлати соҳибистиқлоли миллии Тоҷикистон бо давлати эҷоднамудаи Куруши Кабир бори дигар ба омӯзаҳои таърихии сарнавишти давлатдории миллии мо таъкид меварзад. Агар мо бихоҳем, ки таърихи ифтихорофарини давлатдории миллии хешро муқаррар намоем, бояд сароғози таърихии онро ба тамаддуни ориёӣ пайванд бахшем, ки бузургтарин давлатдории замони қадим ба шумор меравад. Мо аз таърихи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон огаҳӣ дорем, ки соли 2006 маҳз ба ҳамин хотири он ки сарчашмаи давлатдории миллии мо ба қаламрави ориёно ё арийанавайҷаҳ мепайванданд, Соли тамаддуни ориёӣ эълон гардида буд. Вуҷуди таърихии ин тамаддуни бузург то ба ҳазораҳои 4-3-и то милод мерасад, ки ин амр низ ба таърихи қадима доштани давлатдории миллии мо рабт мегирад. Пешвои миллат дар китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» хеле ба маврид ба сайри таърихии он ишорат намуда навиштаанд: «…Он дар ҷараёни сайри тӯлонии худ гоҳ дар гиру дор ва гоҳ дар муколамаи фарҳангӣ бо дигар тамаддунҳои ҳамҷавори худ дар аҳди бостон ва асрҳои миёна буда, гоҳ дар дохили тамаддунҳои дигар ҳамчун ҷузъи таркибии он амал кардааст ва гоҳе ҳам дигар тамаддунҳоро тобеъ ва дар таркиби худ ҷой дода, ба ҳаёти созандаи ҷомеа мусоидат намудааст…». [12, 14].

Қаламрави таърихии тамаддуни ориёӣ аз вусъати азим ва бузурге бархӯрдор буда, ба иттифоқи аҳли таҳқиқ то ҳудуди 18 давлати кунунии қитъаҳои Осиё ва Аврупоро фаро мегирифтааст. Аз ин ҷост, ки таъсири оини давлатдории куҳани ниёгони мо, яъне таъсири фарҳанги куҳани миллати мо, ба тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири хосса дорад. Шахсияти Куруши Кабир ҳам ба унвони як тан сиёсатмадор ва чеҳраи миллӣ дар баробари иншои аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар ба унвони симои барҷастаи дорои

ғояву ормонҳои миллӣ муаррифӣ мешавад, ки андешаҳояш дар тамаддуни инсонӣ таъсиргузоранд. Ин ки ҳатто дар базъе сарчашмаҳо зуҳури бархе аз оинҳои миллии ҷашни Наврӯзро ба ақвоми дигар нисбат медиҳанд, иштибоҳан аз он ҷо сар задааст, ки ҳақиқати таърихии хидматҳои Куруши Кабир барояшон норавшан аст. Куруш ба ҳар кишваре, ки қадам гузоштааст, бо худ ҷашну маросим ва оинҳои миллии моро бурдаву бештар на тавассути силоҳ, балки бо андешаи созанда бар мардумони дигар пирӯз гардидааст, ки ин хидматҳои бузурги ӯ низ омили муассир дар ифтихорофаринӣ гардидаанд. Ҳамин омили муҳим ва эътирофи шахсияти Куруш дар тамаддуни инсонӣ сабаб шуд, ки ҳанӯз аз айёми наздик ба замони ӯ ба офариниши симои бадеии ӯ дар адабиёти ҷаҳон иқдом намуданд. Аввалин асар ба қалами яке аз ҳакимону муаррихони донишманди юнонӣ Ксенофон тааллуқ дорад, ки бо чандин забонҳои олам тарҷумаву нашр шудааст. Ба навиштаи адабиётшинос Нуралӣ Нурзод «…бегумон ҳарчанд ин асари таърихӣ ба шумор рафта, аз муҳимтарин сарчашмаҳои нодири омӯзиши зиндагонӣ ва пайкорҳои Куруш ба шумор меравад, аммо омезаҳои таъриху афсона дар он китобро ба унвони яке аз нахустин румонҳои куҳан роҷеъ ба зиндагинома ва корномаҳои сиёсиву инсонии ин шахсияти бузурги таърихӣ муаррифӣ мекунад. Дар ҷараёни муаррифии ин асар дар китобҳо ва қомусҳои чопиву электронӣ аз ин асар ҳамчун романи таърихӣ низ ёд шудааст…». [7, 201].

Дар Эрон ҳам аз ҷониби яке аз донишмандони маъруфи ин кишвар Мир Ҷалолуддини Каззозӣ романе бо номи «Падари Эрон (достоне бар пояи саргузашти Куруши бузург)» таълиф гардид ва аз рӯйи он ки дар идомаи номи асар зикри калимаи «достон» меравад, маълум мешавад, ки он як асари бадеӣ буда, дар меҳвари он симои шахсияти барҷастаи сиёсӣ қарор гирифтааст.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар даврони истиқлоли миллӣ аз ҷониби Пешвои миллат ба унвони аввалин чеҳраи мондагори таърихи тоҷикон эътироф шудани Куруши Кабир сабаб шуд, ки дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ дар адабиёти тоҷик низ симои бадеии ин чеҳраи барозандаву ифтихорофарини миллӣ офарида шавад. Эълони соли 2006 ҳамчун Соли тамаддуни ориёӣ низ барои ташаккули омили ифтихорофаринии ин чеҳраи сиёсӣ нақш бозид, ки дар натиҷа аввалин роман дар адабиёти тоҷик дар бораи Куруши Кабир аз ҷониби нависанда Бароти Абдураҳмон бо номи «Куруши Кабир – шоҳаншоҳи тамаддунофар» навишта шуд. Баъдан қиссаи «Фурӯғи ишқ» аз ҷониби нависандаи дигар – Мубинҷон Юсуфов ба қалам омад, ки симои марказии он низ Куруши Кабир мебошад.

Ин матолиб ва нуктаҳо ба нақши муассири симои Куруши Кабир дар ифтихорофаринии миллӣ дар ҷомеаи даврони истиқлоли миллии тоҷикон ишора мекунанд ва шахсияти ӯро ҳамчун як хориқаи бузурги таърихи давлатдории миллии эронитаборон, аз ҷумла тоҷикон ҳамчун меросбарони тамаддуни ориёӣ муаррифӣ мекунанд.

Агар мо симоҳои барҷастаи ифтихорофарини миллиро дар таърихи тоҷикон, бар асоси китоби «Чеҳраҳои мондагор»-и Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муқаррар намоем, пас маълум мешавад, ки дар идомаи ин роҳ корномаҳои диловаронаи Спитамену Деваштич, Зардушт, Мониву Маздак қарор мегиранд. Берун аз ҳама, қайдҳои дигар, ки бархе аз онон ба бунёди динҳои мухталиф марбут мешаванд, вале дар назари аввал симои миллӣ ҳастанд, ки тавфиқ ва дастовардҳои нодири фикрии онҳо ба эҷоди ифтихори миллӣ мегардад. Берун аз он ки китоби Авасто асари оини зардуштиён аст, вале он як китобе ҳам эътироф гардида, ки онро Пешвои миллат нахустин қомуси миллат унвон намудаанд. Маҳз, дар ин асар нахустин донишҳои башарӣ низ ҷой гирифтаанд, ки дар асоси он дар Аврупо донишмандон ба кашфи бисёре аз ҳаводиси муҳимми табиатшиносӣ муваффақ гардиданд. Ҳанӯз дар замони хеш Низомии Ганҷавӣ дар мавриди сарнавишти нахустин қомуси миллии мо фармуда буд:

Хирадномаҳоро зи лафзи дарӣ,
Ба юнонзабон кард кисватгарӣ [18].

Ба шаҳодати ахбори таърихӣ, китоби Авасто дар ду нусха дар 12 ҳазор пӯсти гов китобат шуда будааст. Юнониён якеро комилан нобуд карда, дувумиро бо худ ба Юнон бурда, тарҷума кардаанд, ки ин матлаби Низомӣ ба он ишорат мекунад. Маҳз, ҳамин тарҷумаи анҷомёфтаи Авасторо дар забони юнонӣ бархе донишмандон сарчашмаи нуфузи фалсафа дар Юнон эътироф кардаанд.

Монӣ бошад, дар таърихи фарҳанги мо дар баробари бунёдгузори равияи монавия будан, ҳамчун наққоши соҳибқалам ва соҳиби китоби тасвирҳои «Аржанг» эътироф намуданд. Омили ифтихорофаринии ин чеҳраи бузурги фарҳангӣ он аст, ки ҳар куҷо сухан аз нақши қалам ва ҳунари наққошӣ меравад, он ҷо ба ду номи бузурги ҳунармандӣ дар таърихи миллати мо ишорат мешавад, ки яке ҳамин Монист ва дигаре Камолиддини Беҳзод. Робиаи Балхӣ нахустин зани суханвари тоҷик мефармояд:

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги Аржанги Моно гирифт [14].

Китоби арзишманди наққошиҳои Монӣ, яъне Аржанги ӯ ҳам дар баробари китоби Авасто рамзи муҳимми ифтихорофаринӣ дар адабиёти классикии мо гардид, ки мисли Робиа садҳо шоирони дигар низ ба он ишорат кардаанд.

Муқобилият ва қаҳрамониҳои Спитамен дар муқобили юнониҳо ва Деваштич дар муқобили араб ва диловариҳои нотакрори онҳо сабаб гардидааст, ки баробари ворид шуданашон ба қатори чеҳраҳои мондагори миллат аз ифтихорофаринӣ дар ҷомеаи имрӯзи мо паём бирасонанд. Ҳоло ба хотири абадӣ нигоҳ доштани хотираи онҳо дар Тоҷикистон ду ноҳия ба номашон гузошта шудааст. Номгузорӣ ба номи шахсиятҳои барҷастаи сиёсиву таърихӣ ва адабӣ, ходимони давлатӣ низ яке аз унсурҳои муҳимми ифодакунандаи ифтихори миллӣ дар сиёсати кунунии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳоло дар баробари он ки ду ноҳия ба номи ин ду чеҳраҳои мондагор гузошта шудааст, шаҳру навоҳие ҳам ҳастанд, ки номҳои устод Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шамсиддин Шоҳин, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуровро доранд ва дар зимни ҳамин сиёсати ифтихорофар номҳои ҷуғрофии қадима, чун Суғд, Бохтар, Левакант, Истаравшан, Ҳулбук, Ҷайҳун, Сайҳун ва амсоли ин эҳё гардиданд. Чунин тадбири муҳимми сиёсӣ дар баробари сарчашма дар ифтихори баланди миллии Пешвои миллат доштан дар ташаккули ифтихори миллии ҷомеа низ метавонад нақши пуртаъсир гузорад.

Дар даврони ҳукумати давлати Сосониён низ чанд шахсияти бузурги таърихӣ арзи ҳастӣ намуданд, ки дар қаламрави таърих ва фарҳанги миллии мо мақоми махсус касб намуда, падидаҳои махсуси ифтихорофаринӣ аз хеш ҷилвагар сохтаанд. Бунёдгузори давлати Сосониён Ардашери Бобакон ва махсусан шоҳи дар адолат шуҳратёри ин хонадон – Анушервон, симоҳои барҷастае аз ин сулола ба шумор мераванд, ки номашон рамзи ифтихори миллӣ гардидааст. Ишорат бар ин нукта кофист, ки имрӯз дар кишвари мо ҳазорон нафар танҳо ба ифтихори чеҳраи барҷастаи миллӣ будани ин ду сиёсатмадори бузург номи фарзандони хешро Ардашеру Анушервон мегузоранд.

Замони ҳукуматдории Сомониён давраи шукӯҳманди таърихии давлатдории миллии мо ба шумор меравад. Дар замони истиқлоли миллӣ мо танҳо бо гузашти зиёда аз ҳазору сад соли таърихии давлатдорӣ соҳиби давлати миллии хеш гардидем ва барои тақвияти оинҳои давлатдории худамон аз сабақҳои таърихии ин давлати таърихан бузург баҳраманд гардидем.

Рамзи ифтихорофаринии давлатдории Сомониён дар чанд амр муҳим муқаррар мешавад:

1) нахуст ин ки намунаи барҷастаи давлатдории миллии мо ба шумор меравад;

2) ба таъбири академик Бобоҷон Ғафуров давраи анҷоми ташаккулёбии халқи тоҷик эътироф гардидааст;

3) давраи ҳукуматдории Сомониёнро давраи эҳёи Аҷам номидаанд;

4) симоҳои адабиву чеҳраҳои илму маърифати замон барои пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ хидмат намудаанд;

5) Исмоили Сомонӣ дар баробари он ки доҳии миллати мо шинохта шудааст, ба таъбири Пешвои миллат «…абармарди хирад ва сиёсат…» ба шумор меравад. Бо гузашти бештар аз ҳазор соли таърихии давлатдории миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамин таҷрибаи таърихии давлатдориро дар эҳёи ҳастии миллати тоҷик бо ҳисси баланди миллӣ такрор намуданд. Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ятимов С.С. дар китоби худ «Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ» чунин навиштанд: «…Ҳангоми таҳлили паҳлуҳои заруроти роҳбарии сиёсӣ дар таҷрибаи давлатдории миллати тоҷик ду намунаи барҷастаи мондагори таърих ва фалсафаи сиёсат намудор мегардад. Аз ҷумла, корномаҳои шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Боиси таваҷҷуҳи махсуси илмӣ аст, ки соҳиби қудрати давлатдорӣ ва давлатсозӣ шудани шахсияти бузург омил ва хосияти фавқулода (the situational factors) дорад…» [20, 11].

Дар навбати аввал, таъкиди муаллифи муҳтарами ин китоби арзишманд ба омили фавқулода доштани вежагиҳои роҳбарии ин ду шахсияти барҷастаи таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки онро чун ду симои ифтихорофарини миллӣ бишносем ва дар баробари ин, бо ҳастии таърихии онҳо ифтихор ҳам намоем. Тавре профессор Ятимов С.С. дар идомаи баррасиҳои худ таъкид мекунад, «…дар байни фаъолияти давлатдории Шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон умумиятҳои таърихии қавӣ ва муштаракоти возеҳ мавҷуд аст. Ин масъала мавзуи тадқиқоти алоҳида хоҳад буд…» [20, 11]. Аз нуқтаи назари чеҳраҳои ифтихорофарини миллӣ будани ҳар ду шахсият низ метавон як таҳқиқоти ҷомеъ ба анҷом расонид. Дар давраи Сомониён маҳз тавассути кӯшишҳои Исмоили Сомонӣ давраи эҳёи Аҷам оғоз шуд ва бешак ҳамин гуна раванди пурдоманаи эҳёи миллиро мо метавонем дар даврони Истиқлоли миллӣ дар барномаву ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушоҳида намоем.

Дар маҷмуъ, аз баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи ифтихори миллӣ ва заминаҳои иҷтимоии он метавон бар ин натиҷа расид, ки дар таърихи миллати мо аз даврони дур то имрӯз омилҳои зиёди ташаккули ифтихори миллӣ арзи ҳастӣ намуда, барои рушди тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти низоми давлатдорӣ таъсири муҳим гузоштаанд. Унсурҳои ифтихорофарин дар замони хеш бинобар ташаккул наёфтани унсурҳои асосии миллат ҳамчун рамз ва меъёрҳои муайянкунандаи ифтихори миллӣ набудаанд, вале бо гузашти замон meросбарони ин аносир онҳоро ҳамчун падидаҳои шоистаи шинохти ифтихори миллӣ муқаррар кардаанд. Дар даврони Истиқлоли миллии кишвар чунин омилҳо ва падидаҳо дар партави сиёсати созандаву барозандаи Пешвои миллат нуфуз дарёфтанд, ки ба онҳо оину русуми миллӣ, анвои ҳунар, чеҳраҳои адабиву фарҳангӣ, ҳунарӣ, аносири тамаддуни куҳани миллат, чун шаҳрҳо, забон ва амсоли ин шомиланд. Таҳқиқи заминаҳои ташаккули аносири ифтихорофарин дар замони истиқлоли миллӣ мавзуи баҳси ҷудогонаест, ки ба сурати алоҳида мавриди баррасӣ қарор мегирад.

## АДАБИЁТ:


1. Абдураҳмон Барот. Куруши Кабир – шоҳаншоҳи тамаддунофар. – Душанбе: Шарқи озод, 2006. – 420 с.
2. Азизов К. Ҷ.Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Душанбе: 2023. – 152 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
4. Каззозӣ Мирҷалолиддин. Падари Эрон (достоне бар пояи саргузашти Куруши бузург. – Теҳрон: Муин, 1372. – 208 с.

5. Кристенсен А. Намунаҳои нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр дар таърихи афсонаҳои ирониён. – Теҳрон: Чашма, 1377. – 558с.
6. Ксенофонт. Курушнома. Мутарҷим Ризо Машоихӣ. – Теҳрон, Қақнус, 1375. – 276с.
7. Нурзод Н. Симои бадеии Куруши Кабир: аз Устура то воқеият. Оинаи пажуҳишгоҳ. – №4, 2022.
8. Нурзод Н. Султони авранги сухан. Нақду баррасии ашъори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ- Хуҷанд: Ношир, 2015. – 300 с.
9. Нурзод Н. Душанбе – тахту бахти тоҷикон. – /Ҳақиқати Суғд. 14 июли соли 2020.
10. Раҳмон Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999.
11. Раҳмон Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128с.
12. Раҳмон Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372с.
13. Раҳмон Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364с.
14. Робиа бинти Каъб. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.term com.tj/?menu=bases&page=hamasr_ 35&lang=eng (Санаи муроҷиат: 04.11.2024.)
15. Сиёсӣ Маҳадёр. Радде бар вобастагии манзумаи "Юсуф ва Зулайхо" ба Фирдавсӣ. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: https://kheradgan.ir/p/22276 (Санаи муроҷиат: 08.09.2024.).
16. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз». – Душанбе, 22 октябри соли 2019.
17. Хатибӣ Абулфазл. Ки Рустам яке буд дар Систон. https://shahnamehpajohan.ir/
18. Хираднома: [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: https://vazhaju.tj/search /%D1%85%D0%B8%D1%80%D0%B0 (Санаи муроҷиат: 08.09.2024.).
19. Шерозӣ Ҳофиз. Девон.Таҳияи матн аз Шарифмурод Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2015- 480 с.
20. Ятимов С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ- нашриёт, 2019. – 208с.
21. Ятимов С.С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2019. – 248с.

УДК: 1Ф

# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА НАЗАРИЯҲОИ МУОСИРИ МАСЪАЛАИ ҶАНГ

**РАҲИМОВ Р.М.**

*Доктoранти PhD-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур раванди инкишофи шиддатнокии бархӯрди манофеи давлатҳо дар шаклҳои гуногуни ҷангҳои вобаста ба замон аз аҳди бостон то замони имрӯза таҳқиқ шудааст. Оварда шудааст, ки тӯли таърихи инсоният дар зиндагии инсонҳо, ҷангу хунрезӣ ҳамвора вуҷуд доштааст ва дар ин ҷои баҳс нест. Мутаассифона, акнун ҳам ин раванд, бо тарзу усулҳои мухталиф миёни қишрҳои гуногуни милливу нажодӣ идома ёфта, хусусиятҳои даҳшатнокро вобаста ба рушди илму техника ба худ касб кардааст.*

**Калидвожаҳо:** *ҷанг, бостон, таърих, инсоният, хунрезӣ, қишрҳо, миллӣ, нажодӣ, даҳшатнок, илм, техника.*

# НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ПО ПОВОДУ СОВРЕМЕННЫХ ТЕОРИЙ ПРОБЛЕМЫ ВОЙНЫ

**РАХИМОВ Р.М.**

*Докторант PhD Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье исследуется процесс развития интенсивности конфликта интересов государств в различных формах войн, связанных во времени, с древнейших времен до наших дней. Доказано, что на протяжении всей истории человечества война и кровопролитие всегда существовали в жизни людей, и в этом нет никаких сомнений. К сожалению, и сейчас этот процесс продолжается разными путями и методами между разными этническими и национальными группами и приобрел ужасные характеристики в связи с развитием науки и техники.*

**Ключевые слова:** *война, древность, история, человечество, кровопролитие, слои, национальные, расовые, страшные, наука, техника.*

# SOME THOUGHTS ON MODERN THEORIES ON THE ISSUE OF WAR

**RAHIMOV R.M.**

*Doctor PhD of Institute of philosophy, politics and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*This article examines the process of development of the intensity of conflict of interests of states in various forms of wars related in time, from ancient times to the present day. It is proven that throughout the history of mankind, war and bloodshed have always existed in the lives of people, and there is no dispute about this. Unfortunately, even now this process continues in different ways and methods between different ethnic and national groups and has acquired terrible characteristics in connection with the development of science and technology.*

**Keywords:** *war, antiquity, history, humanity, bloodshed, layers, national, racial, terrible, science, technology.*

Раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти сиёсӣ, маданиву фарҳангӣ, кӯшишҳои тақсимоти нави ҷаҳонӣ дар зери манфиатҳои кишварҳои бузург, технологияи навини информатсионӣ ҷангҳои ошкорову пасипардагӣ ва ба монанди ҳаминҳо дар чанд даҳсолаи охир ҳастии инсониятро ба хатар оварда истодаанд.

Таърих шоҳид аст, ки дар зиндагии инсонҳо, ҷангу хунрезӣ ҳамвора вуҷуд доштааст ва дар ин ҷои баҳс нест. Мутаассифона, акнун ҳам ин раванд, бо тарзу усулҳои мухталлиф миёни қишрҳои гуногуни милливу нажодӣ идома ёфта, манфиатҳои аксари кишварҳои рӯ ба инкишофро ба назар намегиранд. Чун хиради инсон ниёз ба такомул

дорад ва кӯшиш мекунад тамоми сифатҳои бадӣ, мабдаъ ва заминаҳои тафаккури хусуматангезро аз байн барад, аммо на ҳама дар ҷамъият инро дарк мекунанд. Таърихи инсоният, баёнгари он аст, ки ҳамаи ҷангҳо, аз ҷаҳолат бархоста ва сабаби тамоми нооромиҳо шудааст, аз ин рӯ, инсоният ҳамеша ниёз ба таълиму тарбия дорад, ки бидонад моҳияти ҳастии ӯ аз чи иборат аст, барои чи ба дунё омадааст ва вазифаи ӯ дар рӯи замин чист? Албатта, на ҳама дар ҷамъият қобилияти дарки ин вазъиятро дорад ва ба мазмуни ин саволҳо сарфаҳм рафта метавонанд. Агар ба ин саволҳо ҷавобҳои мусбат, медоданд ва манфиатҳои ҳамаи инсонҳоро дар назар медоштанд, одаму олам дар сулҳу оромӣ зиндагӣ мекард.

Мақсад аз бурдани ҷанг ин расидан ба ҳадафҳои зарурии муайяни ин ва ё он гурӯҳи муттаҳида мебошад. Ҷанг – ин бархӯрди бо силоҳ, ки дар замони муосир шаклҳои гуногунро ба худ касб кардааст, метавонад миёни давлатҳо, гурӯҳҳои мусаллаҳ, ҳизбҳои гуногун ва ҷамъияти одамон буда, воситаи асосии он гурӯҳи силоҳноки одамон ва силоҳ ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои асосии ҷангҳо дар он ифода меёбад, ки чи гуна муайян намудани сарҳади ҷанг ва сулҳ, инчунин роҳҳои анҷоми ҷанг, лаҳзаи гузариш аз ҷанг ба сулҳ ва баръакси он, пешгирӣ намудани ҷанг, ки дар замони муосир бениҳоят шаклҳои гуногунро ба худ гирифта, норавшании масъалаи ҳалли он вазъиятро бадтар мекунад.

Таърихи тамоми ҷангҳо нишон медиҳад, ки дар замони ҷанг, марги нобаҳангом новобаста аз синну сол ва ҷинсият ба як ҳодисаи ом табдил мешавад. Чун ҳама гуна ҷангҳо натиҷаи иштибоҳи ақл аст ва ин иштибоҳ ҳаққу ҳақиқатро поймол мекунад. Бисёр файласуфон, мутафаккирон ва сиёсатмадорони дурандеш таъкид мекунанд, ки ҷанги озодихоҳӣ агарчи ҷанг аст, аммо дар роҳи худ муқаддас аст, чун барои талоши ниҳоии ақлу хирад ҷиҳати маҳву нобудии нерӯи бадӣ ва фасод ва барои ҳифозат ва ҳимоят аз сулҳу сафо, зиндагӣ ва саодати одамиён роҳандозӣ мешавад.

Мавзуи ҷангу сулҳ яке аз масъалаҳои асосии тамоми давру замонҳо мебошад, зеро бе сулҳу салоҳ ва озодӣ  зиндагӣ кардан ғайриимкон аст.

Ҳанӯз ҳакимони аҳди бостон (Гераклит, Демокрит, Афлотун, Арасту) кушишҳои зиёд барои таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанг кардаанд. Демокрит яке аз аввалинҳо шуда, масъалаи пайдоиши ҷангро ба миён гузошт, ӯ қайд мекунад, ки сабабҳои асосии ҷанг аз тақсимоти ноодилонаи неъматҳои зиндагӣ мебошад. Ҷангҳои дохилидавлатӣ аз афзудани сатҳи камбизоатӣ сарчашма мегирад, Афлотун ҷангро ҳамчун “қисме аз санъати сиёсӣ медонад” ва мегӯяд, ки ҷанг яке аз асосҳои бунёди давлати ғуломдорӣ, инкишофи қонуни сиёсии ҳуқуқи кишвари пурқудрат ба кишвари заиф мебошад. Арасту таваҷҷуҳи худро ба асоситарин қисмати он пеш аз ҳама таҳдидҳо ва бевосита муқовимати ҳарбӣ равона мекунад [4, 2].

Ҷанг ба тамоми соҳаҳои ҳастии инсон таъсиргузор буда, зарари худро ба ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ мерасонад. Мафҳуми «ҷанг»-ро метавон танҳо ба воситаи маҷмӯи донишҳои ҷамъовардашуда аз фалсафа, сотсиология, сиёсатшиносӣ, психология ва таърих метавон муайян кард.

Сиёсатшиносон ва файласуфони замони нав масъалаи ҷангро баррасӣ намуда, шаклҳо, сохт ва сабабҳои гуногуни онро пешниҳод намудаанд. Яке аз ин назарияҳо назарияи сотсиофарҳангӣ мебошад. Ба ақидаи тарафдорони он сохти раванди ҷамъиятиву фарҳангии ҷангҳо бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиву фарҳангии миёни ҷамъияти одамон, халқиятҳо, ҷамъияти диндорон зич алқамананд мебошад. (П Сорокин, К Райт, С Хангтингтон, А Тойнби). Равиши фарҳангшиносии роҳҳои фарҳангии пайдоиши ҷангро (Л Уайт, Й Хёйзинга, Т Шеллинг, Х Хофмайстер) дар падидаи фарҳанг баҳо медиҳанд. Тарафдорони андешаи равоншиносӣ бошанд (З Фрейд, К Лоренц, Г Зиммель) сарчашмаи ҷангро дар тафаккури одам, дар таҷовузи бахши шуури одамон, ки дар натиҷаи таъсири ҳиссиёти ҷамъияти одамон ба вуҷуд меояд, мебинанд [4, 4]. Шояд, ин то андозае дуруст бошад, ки фишори интеллектуалии бархе аз гурӯҳҳои одамон ва қабилаҳоро дар таърихи асрҳои миёна метавон мушоҳида кард, ки ин сифатҳоро дар фарҳанг ва дар шуури онҳо метавон мушоҳида намуд.

Клаузевис ҷангро тамоман дар итоати сиёсат мебинад. Дар китобаш “Дар бораи ҷанг” ӯ мефаҳмонад, ки “ҳадафи сиёсат – шурӯи ҷанг буда, ба ҳамин тартиб муайян мекунад, мақсади ҷанг, ки бояд ба ӯ расид, ва ҳамин тавр ҳаҷми кӯшишҳо, ки барои он зарур мебошад” ба шумор меравад. Ва дар ҷойи дигар ӯ қайд мекунад, ки “ҷанг – ин муқобилияти миёни хоҳишҳо мебошад” [8, 83], ки ба тарафи муқобил равона мешавад.

Дар даҳсолаи охир дар баробари фаҳмиши ҷангҳои “анъанавӣ” ибораи “ҷангҳои нав”-и пасипардагӣ ба миён омадааст, яъне дар бисёр маврид, ба соҳаҳои мухталифи давлат масъалаҳои норӯшани иқтисодиву экологӣ, психологиву иттилоотӣ таҳдид намуда, ҳастии онҳоро ҳамчун давлат зери савол мегузорад. Бисёре аз сабабҳои ҷангҳои муосир аз дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ вобастагӣ дорад: ҷанбаи иқтисодии масъала дар он ифода меёбад, ки кишварҳои бузурги минтақа ва берун аз он кӯшиши аз худ намудани заминҳои аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ бойро ба манфиатҳои худ, доранд. Онҳо ба ҳар роҳу восита барои заиф намудани иқтисоди кишвари муқобилро, ба ин мақсад бо амалӣ кардани ҳаргуна таҳримҳо ба соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисодии давлат, бастани дарҳои корхонаҳои бузург ё ин, ки паст намудани имиҷи он дар арсаи ҷаҳонӣ кӯшиш мекунанд. Ҷанг, ҳоло яке аз шаклҳои пешбурди савдо дар ҷомеаи иқтисоди бозаргонӣ шудааст. Ҳаёти одамон дар шароити истифодабарии неъматҳои моддӣ, арзиши худро аз даст додааст.

Аммо дар замони имрӯза ҷангҳо хосиятҳои гуногунро ба худ касб кардааст, ки аз гузашта фарқ мекунад. Карл фон Клаузевис, қайд мекунад, ки “ҷанг- ин сиёсатест, ки ба ҳар роҳу восита амалӣ мешавад, аммо дар замони имрӯза метавон гуфт, ки сиёсат (ва иқтисод) – ин ҷангест, ки бо воситаи иттилоот (информатсия) амалӣ шуда истодааст ” [5, 48].

Ҷангҳои иттилоотӣ самаранокии таъсироти бади худро бевосита дар тамоми муҳити ҷамъиятиву фарҳангӣ, иқтисод ва соҳаҳои ҳарбии тамоми давлатҳо мерасонад ва метавон гуфт, ки дар ҷаҳони имрӯза иттилоот гарчанде дар зоҳир начандон хатарнок бошад, ҳам аммо, таъсирашро метавон бо силоҳҳои харобиовар баробар кард. Чун ҷангҳои иттилоотӣ зудтар аз силоҳу аслиҳа дида, ба қалбу ҷони мардум ҷой гирифта таҳлука ва нобасомониро метавонанд оваранд. Ва мақсади ҷангҳои иттилоотӣ низ дар ҳамин мебошад, ки идораи шуури ҷамъиятро ба даст оварда, дар ақл ва рафтор ва ба ин васила баояндаи он таъсир расонда тавонад. Объекти асосии ҷангҳои иттилоотӣ шуури ҷамъият (фард), аз ҷумла низомиён ба шумор рафта, заиф кардани иқтидори онҳо мақсади асосии душман ба ҳисоб меравад ва хатари ҷиддӣ ба давлат таҳдид мекунад. Асоси мантиқи ҷангҳои иттилоотиро хабарҳои бардурӯғи эҳсосотии нооромкунанда ташкил мекунад.

Дар замони имрӯза, интернет ба сифати яке аз абзорҳои ҷангҳои иттилоотӣ мубаддал гаштааст. Ба фикри олими рус П. Сидирова, интернет ба воситаи нави табаддулоти илмиву техникӣ дар ним аср ба дараҷае дар хотираи халқ пурхатар шудааст. Аз ин рӯ, барои забти 50млн одам, ба интернет ҳамагӣ 3 сол лозим меояд, ба радио 40 сол лозим меояд, ки агар 50 млн одамро забт кунад, инчунин шабакаҳоро бошад (телевидений), зиёдтар аз 10 сол. Дар чунин ҷангҳо тарафҳои муқобил, сарчашмаҳои интернетӣ, аккаунтҳо ва сайтҳои ҳамдигарро баста мекунанд” [5, 50].

Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода бурда ҷавонони ноогоҳ ва камсаводро ба худ ҷалб мекунанд.

Ба андешаи муҳаққиқон ҷангҳои иттилоотӣ дар ивази ҷангҳои классикӣ пайдо шуда, дар замони муосир ба амал баровarda мешаванд:

- паст намудани сатҳи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва бад намудани муносибати давлат бо дигар давлатҳо;
- ташкили фазои ноорому ноустувор дар миёни ҷомеа;
- бадном намудани мақомотҳои давлатӣ;
- иғвогарӣ ва бадномкунии роҳбарони сатҳи болоӣ.

Субъектҳои асосии амаликунандаи ҷангҳои иттилоотӣ (информатсионӣ) ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ин кишварҳои бузурги манфиатдори ҷаҳон, инчунин кишварҳои минтақа, мухолифин ва террористону экстремистон мебошанд. Аз ин рӯ давлати мо чораҳои заруриро мебинад, то мардум аз моҳияти сиёсатҳои ин давлатҳо ва нерӯҳои харобсоз бохабар бошанд.

"Мо ҷонибдори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ бо роҳи муколама ҳастем ва аз тақвияти нақши калидии Созмони Милали Муттаҳид дар ин раванд пуштибонӣ мекунем" [3]. Вазъи имрӯзаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, сулҳу суботи Тоҷикистон воқеият аст. Барои имрӯз. Барои таърих. Онро инкор кардан мумкин нест. Ин воқеият, сарфи назар аз баъзе норасоиҳои объективӣ, дар вазъи ниҳоят мушкил ва ҳассоси таърихӣ, геополитикӣ, боиси ифтихор аст [7].

Ҳамин хел ҷангҳо василаи бадбахтии миёни халқҳо мебошанд, ки маргу гурезаҳоро ба бор меоварад, ки шумораи дақиқи онро пешгӯи кардан душвор аст. Тибқи муқарарроти оморҳо шумораи қурбониёнро дар гузашта ба қисмҳо аз шурӯи соли 1990 Самюэл Хантингтон дар китобаш "Бархӯрди таммадунҳо" чунин овардааст: 50 000 нафар дар Филипин, 50 000 – 100 000 нафар дар Шриланка, 20 000 нафар дар Кашмир, 500 000 – 1,5 млн нафар дар Судон, 100 000 нафар дар Тоҷикистон, 50 000 нафар дар Хорватия, 50 000 – 200 000 дар Босния, 30 000 – 50 000 нафар дар Чеченистон, 100 000 нафар дар Тибет, 200 000 дар шарқи Тимор. Шумораи гурезагон дар натиҷаи ин ҷангҳо чандин маротиба аз ин ҳам дида зиёдтар ба назар мерасад [6, 40]. Инчунин, яке аз муҳимтарин субстансияи ваҳшонияти замони муосир ҳамон амалҳои шахсони алоҳида, муассисаҳо, давлатҳост, ки дар натиҷаи зӯроварӣ ба табиат боиси офатҳои табиӣ мегардад, ки на танҳо шахсони бевосита гунаҳкор, балки тамоми инсониятро сахт муҷозот мекунанд. Ва агар дар замонҳои қадим одамон минтақаҳои қаблан дастнаёфтаи табиатро хароб карда, худро бо муҳоҷират ба минтақаҳои нав наҷот медоданд, ҳоло инсоният чунин интихоб надоранд ва худи офатҳо аксар вақт глобалӣ мешаванд аз ҷумлаи ваҳшиёнаи экологӣ бо таҳдиди ҳастаӣ (ядроӣ) [2, 100].

Вазъият дар ҳолатҳои ҷангӣ дар дилхоҳ ҳолат шаҳрвандонро водор месозад, ки пеш аз ҳама аз уҳдаи идораи ҳолати рӯҳиву равонии худ баромада тавонанд ва ба дигарон низ дар ҷамъият мусоидат намоянд. Ҷамъияти бошуур ва дорои ахлоқу одоби баланд, нақши асосиро дар ҳолатҳои ногувор иҷро мекунад. Дар чунин ҳолатҳо натанҳо ҷангро афсарони дар ҷанг буда, пеш мебаранд, балки дар якҷоягӣ бо шаҳрвандони дар маҳалли задухӯрдҳо буда, масъул ва вазифадор мебошанд, ки аз худ ва аз наздикони худ ҳимоя карда тавонанд. Барои ғалаба бар душман муттаҳидии халқ зарур аст, зеро борҳо таърих исбот кардааст, ки номуттаҳидӣ ва парешонии мардум боиси аз байн рафтани давлатҳо шудаанд.

Аз нигоҳи таҳлил, таърихи миллатҳо асосан, таърихи зиддиятҳо, ҷангҳо ва мубориэаҳост. Онро ҷиддан бояд омӯхт. Аз нигоҳи илмӣ ҳамчун падидаи воқеӣ нигоҳ карда, зарур аст системаи таъмини амниятро тарзе пешгӯӣ, тарҳрезӣ ва амалӣ намуд, ки аз "гарди хоки нагуни фалак" ва "тӯфони Нӯҳи набӣ" (Ҳофиз) ба миллат осеб нарасад. Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии вазъи ҳаётан муҳим барои таъмини амнияти миллат дар шароити кунунӣ илмро ба қувваи истеҳсолкунанда мубаддал мекунад. Он воситаи муҳимми шинохти воқеият ва сабаби аслии андешидани чораҳои пешгирикунанда мегардад [1, 12].

Аз ин рӯ, дарки воқеият ва пешбурди таҳлили ҳамаҷониба оид ба омӯзиш ва такмили ҷанбаҳои ин раванд дар умум тамоми кӯшишҳои ҳар як фарди хурду бузургро талаб мекунад, ки пешгирӣ ва мубориза бурда шавад, чун ҳаёти инсон арзишмандтар аз ҳар моддаҳои табиӣ буда, онро наметавон бо дигар арзишҳо баробар кард.

## АДАБИЁТ:


1. ISSN 2790 – 3567 Маркази тадқиқотии стратегии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муносибатҳои байналмилалӣ ва Амният №1 (1) 2022. Душанбе – 2022. – 214 с.

2. Мотрошилова Н.В. Цивилизация и варварство в современную эпоху. /Рос.акад.наук, Ин-т философии. – М.: ИФ РАН, 2007. – 268 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олӣ 23.12.2022”.
4. Поваляев Виталий Геннадьевич, Война как социальное явление, автореферат, Москва – 2007, 16 с.
5. Сангинов Н.Н. “Гибридные войны” – реальность современного мира., Душанбе – Дониш. 2022. – 227 с.
6. Хантингтон Самюэль, Москва: Издательсво АСТ, 2016. – (Эксклюзивная классика – 640 с.
7. Ятимов С.С. Илм ва амният. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 192 с.
8. Ясмин Чаич, Применимость теории войны Клаузевица к разрешению современных конфликтов connections QJ 15, №1 81-88 [Сарчашмаи электронӣ]. URL: http://dx.doi.org/10.11610/ connections.rus.15.1.05. (Санаи муроҷиат: 27.10.2024).

УДК: 1Ф 3.9

# АНДЕШАИ НАВАФЛОТУНИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ ФОРОБӢ

**ШЕРАЛИЕВ Б.Р.**
*Докторанти PhD-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллиф атрофи андешаи навафлотуния ва таълимоти яке аз маъруфтарин файласуфони шинохтаи форсу тоҷик Абунасри Форобӣ таҳқиқот мебарад. Муаллиф қайд менамояд, ки навафлотуния, ки асосгузораш Плотин аст, тамоми мавҷудотро аз "Воҳид" медонад, ки он манбаи мутлақи вуҷуд ва сарчашмаи ҳама чиз аст. Форобӣ низ ба сарчашмаи ягона (воҳид) ишора мекунад, аммо онро бо арзишҳои исломӣ мутобиқ намуда, комилиятро дар доираи ахлоқ ва маънавият таҳлил мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки ягонагӣ бояд на танҳо дар вуҷуд, балки дар маърифат ва ахлоқи инсонӣ низ таҷассум ёбад.*

**Калидвожаҳо:** *Навафлотуния, ҳастии аввал, ирфон, судур, дин, фалсафа, Воҷибулвуҷуд, Эннеада, олам, рӯҳ, машшоъ, илоҳиёт, ақл.*

# НЕОПЛАТОНИЗМ И УЧЕНИЕ АЛЬ-ФАРАБИ

**ШЕРАЛИЕВ Б.Р.**
*Докторант PhD Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор исследует идею неоплатонизма и учение одного из самых известных персидско-таджикских философов Абу Насра Фараби. Автор отмечает, что неоплатонизм, основателем которого является Плотин, рассматривает все сущности как происходящие от "Единого", служащего абсолютным источником бытия и началом всего сущего. Фараби также ссылается на единый источник, однако адаптирует его в соответствии с исламскими ценностями, анализируя совершенство в рамках нравственности и духовности. Он подчеркивает, что единство должно проявляться не только в бытии, но и в познании и нравственном поведении человека.*

**Ключевые слова:** *Неоплатонизм, первое существование, гностик, древность, религия, философия, существование, Эннеада, мир, душа, сознание, теология, разум.*

# NEOPLATONISM AND THE TEACHING OF AL-FARABI

**SHERALIEV B.R**
*Doctor PhD of Institute of philosophy, politics and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author tried to research the idea of Neoplatonic and the teaching of one of the most famous Persian-Tajik philosophers, Abu Nasr Farabi. The author notes that Neoplatonism, founded by Plotinus, considers all existence as stemming from the "One," which is the absolute source of being and the origin of everything. Al-Farabi also refers to a singular source but adapts it in accordance with Islamic values, analyzing perfection within the framework of ethics and spirituality. He emphasizes that unity should not only be manifested in being but also in knowledge and human morality.*

**Keywords:** *Neoplatonic, first existence, gnostic, ancient, religion, philosophy, Existence, Ennead, world, soul, consciousness, theology, mind.*

Дар ин бахш мавриди фалсафаи ҷаҳони бостон, ки бо номи навафлотуния ифода ёфтааст ва мутафаккири асримиёнагии тоҷик Абӯнаср Муҳаммад бинни Муҳаммади Форобӣ (873-950), ки яке аз саромадони ҳикмати машшоии давраи тасаллути ислом маҳсуб мешавад, ибрози назар мекунем. Баҳси аввал оид ба мафҳуми навафлотуния дар таълимоти Плотин ва андешаи ӯ баррасӣ гашта, сипас таълимоти Форобиро баррасӣ хоҳем кард. Таълимоти фалсафии навафлотунияро метавон дар таҳқиқоти олимону

муҳаққиқон, ба монанди А.Ф.Лосев, В.Ф.Асмус, Р.А.Басов, Ю.А.Шичалина ва дигарон дучор шуд.

Мафҳуми навафлотуния барои муҳаққиқони фалсафа шинос буда, он яке аз равияҳои идеалистӣ ва ирфониест, ки барои тавсифи фалсафаи Афлотун аз афкори Плотин оғоз шуда, бо баста шудани Академияи Афлотун аз ҷониби император Юстиниан I 7 апрели соли 529 ба охир мерасад [12, 3]. Ин афкор, ки аксар вақт тавсиф мешавад табиати мистикӣ дорад. Сарчашмаҳои навафлотунияро метавон ба давраи синкретизми эллинистӣ, ки чунин ҷунбишҳо ва мактабҳои тафаккурро ба мисли агноститсизм ва анъанаи герметикӣ ба вуҷуд овард, пайгирӣ кард. Бинои нахустини ин мактаб Аммоний Саккас аз мардуми Миср буд, ки дар садаи III мелодӣ дар Искандария мезист [6, 414]. Чун ҳеҷ навиштае аз вай боқӣ намондааст, аз Эрик Робертсон Доддс сар карда, муҳаққиқони муосир Плотинро асосгузори самти нав дар фалсафаи навафлотуния медонанд [6, 417]. Ба ақидаи Карл Маркс навафлотуния аз омезиши хаёлии таълимоти равоқиён, эпикуриён ва шаккокон бо мазмуни фалсафии Афлотуну Арасту иборат мебошад [5, 129]. Флутин шакли талаффузи арабии номи аслии юнонии Плотин мебошад. Ӯ дар шаҳри Ликополи Мисри Поён, ки музофотеро аз империяи Рум ташкил медод, тақрибан, солҳои 204/205 ба олам омада, соли 269/270 дар шаҳри Минтурнии вилояти Кампанияи Рум вафот ёфтааст [7, 10]. Баъди касби улуми замона дар синни 28-солагӣ ба Искандария рафт. Дар он ҷо 10-11 сол дар мактаби Аммоний Саккас ба омӯзиши илми ҳикмат машғул шуд ва зери таълимоти ӯ роҳи оштидиҳии таълимоти Афлотун ва Арастуро пеш гирифт [7, 10-11]. Плотин давраи ҷавонияшро дар шаҳри Искандария, ки яке аз бузургтарин марказҳои илму фарҳанги он замон буд, гузаронидааст. Солҳои 231/232-242 дар ҳалқаи дарси файласуф Аммоний Саккас таълим гирифтааст. Ба ғайри омӯхтани илмҳои гуногуни замони худ Плотин дар дилаш орзу мепарварид, ки бо фалсафаи форсҳо ва ҳиндуҳо ошноӣ пайдо кунад. Аз ин рӯ, Плотин бо мақсади шиносоӣ пайдо намудан ба таълимоти ирфонии Шарқ дар юришҳои императори Рим Гордиани III ба сарзамини Форс ширкат варзида, дар он ҷо бо паҳлавиён, пайравони макотиби Монию Маздак ва афкори зардуштиён ошноӣ пайдо намуд. Пас аз кушта шудани императори Рим аз ҷониби эрониён ҳамроҳи артиши шикастхӯрдаи римиён раҳсипори Рим гардид ва дар он ҷо сукунат ихтиёр кард. Плотин дар ин ҷо баъди муддате ба таълими фалсафа машғул гардида, шогирдони зиёде пайдо намуд ва маъруфияти он то ҷое расид, ки бо император Галиенус дӯстӣ пайдо кард. Императори нав Галлиен ва хонумаш ба Плотин эҳтирому иродат доштанд. Бо истифода аз ин Плотин соли 265 кӯшиш кард, ки андешаи ташкили давлати афлотуниро аз нав эҳё намояд ва шаҳри файласуфон Платонополро таъсис намояд [7, 17-21]. Лекин дарбориёни ҳосид ва мансабдорони нотавонбин ба амалӣ шудани ин андешаву орзу монеъ шуданд ва татбиқи ин нақша имконнопазир гардид. Пас аз вафоти император ӯ дар гӯшаи замини шогирдаш Компаниа мактаберо таъсис дод, ки он дар пайравӣ аз фарзияи Афлотун оид ба мадинаи фозила асос ёфта буд. Ғайр аз ин, дар Рим ӯ ба кори таълиму тадриси ҷавонони лаёқатманду илмдӯст оғоз менамояд. Дар инҷо ӯ шогирдону пайравони зиёде аз табақаҳо ва миллатҳои гуногуни ҷомеа, чи писарон ва чи духтарон, пайдо мекунад. Плотин бо таъсиси ин мактаб мехост ғояҳои Афлотунро оид ба ҷумҳурӣ аз марҳалаи тахайюл ба марҳалаи озмоиш ворид созад, вале умри файласуф барои амалӣ намудани он кифоят накард ва соли 269 фавтид [6, 417]. Плотин марди нексиришту хушахлоқ ва хоксору шикастанафс буд. Маҳз ҳамин фазилатҳояш мунъакиси осору афкор ва таълимоти фалсафии у гардиданд.

Истилоҳи навафлотуния ҳамчун категорияи таърихӣ ду вазифаи муҳимро иҷро мекунад. Аз як тараф, ин таълимоти фалсафии Плотин ва пайравони ӯро аз таълимоти Афлотун фарқ мекунад. Аз тарафи дигар, ин истилоҳ аз навгонии тафсири Плотин дар бораи Афлотун бармеояд. Тӯли тақрибан шаш аср аз замони Афлотун то Плотин, як анъанаи шикастнопазири тафсири Афлотун вуҷуд дошт, ки аз Арасту ва ворисони бевоситаи Академияи Афлотун дар Афина оғоз ёфта, то ба давраи навафлотуния идома ёфтааст. Истилоҳи навафлотуния маънои онро дорад, ки тафсири Плотин дар бораи

Афлотун ба дараҷае аз таъбири пешгузаштагони ӯ фарқ мекард, ки бояд дар таърихи Афлотунӣ як давраи нав кушода шавад. Аммо баъзе олимони муосир бо ин фарзия розӣ нестанд ва шубҳа доранд, ки навафлотуния як назарияи нав бошад. Онҳо мегӯянд, ки танҳо фарқиятҳои ночиз таълимоти Плотинро аз таълимоти пешгузаштагони бевоситааш ҷудо мекунанд. Плотин ҳамчун шогирди файласуф Аммоний Саккас аз донишҳои устод ва пешгузаштагони худ истифода бурда, насли ояндаро илҳом медод.

Дар инҷо ворисони асосии Плотин, Порфирий, Ямвлих ва Прокл ҳар кадоми онҳо ҷанбаҳои алоҳидаи тафаккури Плотинро ба таври худ таҳия карданд. Маҳз Проклус буд, ки пеш аз баста шудани Академия як фалсафаи мунтазами Афлотуниро дар олам пайдо кард, ки бо роҳҳои муайян ба фалсафаи Плотин наздик мешуд. Ниҳоят, дар кори ӯ ба истилоҳи Псевдо-Дионисий, мо синтези бузурги фалсафаи Афлотун ва теологияи масеҳиро пайдо мекунем, ки ба тасаввуфи асримиёнагӣ ва гуманизми эҳё таъсири беандоза гузоштааст. Таъсири навафлотуния ҳам ба фалсафаи Ғарб ва ҳам фалсафаи Шарқ хеле бузург буд. Ҳатто динҳои масеҳӣ, ислом ва яҳудӣ низ аз таълимоти навафлотуния баҳраманд гардидаанд.

Навафлотуниён дар системаи фалсафии худ ба таълимот дар бораи сохтори иерархивии ҳастии олам ва бунёди марҳилаҳои он, ки тавассути эманатсия бармеояд ибрози назар кардаанд.

Ба ақидаи М. Рашшод, Плотин дар авоили кор танҳо ба тамоили шифоҳӣ иктифо дошт, аммо баъдан ба исрори шогирдон бар он шуд, ки афкорашро рӯи қоғаз овард. Пас шурӯъ ба таълиф кард ва фалсафаи худро дар 54-рисола мунташир намуд ва ҷамъан муштамил бар шаш боб буд: хулқиёт, табииёт, илоҳиёт, илмуннафс, ақл, ваҳдат. Ва баъдан яке аз шогирдонаш ба номи Порфирий (Фарфуриус), ки куллиёти хамсро бар муқаддамаи мантиқи Арасту афзуда буд, рисолати устоди худро дар 9 муҷаллад мураттаб кард. Ва ба ҳамин ҷиҳат онро «Эннеадес» «Тосуот» (Нуҳгона) номид [6, 417].

Аз ин ҷиҳат, рукни асосии андешаи Плотин дар «Эннеадҳо» диалектикаи се ҷавҳари ҳастӣ – «воҳид», «ақл» ва «нафс» мебошад [11, 116]. Таълимоти доир ба воҳид ё худ аҳад, ки сарманшаи моварои табиат дониста мешавад, хеле ҷолиб аст. Плотин асли вуҷудро аз воҳиде иборат медонад, ки он феъли том, қувваи фоила, сурати мутлақ, асли коинот бошад ҳам, худ моварои (берун аз) коинот буда, ақли башар дар дарки моҳияти он оҷиз аст [11, 116]. Мутафаккир онро масдари кул, воҳиди якто ва камоли маҳз мешуморад, ки танҳо бо роҳи сайру сулук аз дараҷаи башарият ба зинаи малакутӣ расида, онро бо дидаи қалбӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Хулоса, Плотин аз мутолиаи худ дар мавриди Афлотун пешвои худро гирифта, космологияи мураккаби рӯҳониро таҳия кард, ки се унсури асосиро дар бар мегирад: воҳид, ақл ва рӯҳ. Ба ақидаи Плотин, маҳз аз ин се мавҷудият тамоми мавҷудот сарчашма мегирад. Дар Плотин эманатсия на танҳо сабаб балки тафаккур низ мебошад. Плотин дар системаи худ тафаккури интеллектуалиро ба принсипи истеҳсолӣ мебардорад, ки тамоми мавҷудот ҳамчун як воқеияти воҳид фарогир муттаҳид шудаанд. Ба ин маъно, андешаи Плотин пантеистӣ бошад ҳам, аммо ақидаи ӯ ба мафҳуми creatio ex nihilo (офариниш аз ҳеҷ чиз) фарқ мекунад.

Ба ин маъно метавон гуфт, ки навафлотуния пас аз марги Афлотун, вақте ки равишҳои нав ба фалсафаи ӯ пайдо мешуданд, оғоз шудааст. Навафлотуния ба таърихи минбаъдаи фалсафа таъсири устувор гузошт. Дар асрҳои миёна ғояҳои навафлотунияро мутафаккирони насронӣ, яҳудӣ ва исломӣ омӯхта муҳокимаҳо мекарданд. Дар доираи фарҳанги исломӣ матнҳои навафлотуния дар тарҷума ба арабӣ ва форсӣ мавҷуданд, ки файласуфони асрҳои миёнаи Шарқ таълимоти Плотин ва навафлотуниёнро асоси таълимоти ҳастишиносӣ (онтологӣ)-и худ қарор додаанд. Масалан, Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тусӣ ва дигар мутафаккирон дар асл мавҷудияти Худоро эътироф кунанд ҳам, дар боби пайдоиши олам ҳамон усули назарияи судури навафлотуниёнро пазируфтаанд, ки зимни он Худо фақат ҳамчун моҳият ва сабаби аввал дониста шуда, раванди пайдоиши силсилаи маротиби вуҷуд дар заминаи таълимоти пантеистӣ шарҳ дода шудааст. Ин ақидаи зина ба зина халқ шудани мартабаҳои вуҷуд, ки яке сабаби

пайдоиши дигаре мегардад, на фақат ба талимоти динӣ созгор набуд, балки доираи фаъолияти Офаридгорро маҳдуд намуда, онро бо дигар категорияҳои ҳастӣ яксон медонист. Ин хулосаи мазкур ифодакунандаи ҷиҳатҳои натуралистӣ ва оғози инкишофи афкори материалистии мутафаккирони форс-тоҷик дар давраи ҳукмронии схоластикаи асрҳои миёнаи Шарқ ба шумор мерафт.

Плотин ҳамчун шогирди файласуф Аммоний Саккас аз донишҳои устод ва пешгузаштагони худ истифода бурда, насли ояндаро илҳом медод. Аз ҷумла, таълимоти тасаввуфии «ваҳдати вуҷуд», «ваҳдати мавҷуд» ва «ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуд» низ аз назари Плотин ва навафлотуниён ғизои маънавӣ гирифтааст.

Ҳамин аст мӯҳтавои мухтасари андешаи навафлотуниён, ки он марҳалаи охири фалсафаи аҳди бостон буда, қисмате аз афкори фалсафии Афлотуну Арасту ва дигар файласуфони Юнони Қадимро бо ақоиди мутасаввифони Шарқ омезиш дод ва таълимоти наверо ба вуҷуд овард. Ин таълимот зиёда аз се қарн дар Шарқу Ғарб густариш ёфта, пайравони зиёде пайдо намуд. Чи гунае, ки қайд карда шуд навафлотуния ба фалсафаи насронӣ, фалсафаи давраи Эҳё, Замони Нав ва хусусан, ба ҳикмати тасаввуфии асримиёнагии форсу тоҷик махсусан Абӯнасри Форобӣ таъсири бузургу файзбахше расонидааст.

Пас аз таҳқиқи андешаи фалсафии навафлотуния, мехоҳем нуктаҳои муҳимтарини таълимоти ориф ва ҳакими асри миёнагии тоҷик Абунасри Форобиро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Форобӣ асарҳои зиёди фалсафӣ таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон «Эҳсо-ул-улум», «Мақола фи маъонӣ ул-ақл», «Китоб-ул-ҷамъ байна-л-ҳакиматайни-Афлотун-ул-Илоҳӣ ва Аристотолис», «Китобу орои аҳли-л-мадинат-ил-фозила», «Китоб-ут-танбеҳ, ало сабили-с-саода», «Китоб ул-сиёсати-л-мадания», «Китобу фусул-ул-маданӣ» мебошанд.

Абунасри Форобӣ дар фалсафаи арабу форсизабони кишварҳои Ховари Наздик ва Миёна аввалин файласуфест, ки ба таври мушаххас ҳадаф, мазмун, сохтор ва вазоифи фалсафаро ҳамҷониба баррасӣ менамояд. Он чи Киндӣ дар фалсафа оғоз кард, ӯ ба сомон расонид.

Форобӣ дар асоси метафизика ва кайҳоншиносии Плотин ва Прокл назарияи эманатсияро, ки то ин дам дар фалсафаи исломӣ баррасӣ намешуд, ба вуҷуд оварда, асосҳои навафлотунияи мусулмониро гузошт. Илова бар ин, Форобӣ дар асоси «Давлат»-и Афлотун яке аз аввалин рисолаҳои сиёсии ҷаҳони ислом «Рисола дар бораи дидгоҳи сокинони шаҳри некӯ»-ро таълиф кардааст. Ӯ тавонист фалсафаи қадим ва исломиро ба ҳам пайванд диҳад. Танҳо тавассути осори Форобӣ мутафаккирони машҳури асримиёнагӣ метавонистанд ақидаҳои фалсафии Афлотун ва Арастуро дуруст дарк ва баҳо диҳанд. Ба андешаи файласуфи фаронсавӣ Этьен Гилсон, бидуни омӯзиши осори файласуфони исломии асримиёнагӣ Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино осори Фомаи Аквинӣ, Дунс Скот ва дигар файласуфони Аврупоро фаҳмидан ғайриимкон аст. Асарҳои Форобӣ ба инкишофи раванди эҳёи асримиёнагии Аврупо низ таъсири бевосита расонида аст.

Форобӣ як мантиқшинос буд, ки тафсирҳо менавишт ва тавонист Органони Арастуро, ки сарчашмаи тамоми андешаҳои мантиқии ӯ аст, ба таври аъло шарҳ диҳад. Аввалин монография дар бораи Форобӣ дар Аврупо танҳо дар охири асри XIX, соли 1889 аз тарафи олими немис М.Штайншнайдер нашр шудааст. Соли 1890 Ф. Дитерисий маҷмуаи асарҳои Форобиро ба забони немисӣ нашр кард. Соли 1934 дар Париж асари олими фаронсавии арабизабон Иброҳим Мадкур «La Place d'al-Fa bi dans l'e'cole philosophique Arabe» нашр шуд. Ҳамаи ин асарҳо гарчанде ки дар бораи Форобӣ ба Аврупо маълумоти аввалия дода бошанд ҳам, барои ошнои чуқур бо мантиқ, метафизика ва фалсафаи умумии ӯ ҳанӯз нокифоя буданд. Бояд гуфт, ки оро ва андешаи Абӯнасри Форобиро муҳаққиқон Иброҳими Мадкур, Ҷоҳид, Анри Корбен, А.Баҳоваддинов, М.Хайруллаев, А.Х.Касимжанов, А.Сагадеев, М.Диноршоев, М.Степанянц, З.Диноршоева таҳлилу баррасӣ намудаанд [3]. Аммо ин ҳама таҳқиқотҳо дар бораи

Форобӣ дар муқоиса бо асарҳое, ки дар адабиёти Ғарб ба пайравони ӯ дар Шарқ, монанди Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Туфайл бахшида шудаанд, ночиз буданд.

Абунасри Форобӣ дар таълимоти худ ин ҷустуҷӯҳои илмиро бо беҳтарин умедҳои инсоният ба даст овардани саодат алоқаманд менамуд. Ба андешаи ӯ фалсафа бояд ҳатман ба нафъи кулли инсоният, ҷомеаи фозила хизмат намуда барои ба даст овардани ҳадафҳои беҳтарини инсонҳо кӯмак, одамонро барои ҳаёти хушбахтона ва хайр раҳнамоӣ кунад. Дар таълимоти Фороби «...мо саодатро он гоҳе ба даст меорем, ки ба дарки баланди зебоӣ расида бошем, зебоӣ бошад факат аз тариқи фалсафа дастрас мегардад, ... – аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ягона рохи расидан ба саодат фалсафа аст» – чунин менависад Форобӣ дар рисолаи «Ишорот-ул-тариқ ас-Саода» [1, 35]. Дар рисолаҳои «Маҷмаил-масоил», «Китобул-қаванин», «Ал-ҷавҳар», «Ан дар мазмуни Ақл», «Рисола дар бораи моҳияти нафс», «Иҳсо-ул-улум» ё «Китоб-ул-тасниф ул-улум», «Рисола дар моҳияти фалсафа», «Дар баёни он ки пеш аз фалсафа чиро бояд донист», «Сиясат ал мудунӣ», «Рисола дар баррасидан ба саодат», «Орои мадинат ул фазила», «Рисола дар ҷамъи андешаҳои Афлотун ва Арасту» ва ғ., Абунасри Форобӣ қариб тамоми масоили фалсафаи замони худро баррасӣ кардааст.

Форобӣ фалсафаро чун илми ягона мешуморад ва тамоми мактабҳои фалсафаро дар ягонагӣ мебинад, бо вуҷуди эътирофи тафовут дар байни Афлотун ва Арасту, дар байни машшоиҳо, афлотуниҳо, раввоқиҳо, эпикуриҳо ва ғайра, ба назари ӯ ҳамаи онҳо файласуфанд ва дар маҷмуъ як мактаб, «мактаби ҳақиқат»-ро ташкил медиҳанд. Ҷамъ намудани андешаҳои Афлотуну Арасту аз даврони навафлотуния махсусан шогирди Плотин Порфирий дар мактаби Искандария шурӯъ гардида буд, вале муттаҳид намудани тамоми мактабҳои фалсафӣ хизмати Форобӣ аст [9, 288-289].

Тафаккури Форобӣ ба мисли файласуфони юнонӣ ва зардуштӣ диалектикӣ аст. Ӯ ҳангоми таҳлил аз мақулаҳои ба ҳам зид истифода мебарад, ба мисли ҳастӣ ва нестӣ, имкон ва феъл, мумкин ва воҷиб, ягонагӣ ва касрат, Худо ва олам, модда (ҳайюло) ва сурат, ақл ва нафс, осмон (низоми кайҳон) ва замин, ҳайвон ва инсон, мадинаи фозила ва разила-ғайрифозила ва ғ., ки ҳар яке нисбат ба зиди худ дар ҳолати тағйир ва ҳаракат ба суи камол (эволютсия), гузариши диалектикӣ қарор доранд. Масъалаи асосии фалсафии Форобӣ ва шояд тамоми фалсафаи асрҳои миёнаи мамлакатҳои ислом таносуби ваҳдат ва касрат аст. Муносибати Худо ва олам дар фалсафаи асрҳои миёна яке аз чиҳатҳои масъалаи фалсафии таносуби ҷузъ ва кулл, таносиби ягонагӣ ва касрату рангорангии олами беканор ба шумор меравад ва ба воситаи таълимот оид ба силсилаи маротиби ҳастӣ баён ёфта, дар оғоз Худо ё Иллати иллатҳо қарор дорад. Ақидаи суннатии асрмиёнаи офариниш мафҳуми Худоро ҳамчун шахсияти фавкулоддаи ғайритабиӣ тасаввур мекунад, ки бо хоҳиши худ оламро ба вуҷуд овардааст ва бо хоҳиши худ онро аз байн мебардорад. Ба ақидаи маъмул «Худо»-ро ба воситаи имон фақат дар хаёл ва ҳолатҳои фавқулодда, ба мисли ҳолати хоб, зикри ирфонӣ ва ғайра, тассаввур кардан мумкин асту халос, вале дар ҳолатҳои муқаррарӣ он дастнорас ва аз доираи тавони дарки ақл берун аст. Баръакси чунин тасаввурот, ба ақидаи Форобӣ Худо аз сифатҳои шахсӣ орӣ аст, онро ба воситаи ақли ирфонӣ (фаросат) метавон дарк намуд, на ба воситаи эҳсосот. Худо ҳамчун мавҷуди зеҳнии мутлақ, ҳамчун «воҷибулвуҷуд», ки аз тариқи фаросат дарк шуда, ба олами ҷисмонӣ муқобил аст, вуҷуде ки дорои сифати беҳудуд ва барои дарки одам мушкил ва он ба олами табиӣ - «Мумкинулвуҷуд», ки дар вақту фазо маҳдуд аст, муқобил меистад. Дар баробари ин Форобӣ ва файласуфони мусулмон тавонистанд, байни фаҳмиши мутлақи ҳастӣ, яъне ҳастӣ ба маънои кулл (воҷибулвуҷуд) ва Худои офаринандаи исломӣ зиддиятро ба вуҷуд наоранд [9, 289-290].

Дар таълимоти Форобӣ чи фалсафа ва чи дин ҳарду ба кашфи ҳақиқат нигаронида шудаанд, яке аз роҳи ақлу илм ва таҷруба ва дигаре аз роҳи шинохти рамзиву тамсилии ҳақиқат (дин), шарҳи тафсири ҳаёт ба мисле ки Афлотун пешниҳод кардааст. Ӯ чунин мешуморад, ки фалсафа ва кашф ду роҳи расидан ба ҳақиқатанд.

Таълимоти Форобӣ ва пешгузаштагону пайравони ӯ фалсафаи ислоҳи тафаккури дини-асримиёнагии исломӣ буд, ки мехостанд ба он рӯҳи нави илмиву фалсафиро ворид

намоянд. Мавқеи фалсафаи Форобӣ дар замони мо боз ҳам муҳимтар мегардад, зеро он ба завқ ва зарурияти мардум, ба ормонҳои маънавӣ ҷавобгӯ аст. Ин мактаби фалсафӣ нишон медиҳад, ки маънавиёт моли фақат тафаккури мазҳабӣ нест, балки онро аз тариқи фалсафа ҳам ба даст овардан мумкин аст. Яке аз муҳаққиқони таърихи фалсафа менависад: «Таърихи фалсафа моро ҳушдор медиҳад, ки худои фалсафии Ксенофон, Арасту ва ҳатто Афлотун дар шароити мушаххаси таърихӣ як роҳи муқовимат ба шинохти соддавлавҳонаи қувваҳои фавқуттабиӣ дар шакли худоҳои мазҳабӣ ва мистикӣ-афсонавии руҳониёни расмӣ будааст. Ин таҷрубаи беамсол ва дар айни замон пур аз таззоди таърихи фалсафаро мебояд ба таври васеъ дар амалияи муосири ҳаёти ҷамъиятӣ истифода бурд» [8, 133-134].

Дар таълимоти Форобӣ ва файласуфони машшоӣ ҳастии Иллати Аввал ба таври мутлақ ба ҳастии тамоми олам ҳамчун ҳастии ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ муқобил гузошта намешавад. Ба таври ҷавҳарӣ ин ду қутби ҳастӣ дар ягонагӣ қарор доранд. Файласуф менависад, ки «…ҷавҳари Он чунин аст, ки ҷавҳари дигар мавҷудоти аз он содиршаванда. Дар акси ҳол Ӯ соҳиби ҳастие дигар хохад буд, ки танҳо худ дорад: Ӯ бениёз (сахӣ) аст ва бениёзии Ӯ дар ҷавҳари ӯ қарор дорад. Аслан ҳастӣ ба силсилаи маротиб тақсим шудааст ва ҳар яке аз мавҷудот он қисмати ҳастиро барои худ мепазирад, ки дараҷаи алоқамандии онҳо ба ҳастии Аввал имкон диҳад» [9, 295]. Масъалаи ягонагии ҷавҳарии Иллати Аввал ва оламро қайд карда, бояд тазаккур дод, ки ягонагии олам дар таълимоти Форобӣ на ба маъное аст, ки ҳоло ба ҷавҳар нисбат медиҳанд, яъне ягонагии ҷавҳарии оламро дар ҷисмонияти он мебинанд. Дар ин ҷо сухан факат дар бораи ягонагии он ба таври кулл, ягонагии моддӣ/материалӣ ва идеалии олам меравад. Муқобилгузории «Иллати Аввал» ё ки ҳастии Аввал ва имконулвуҷуд на он муқобилгузориест, ки байни «Ҳастӣ ва Нестӣ» дар фалсафаи Парменид аст ва на он аст, ки ҷараёни томизм дар байни «Ҳастӣ ва Вуҷуд» тавзеҳ медиҳад. Масъалаи дигаре, ки ба масълаи таносуби ваҳдат ва касрат иртибот дорад, силсилаи маротиби ҳастӣ аст, яъне муносибати ҳастии ваҳдонӣ бо ҳастии мавҷудоти олам аст. Иллати Аввал ба андешаи Форобӣ пеш аз ҳама: – хайри маҳз аз камбудиҳо орӣ ва комили мутлақӣ аст. Чун Ӯ ҳастии мутлақ аст, аз зиддиятҳо озод аст, бо нестӣ иртиботе надорад. Аз ин рӯ Ӯ абадӣ аст, ҳастӣ ва моҳияти он айният доранд. Ягон шарик ба худ надорад ва ягон ҳастии дигар ба Ӯ монанд шуда наметавонанд; – иллати Аввал ба ягон иллати дигар барои ҳастии худ ниёз надорад; – иллати аввал шакл надорад, зеро шакл фақат ба ҳастиҳое хос аст, ки бо ҳайюло омехтаанд, чун иллати аввал ин хел олудагӣ бо ҳайюло надорад; Иллати Аввал худ Ҳақиқат аст. Чун маънии ҳақиқат мансубияти ҳастии воқеӣ ба чизе аст, ҳастии Иллати аввал ба беҳтарин ваҷҳ комилтарине аз ҳастиҳост. Ба ғайр аз ин Ӯ ин ҳақиқатро, дар тафовут аз одамон, ба беҳтарин роҳ дарк мекунад. Пас, иллати аввал ба ду маъно ҳақиқат аст, яке ба маънои будиш (онтологӣ) ва дигаре ба маънои дарки ин ҳақиқат (гносеологӣ); – ба Иллати Аввал Зинда ва худ Зиндагӣ аст. Зиндагии Ӯ ба худии худи Ӯ вобаста аст, зиндагии мо бошад ба Зиндагии Ӯ вобаста аст. Номи зиндаро чизе дошта метавонад, ки қудрати бештари ақлонӣ дошта, беҳтарин аз Ақлҳо бошад. Дар баробари ин - Иллати Аввал худ Ақл ва он чизе аст, ки дар бораи он тафаккур мекунад. Дар Ӯ ақл, оқил ва маъқул тавъам мебошанд; – Иллати Аввал азбаски модда ё ҳайюло нест, аз ҳайюло орӣ аст, Ӯ аз рӯи моҳияти худ Ақли фаъол аст [2, 203-217].

Дар ҳақиқат таълимоти Абунасри Форобӣ назарияи суннатии офаринишро, ба ҳамон шакле ки дар таълимоти илоҳиёти ҳукмрон вуҷуд дорад, ба чолиш мекашонад. Вале назарияи абадияти олам аз тарафи Муҳаммади Ғаззолӣ ба таври пурра омӯхта нашуда барқасд ва бошуурона мавриди интиқоди шадид карор гирифтаст. Чунонки муҳаққиқи тоҷик Мусо Диноршоев баён медорад, аз тарафи мутакаллимон (Муҳаммади Ғазолӣ) огоҳона инҳироф карда шудааст, зеро Ибн Сино ва дигар машшоиён назарияи абадияти бисёрҷабҳаеро инкишоф додаанд, вале Ғазолӣ фақат як ҷиҳати абадияти оламро пайгирӣ кардааст, дар ҳоле ки ҷиҳатҳои дигари онро, аз ҷумла, (1) абадият ё қадимият аз рӯи сармад (қидами сармадӣ), (2) азалият, ё қадимият аз руи даҳр (қидами даҳрӣ) аз тарафи онҳо сарфи назар шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ шояд ин усули осони

асримиёнагии муборизаи идеологӣ ва дар куфру бидъат айбдор кардани намояндагони фалсафа бошад, зеро мушаххасоти ҷиҳатҳои дигари абадияти оламро Ибни Сино ва Форобӣ дар асарҳои худ ба таври возеҳ нишон доданд. Ба андешаи Ибни Сино дар «Китоб уш-Шифо» «даҳр» ҳастии ҳамзамони моҳиятҳои бетағйир ва моҳиятҳои тағйирпазир мебошад. Сармад бошад, чизи дигар аст: он ҳастии мавҷудоти бетағйир, ки ба замон алокамандӣ надорад, ва он берун аз вакт аст. М.Диноршоев барои исботи гуфтаҳои боло далелҳои мӯътамад дорад [4, 56].

Дар таълимоти мобаъдуттабии Форобӣ – воҷибулвуҷуд ва мумкинулвуҷуд ҳар яке дорои арзиши гуногунанд ва дар фалсафаи Форобӣ, бо вуҷуди бениёзӣ, наметавонанд яке бе дигаре вуҷуд дошта бошанд: Худо моҳияти худро ба воситаи ин ҷаҳон ошкор мекунад, зеро дар бораи Ӯ чизе гуфтан наметавон, ки дар бораи олам гуфта бошем ва дар навбати дигар имконулвуҷуд ба таввасути он аввалӣ худ низ воҷибулвуҷуд мегардад. Дар ин ҷо ба назари мо нигоҳи муҳаққиқи намоёни осори Фороби М.Хайруллоев дар мавриди таносуби Худо ва олам ҷолиби диққат аст, ки мегӯяд: «…ба андешаи Абунаср дар ниҳоди Худо материя (моя) дар ҳоли имкон вуҷуд дорад ва баъдан аз он ҷудо мешавад ва имконоти худро ба ҷилва мегузорад, ба мисле ки чуҷа аз тухм мебарояд»! М.Хайруллоев ба зиёдаравӣ дода мешавад ва таносуби худо ва оламро мисоли тухму чуҷаро ба иғрок мерасонад ва мегӯяд: «…ва ин чӯҷа чун аз тухм барояд пустлохи тухмро мегузорад ва ҳаёти мустақилонаи худро шурӯъ мекунад»! Наметавон бо Хайруллоев дар мавриди он ҳамфикр буд, ки дар осори Форобӣ метавон таҷассуми чаҳонбинии деистӣ ё пантеистиро пайдо намуд, вале на бештар аз ин.

Аз нигоҳи Форобӣ тамоми муҳити замину осмон табиати моддӣ доранд. «Ҷаҳон аз ҷисмҳои содда иборат аст, ки доираи олами ягонаро ташкил медиҳанд – менависад Форобӣ дар «Уюнул-масоил» ва берун аз ин олам чизе дигар вуҷуд надорад» [10, 172]. Файласуф шаш намуди ҷисмро ҷудо мекунад: афлоки байзо (фалаки нӯҳгонаи Осмон), ҳайюло, чор унсур, маъдан, наботот, ҳайвонот, ҳайвони нотиқ (инсони дорои ақл). Ба қатори чор унсури коинот – оташ, ҳаво, замин (хок) ва об дохил мешаванд. Аносири чаҳоргона соддатарин намудҳои ҳайюло (материя) буда асоси мавҷудияти панҷ намуд ҷисмҳоро ташкил медиҳанд, ба мисли оташ, ҳаво, об, замин ва дигар чизҳои монанд ба онҳо, аз қабили буғ, шӯълаи оташ ва ғ., маъданҳо, ба мисли санг ва ҷинси он, рустаниҳо, ҳайвонот ва ниҳоят одамон. Ба ибораи дигар назари муҳақиқона ва мушоҳидаҳои содда ва саршори андешаи таҷрибавӣ ба файласуф имкон медиҳад, ки бо вуҷуди амали андешаи идеологияи теологии ҳукмрони замон ба хулосае биёяд, ки асоси моддии олами мавчударо набояд инкор намуд, балки онро ҳаматарафа таҳқиқ бояд намуд, зеро он мояи олами мавҷуд аст. Дар ҳамин ҳол файласуфи мусулмон ба мисли устодаш Арасту мавҷудияти халоро дар олам инкор мекунад ва чунин мешуморад, ки фазое ки дар назари аввал «холӣ» аст, дар асл иборат аз аҷсоми мухталиф аст. Зеро таркиби он ҳануз омехта нашуда, ки аз чӣ чизҳо иборат аст ва одамон аз руи нодонӣ гумон мекунанд, ки фазо холи аст, вале дар асл «…ҳар замон чун як ҷисм ҷойро холӣ бикунад, ҷисми дигаре ҷои онро ишғол мекунад ва он ҷисми аввал мебарояд, вале ҳеҷ гоҳ фазои аз ҷисми аввал холӣ шуда наметавонад, мутлақан холӣ бимонад» [9, 309-310].

Ин нуктаро Иброҳими Мадкур хуб дарк намуда ба хулосае омадааст, ки ҳайюло (материя) дар таълимоти фалсафии Абунасри Форобӣ дар баробари силсилаи ақлҳои даҳгонаи ӯ абадӣ аст, зеро он ҳам ба мисли ақл аз ин силсилаҳо пайдо мешавад. Ягонагии Худо агар ба воситаи уқули даҳгона собит гардида бошад, ҳайюло ҳам дар исботи ягонагии Худо мавқеи муҳим дорад, зеро он бузургии файзи ҳастиро дар интиҳои нузули (инволютсия) он собит мекунад ва имконияти сууд (эволютсия)-и онро дар худ нишон медиҳад. Форобӣ тасаввурот дар бораи ҳайюлоро чун асоси мустақили ҳастӣ дар баробари ақл ва нафс инкишоф додаст [9, 312].

То охири асри XX бисере аз муҳаққиқон дар осори файласуфони машшоӣ заминаи баҳсҳои асримиёнагии реализм ва номинализмро мекофтанд, зеро мушкили муҳаққиқони ғарбӣ дар он буд, ки ҷойгоҳи фалсафаву тамадуни исломиро дар таҳаввули таърихии фалсафаи ақлонии Ғарб пайдо карда наметавонистанд. Аз ин рӯ кӯшиш мекарданд, ки

онро гоҳе заминагузори тамоюлҳои ақлгароӣ ва баъзан баҳсҳои аз мантиқ беруни фалсафаи схоластии асримиёнагии Аврупо донанд. Шарҳи Форобӣ беҳтарин шарҳест ба осори Арасту, (шиносоӣ ва шинохти иллоҳиёти Арасту аз тарафи Ибни Сино маҳз тавассути шарҳи Форобӣ қарор гирифт) ва ба ҳеҷ ваҷҳ дар пояи соддалавҳонаи баҳсҳои схоластии асримиёнагӣ (реализм, номинализм ва ғ.) қарор надорад.

Албатта дар осори Форобӣ ва дигар мутафаккирони мусулмони Шарқ ҷустани решаи баҳси соддалавҳонаи байни олимони асримиёнагӣ, мавҷудияти шакли сегонаи мақулаҳо (универсалҳо), баҳси ҷарайёнҳои реализм (ки даъвои мавҷудияти мустақилу воқеии мақулаҳои куллиро дастгирӣ мекарданд) ва номинализм (ки ҳар гуна мафҳумҳоро фақат маҳсули тафаккур шуморида онҳоро «ном» мешумориданд) аз воқеият дур аст ва ин баҳс натиҷаи инкишофи хоси таърихӣ ва мафкуравии худи Аврупо аст, ки баъдан ба зиддияти оштинопазири дихотомияи миёни матерализм ва идеализмро оварда расонид.

Бо ин ҳама бояд зикр намуд, ки таълимоти фалсафии Абунасри Форобӣ ба ҳеч ваҷҳ шакли иқтибосии фалсафаи Арасту нест, балки як илҳом аст аз ислом ва осори аҳди бостон, алалхусус юнониён, Афлотун, Арасту ва ғ., вале илҳоме ки саршори акидаҳои фалсафаи баъд аз Арасту, аз ҷумла осори навафлотуния, равоқия, эпикуризм ва ғ., инчунин омезаи осори фалсафии Шарқ, аз ҷумла суннатҳои фарҳангии маздоияи Эрону Осиёи Миёна ва Ҳинд мебошад. Дар баробари ин набояд мақоми воқеияти нави таърихиву иқтисодӣ, динӣ ва фарҳангии исломиро, ки дар ибтидо аз нимҷазираи Арабистон омад дар осори Форобӣ нодида гирифт. Тамаддуни давраи Форобӣ комилан тамаддун (ҷаҳонбинӣ, сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, муносибатҳои иқтисодиву байналмилалӣ, ахлоқи мардум ва ғ)-и дигар аст, он ба ҳеҷ ваҷҳ на он тамаддуне буд, ки дар аҳди аттиқаи Юнон ҷой дошт.

Хизмати Абунасри Форобӣ ва таълимоти муътазилиро оид ба ҳастӣ ва Худо дар трансформатсияи ҷомеаи Аврупо, таъсири андешаи воҷибулвуҷуди машшоиёни шарқӣ ба Спинозаро дар бораи ҷавҳари ягонаи олам (пантеизм) муҳаққиқони тамаддуни ислом бо ҳавола ба корҳои А.Мец таъкид кардаанд. Бояд гуфт, ки риштаи фалсафие, ки Абунасри Форобӣ (ва пайравони минбаъдаи ӯ)-ро ба Б.Спиноза ва дигар файласуфони Аврупо мепайвандад, таҳқиқоти бунёдӣ ва нави муқоисавиро тақозо дорад [9, 317].

Аз ин таҳқиқот маълум мешавад, ки нуктаи бебаҳс ин аст, ки нусха ё модели идеалии ҷомеае, ки Форобӣ пешниҳод кардааст, такрори модели назариявию абстрактии антиқа набуда, натиҷаи таҳлили бисёрсолаи ҳаёти шахсии ӯ дар шаҳру давлатҳои Сомониён, Аббосиёни хилофати Бағдод, зиндагии ӯ дар Димишқ ва ғ. хулосаи шахсии фалсафии ӯст. Мадинаи фозилаи Форобӣ бардошти ӯ аз таҷрибаи шаҳрдории мардумони бумии Шарқи Наздику Миёна, Суғд (марказаш Бухоро) буд. Маълум аст, ки суғдиҳо ва хоразмиҳо мадинаи шаҳрдории худро аз ҳуҷуми бодиянишинони турку муғули онвақтаи Осиёи Марказӣ ва мардумони муқимии Эрону Ироқ ва Сурия аз бодиянишинони араб ва ғайриараб («мадинаи ҷоҳила») асрҳо ба воситаи деворҳои бузург муҳофизат мекарданд [9, 229].

Хулоса, Абӯнаср Форобӣ дар таълимоти худ байни дину фалсафа ин муаммои вуҷудро ҳал карда назариёти Арастуро оиди ин масъала тағйир дод. Дар маънии фалсафӣ ва усули исломӣ ба тахқиқи судури мавҷудоти олам пардохта дар ин боб назарияи хосе изҳор намудааст. Абӯнасри Форобӣ назарияи худро дар асоси хилқати ибтидои олам қарор дода, судури мавҷудотро аз роҳи файз тавҷеҳ мекунад. Ба ақидаи мутафаккир ибдоъ иборат аст, аз судури мавҷудот ва иллатнома (сабабият).

Ба ақидаи Абӯнасри Форобӣ судури мавҷудот аз мабдаи аввал, на аз роҳи қасду идора ва на аз тариқи табиат буда, балки сирфан аз зоти бори таъало ба зоти хеш, ки ақли маҳз ва хайри мутлақ аст ношӣ шудааст. Форобӣ ба мисли навафлотуниён файзро бо таври кулл таҷлили зоте, ки мавосиби (сабаби) вуҷуди ашё аст, таъриф кардааст.

Форобӣ дидгоҳҳои мухталифи Афлотун, Арасту, навафлотуния ва ғ. ҷаҳони исломро аз худ намуда, мактаби наве ба вуҷуд овардааст. Ва инчунин яке аз аввалинҳоест, ки фалсафаро аз илми калом ҷудо карда, онро инкишоф дода, ба рушди он такони қавӣ бахшид. Вай масъалаи робитаи Худо ва оламро, ки дар фалсафаи Арасту ҳал

нашудааст, ҳал мекунад. Худоро аз сабаби аввал ба сабаби созанда табдил медиҳад, қисмҳои ҷудогонаро ба як том ҷамъ мекунад ва намунаи як ҳақиқатро меофарад, ки ҳама чизро дар бар мегирад. Ӯ баъзе саволҳоро анҷом дод ва баъзеи дигарро оғоз кард ва онро ба наслҳои минбаъда вогузор кард. Дар айни замон баъзе файласуфон шояд ақидаҳои универсалии космологии уро то андозае хато, усулҳои тадқиқоти уро хеле куҳна ва бесамар барои имрӯз номувофиқ номанд. Вале набояд фаромуш кард, ки сухан дар бораи мероси мутафаккири бузург меравад, ки тамоми умри худро ба инкишофи илму тамаддун, дар давоми асрҳо гул-гулшукуфии онхо бахшидааст. Ҳамин тавр, Форобӣ заминаи густариши афкори дунявӣ дар олами исломро ба вуҷуд овард. Насли ояндаи файласуфон баъди Форобӣ уро ба сифати муаллим қабул намуда, таъсири пешравии уро эътироф карданд. Илова бар ин, Форобӣ яке аз аввалинҳое буд, ки меъёрҳои фалсафаи исломӣ, асосҳо ва принсипҳои онро ба вуҷуд овард. Форобӣ як файласуфи даврони худ буд, ки нурҳои фалсафаи худро аз Шарқ ба Ғарб ба тамоми олам паҳн кардааст. Мутафаккири бузург бо осори худ, ки дар Шарқу Ғарб нуфуз доштааст, аз назариячиёни муътабари фалсафаи тамаддун аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. [Текст] /Аль-Фараби. Алма-Ата, 1973.
2. Аль-Фараби. Добродетельный город.
3. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Душанбе, 1961; Джахид А. Некоторые вопросы теории государства в воззрениях Абу Насра аль-Фараби. Душанбе, 1963; Хайруллаев М. Фараби. Ташкент. 1975. Касымжанов А.Х. Фараби. - М. 1982; Степанянц М.Т. Восточная философия. - М. 2001.
4. Диноршоев М. Абу Хамид Мухаммад Ал-Газзоли и его «Опровержение философов» Душанбе, 2008.
5. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения издание второе государственное издательство политической литературы Москва – 1955 Т.3 629 с.
6. М. Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе «Ирфон» 2002.ч.3
7. Плотин. Первая эннеада / Пер., вступ. ст., коммент. Т. Г. Сидаша, Р. В. Светлова. – СПб.: «Издательств ОлегаАбышко», 2004. 320 с
8. Соколов. В.В. Традицонные и новаторские тенденции в гносеологии великих философов XVIIв. Вопросы философии, 1978, №3.
9. Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX). Дар панҷ ҷилд. Муҳаррири масъул: А.Шарипов – Душанбе: «Дониш». 2016. – 892 с.
10. Фараби. Существо вопросов// Избр. Произ. Мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961.
11. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 1. А – Асос 2011. 608 с.
12. Damascius' Problems and Solutions Concerning First Principles: – New York: Oxford University Press, Inc., 2010. – c.-3 ISBN 9780195150292.

УДК: 1Ф

# ФИЛОСОФСКИЕ АСПЕКТЫ СОХРАНЕНИЯ КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В РАМКАХ ЮНЕСКО

**РАХМОНЗОДА ДЖ.**
*Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В условиях все более глобализированного мира сохранение культурного наследия стало критически важной областью внимания как для ученых, так и для простого обывателя. В Центральной Азии, регионе, богатом историческим и культурным разнообразием, проблемы и возможности, связанные с сохранением культурного наследия, особенно актуальны. Данное исследование рассматривает философские аспекты сохранения культурного наследия в рамках, установленных UNESCO, подчеркивая взаимодействие между местными традициями и глобальными стандартами.*

*В рамках UNESCO были реализованы различные инициативы по охране уникального культурного наследия Центральной Азии. Эти инициативы акцентируют внимание на вовлечении сообщества и повышении его потенциала, признавая, что местные жители являются основными хранителями своего наследия. Автор исследует примеры успешного сотрудничества между государственными органами, НПО и местными сообществами, направленного на возрождение традиционных практик и защиту исторических объектов.*

*Философское осмысление роли и значения сохранения культурного наследия как в глобальном, так и в региональном и национальном масштабах в настоящее время приобретает все большую актуальность в условиях появления и развития новых, независимых государств. Этот большой пласт развивающихся независимостей, приобретая международную поддержку и широкие возможности по саморазвитию, активно занимается проблемами национальной культуры и философии. В этом контексте немалое значение приобретает проблема осмысления и сохранения культурного наследия, декодирования и наследования с использованием современных подходов.*

*В конечном итоге данный анализ подчеркивает необходимость сбалансированного подхода, который учитывает как глобальные тенденции, так и местные контексты в сохранении культурного наследия. Создавая инклюзивный диалог между заинтересованными сторонами, возможно разработать устойчивые стратегии, которые учитывают богатое многообразие культуры Центральной Азии при осмыслении современных вызовов.*

**Ключевые слова:** *философия культуры, национальная культура, культурное наследие, сохранение, Центральная Азия, UNESCO, идентичность, инклюзивность, участие.*

# ҶАНБАҲОИ ФАЛСАФИИ ҲИФЗИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ ЮНЕСКО

**РАҲМОНЗОДА Ҷ.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар ҷаҳони рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ба соҳаи муҳими таваҷҷӯҳи доираи олимон ва одамони қаторӣ табдил ёфтааст. Дар Осиёи Марказӣ, ки минтақаи ғанӣ аз мероси таърихию фарҳангист, мушкилот ва имкониятҳои марбут ба ҳифзи мерос махсусан мубрам мебошанд. Тадқиқоти мазкур ҷанбаҳои фалсафии ҳифзи мероси фарҳангиро дар чаҳорчӯби муқаррарнамудаи ЮНЕСКО баррасӣ намуда, ба ҳамкории байни анъанаҳои маҳаллӣ ва талаботҳои ҷаҳонӣ таъкид мекунад.*

*Дар чаҳорчубаи ЮНЕСКО ташаббусҳои гуногун роҷеъ ба ҳифзи мероси нодири фарҳангии Осиёи Марказӣ амалӣ карда мешаванд. Ин ташаббусҳо бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани иқтидор таъкид гардида, бо дарназардошти эътирофи нақши мардуми маҳаллӣ дар нигоҳдории мероси таърихию фарҳангӣ равона шудаанд.*

*Муаллиф намунаҳои ҳамкории бомуваффақияти ниҳодҳои давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва ҷамоатҳои маҳаллиро, ки ба эҳёи таҷрибаҳои анъанавӣ ва ҳифзи мавзеъҳои таърихӣ равона шудаанд, таҳлил намудааст.*

*Дар шароити зуҳур ва рушди давлатҳои ҷадиди соҳибистиқлол дарки фалсафии нақш ва аҳамияти ҳифзи мероси фарҳангӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ин гурӯҳи кишварҳои мустақими рӯ ба тараққӣ, ки эътирофи ҷомеаи ҷаҳониро дарёфт намуда, бо имкониятҳои фаррох ба ҳалли масоили маданият ва фалсафаи миллӣ фаъолона машғуланд. Дар ин замина масъалаи дарк ва ҳифзи мероси фарҳангӣ, рамзкушоӣ ва мерос бо истифода аз равишҳои муосир аҳамияти ҷиддӣ пайдо мекунад.*

*Дар маҷмуъ, муаллиф моҳияти фалсафии мавзуъро таҳлил намуда, зарурати муносибати мутавозин, ба инобат гирифтани тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва заминаҳои маҳаллиро дар ҳифзи мероси фарҳангӣ таъкид менамояд. Тавассути ташкили муколамаи фарогир байни ҷонибҳои манфиатдор метавон стратегияҳои устувореро таҳия кард, ки гуногунрангии ғании фарҳанги Осиёи Марказиро ҳангоми ҳалли мушкилоти муосир ба назар гиранд.*

**Калидвожаҳо:** *фалсафаи фарҳанг, фарҳанги миллӣ, мероси фарҳангӣ, нигоҳдорӣ, Осиёи Марказӣ, ЮНЕСКО, фарогирӣ, ҳувият, шарокат.*

## PHILOSOPHICAL ASPECTS OF CULTURAL HERITAGE PRESERVATION IN CENTRAL ASIA WITHIN THE UNESCO FRAMEWORK

**RAHMONZODA J.**

*Applicant of the Institute of philosophy, law and political science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In the context of an increasingly globalized world, the preservation of cultural heritage has emerged as a critical area of focus for scholars and practitioners alike. In Central Asia, a region rich in historical and cultural diversity, the challenges and opportunities associated with heritage preservation are particularly pronounced. This study examines philosophical aspects of cultural heritage preservation within the framework established by UNESCO, highlighting the interplay between local traditions and global standards.*

*Within the UNESCO framework, various initiatives have been implemented to safeguard Central Asia's unique cultural assets. These initiatives emphasize community involvement and capacity building, recognizing that local populations are essential stewards of their own heritage. The author explores case studies that illustrate successful collaborations between governments, NGOs, and local communities aimed at revitalizing traditional practices and protecting historical sites.*

*Philosophical reflection on the role and significance of the preservation of cultural heritage, both globally, regionally and nationally, is now becoming increasingly relevant in the context of the emergence and development of new, independent states. This large stratum of developing independents, acquiring international support and broad opportunities for self-development, is actively engaged in the problems of national culture and philosophy. In this context, the problem of reflection and preservation of cultural heritage, decoding and inheritance using modern approaches acquires considerable importance.*

*Ultimately, this analysis highlights the necessity for a balanced approach that respects both global imperatives and local contexts in cultural heritage preservation. By fostering an inclusive dialogue among stakeholders, it is possible to create sustainable strategies that honor the rich tapestry of Central Asian culture while addressing contemporary challenges.*

**Keywords:** *cultural philosophy, national culture, cultural heritage, preservation, Central Asia, UNESCO, identity, inclusiveness, involvement.*

В современном мире вопросы сохранения культурного наследия приобретают все большую актуальность, особенно в регионах с богатой историей и разнообразным культурным ландшафтом, таких как Центральная Азия. Процессы глобализации, с одной стороны, способствуют распространению культурных ценностей, а с другой – несут

угрозу унификации и потери оригинальных культурных особенностей. В этом контексте роль UNESCO как международной организации, призванной содействовать диалогу между культурами и сохранению мирового культурного наследия, идентичности культур, становится особенно значимой.

Центральная Азия, включающая Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан и Узбекистан, представляет собой уникальный регион, где на протяжении тысячелетий пересекались различные культуры и цивилизации. Богатство материального и нематериального культурного наследия этого региона требует особого внимания и комплексного подхода к его сохранению и популяризации.

Для глубокого понимания проблематики сохранения культурного наследия в Центральной Азии необходимо обратиться к теоретическим основам данного вопроса. В своих работах известный культуролог Д.С. Лихачев подчеркивал, что "культурное наследие – это не только материальные объекты, но и духовный опыт поколений, отраженный в традициях, обычаях и языке" [2]. Это определение особенно актуально для Центральной Азии, где проживают древние народы с особой идентичностью, а нематериальное культурное наследие играет ключевую роль в формировании национальной идентичности.

Философ Ю.М. Лотман, разрабатывая концепцию семиосферы, как пространства, представляющего собой условие, необходимую предпосылку для осуществления коммуникаций и существования языков и их работы, указывал на взаимосвязь различных культурных кодов и их значение для сохранения целостности культурного пространства [3]. Для Лотмана функция языка, как сгустка семиотического пространства, является важным условием как сохранения культурной идентичности, так и для реализации межкультурной коммуникации. В контексте Центральной Азии эта идея приобретает особое значение, подчёркивая важность учёта многообразия этнических групп и культурных традиций в регионе.

Сохранение культурного наследия в Центральной Азии имеет длительную историю, уходящую корнями в древние традиции региона и имеющую особый концептуальный смысл. Современный контекст данной проблемы определён деятельностью особой комиссии ООН по делам культуры – UNESCO, который проявился после обретения независимости странами региона в 1991 году. С этого момента началось активное взаимодействие центральноазиатских государств с международным сообществом в области охраны культурного наследия.

Одним из первых шагов стало присоединение стран региона к Конвенции об охране всемирного культурного и природного наследия 1972 года. Это позволило начать процесс включения объектов культурного наследия Центральной Азии в Список всемирного наследия UNESCO. Первым таким объектом стал исторический центр Бухары (Узбекистан), включенный в список в 1993 году [7].

Следует кратко раскрыть философию деятельности UNESCO, которая распространяется и на сферу сохранения культурного наследия. В философии UNESCO заложена основная мысль, выраженная Р. Маэ – отношение к истории как пути к прогрессу. Как «человек надежды» он видит в UNESCO «Организацию надежды». Р. Маэ определяет смысл существования UNESCO как надежду и многочисленные и обширные возможности, которые ещё едва изучены и которые она предлагает для моральной мысли и действия [6].

Хартией ООН «В поддержку культуры», принятой в Салониках в июне 1997 г., наследие определяется как вся совокупность природных и культурных элементов, материальных и нематериальных [5]. Тем самым была заложена основа современного концептуального подхода к культурному наследию [4].

В рамках деятельности UNESCO в Центральной Азии можно выделить несколько ключевых концептуальных аспектов сохранения культурного наследия:
1. Интеграция материального и нематериального наследия

Современный подход UNESCO подчеркивает неразрывную связь между материальным и нематериальным культурным наследием. В Центральной Азии это особенно актуально, учитывая богатство традиций, обрядов и ремесел, неразрывно связанных с материальными памятниками культуры.

2. Устойчивое развитие и культурное наследие

UNESCO активно продвигает идею о том, что сохранение культурного наследия должно быть интегрировано в общую стратегию устойчивого развития региона. Это предполагает не только охрану памятников, но и развитие культурного туризма, поддержку традиционных ремесел и образовательные программы.

3. Межкультурный диалог

Центральная Азия исторически была местом пересечения различных культур и религий. UNESCO стремится использовать это культурное разнообразие как ресурс для развития межкультурного диалога и укрепления мира в регионе.

Реализация концептуальных подходов UNESCO в Центральной Азии сталкивается с рядом практических вызовов и возможностей:

1. Законодательная база

Страны региона активно работают над совершенствованием национального законодательства в области охраны культурного наследия. Однако, как отмечает исследователь А.К. Абикеева, "гармонизация национальных законов с международными нормами остается актуальной задачей" [1].

2. Финансирование

Недостаток финансовых ресурсов является одной из главных проблем в сфере сохранения культурного наследия в регионе. UNESCO способствует привлечению международных инвестиций и грантов, но также поощряет развитие государственно-частного партнерства в этой области.

3. Подготовка специалистов

UNESCO уделяет особое внимание образовательным программам и подготовке квалифицированных кадров в сфере охраны и управления культурным наследием. В регионе действуют специализированные центры UNESCO, такие как Центрально-Азиатский региональный центр по Всемирному наследию в Алматы.

4. Цифровизация и новые технологии

Использование современных технологий для документации, мониторинга и популяризации культурного наследия становится все более важным аспектом работы UNESCO в регионе. Создаются виртуальные музеи, 3D-модели исторических памятников, что способствует сохранению и популяризации культурного наследия.

UNESCO выступает за консолидацию усилий по сохранению материального наследия, расширению осведомлённости населения о важности подобной работы, понимания общества значения и ценности сохранения культурного наследия. В этом плане UNESCO подчёркивает значение и важную роль организаций, общества и государства в сохранении культурного наследия. Эффективное сохранение культурного наследия в Центральной Азии требует координации усилий различных заинтересованных сторон, таких как государственные органы, местные сообщества, международные организации, научные сообщества, каждый из которых может внести свой посильный вклад или объединить усилия по сохранению культурного наследия.

1. Государственные органы

Правительства стран региона играют ключевую роль в формировании политики в области охраны культурного наследия и обеспечении ее реализации на национальном уровне.

2. Местные сообщества

UNESCO подчеркивает важность вовлечения местных сообществ в процесс сохранения культурного наследия. Это особенно актуально для нематериального культурного наследия, носителями которого являются местные жители.

3. Международные организации

Помимо UNESCO, в регионе действуют и другие международные организации, такие как ИККРОМ, ИКОМОС, которые предоставляют экспертную и техническую поддержку.

4. Научное сообщество

Исследователи и академические институты играют важную роль в изучении, документации и интерпретации культурного наследия Центральной Азии.

Разрабатывая философию и концепцию по сохранению культурного наследия, UNESCO обращает внимание на перспективы, условия развития и на текущие проблемы в этом деле. Несмотря на значительные успехи в области сохранения культурного наследия в Центральной Азии, регион сталкивается с рядом проблем, которые классифицированы на субъективные антропогенные – вмешательства, связанные с деятельностью человека, и объективные изменения. К антропогенному воздействию относятся нелегальный оборот культурных ценностей, балансирование между сохранением аутентичности и развитием туристической инфраструктуры, что требует тщательного подхода. К объективным относятся климатические изменения, влияние форсмажорных обстоятельств – войн и других катаклизмов.

В то же время, перспективы сохранения культурного наследия в регионе выглядят обнадёживающими. Они связаны с ростом самосознания народов, поиском своих исторических корней и попытками воссоздания гармоничной эволюции народа в рамках глобальной истории и истории развития региона. Здесь важно указать на следующие факторы, как основу роста осознания важности культурного наследия в качестве ресурса для устойчивого развития. Усиление и укрепление регионального сотрудничества в сфере охраны культурного наследия. Внедрение инновационных подходов и технологий, которые открывают новые возможности для сохранения и популяризации культурного наследия.

Вместе с тем, важно отметить, что сохранение культурного наследия в Центральной Азии в рамках UNESCO представляет собой сложный и многогранный процесс, требующий комплексного подхода и сотрудничества различных стейкхолдеров. Объективно, глобализационные процессы и актуализация общих или схожих задач по укреплению и развитию независимости способствуют шагам государств региона на встречу друг к другу, поиску интеграционных блоков, расширяющих и укрепляющих сотрудничество. Не в стороне остаются в этом контексте и проблемы сохранения культурного наследия, которое во многом сегодня имеет общий культурно-исторический, геополитический и социальный аспект. Дальнейшие исследования в этой области могли бы фокусироваться на разработке инновационных методов сохранения материального и нематериального культурного наследия, изучении влияния цифровых технологий на восприятие и интерпретацию культурного наследия, а также на анализе долгосрочных эффектов программ UNESCO в регионе.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Абикеева А.К. Проблемы и перспективы сохранения культурного наследия в Центральной Азии // Вестник КазНУ. Серия историческая. – 2023. – №2 (89).
2. Лихачев Д.С. Экология культуры // Прошлое – будущему. – Л.: Наука, 1985.
3. Лотман Ю.М. Семиосфера. – СПб.: Искусство-СПБ, 2000. – 704 с.
4. Соколова А.С. "Вклад UNESCO в сохранение культурного наследия." // Теория и практика общественного развития – 2013. – №11. – С. 390. ISSN 1815-4964.
5. Хартия ООН «В поддержку культуры» // Принята в Салониках, июнь 1997 г. [Сарчашмаи электронӣ]. URL: http://tourlib.net/statti_tourism/gerasimenko.html (Санаи муроҷиат: 27.09.2024).
6. Maurel, Chloé. L'UNESCO de 1945 à 1974. Thèse de doctorat d'histoire contemporaine préparée sous de M. Pascal Ory. Volume 1. Université de Paris I, Juin 2005. 1169 p.
7. UNESCO World Heritage List. [Сарчашмаи электронӣ]. URL: https://whc.unesco.org/en/list/ (Санаи муроҷиат: 27.09.2024).

**ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ – LEGAL SCIENCES**

**УДК: 2 (575.3)**

## ТАЪЛИМОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ДИНӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ИФРОТИШАВИИ ҶОМЕА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БОБОЕВ А.Р.**
*Унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Мақолаи мазкур ба яке аз мушкилоти мураккаби иҷтимоии ҷойдошта – таълимоти ғайриқонунии динӣ ва дарёфти роҳҳои раҳоишавии миллат аз он бахшида шудааст. Муаллиф таърихи пайдоиш, заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсии зуҳурёбии таълимоти ғайриқонунии динӣ, оғози шаклгирии онро дар дини ислом ва паёмадҳои манфии аз он ҳамчун омили асосии густариши ифротгароӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеомада, аз ҷумла қафомонии маънавии миллиро мавриди тадқиқу омӯзиш ва таҳлил қарор дода, таъсири манфии онро ба рушди ҷомеа, тафаккури миллӣ ошкору муайян намудааст.*

**Калидвожаҳо:** *таълимоти динӣ, таълимоти ғайриқонунии динӣ, таълимоти ғайрирасмии динӣ, таълимоти динии экстремистӣ, таълимоти динӣ-мадрасавӣ»(scholasticism), таълимоти беасоси динӣ, таҳсилоти динӣ, макотиби динӣ, тафриқаандозии динӣ, хурофот, таассуби динӣ, идеологияи ифротию иртиҷоии динӣ, зуҳуроти террористию экстремистӣ, ихтилофи назар ва ғоя (таълимот), маърифатбезорӣ, тарбия, тафаккури динӣ, тафаккури миллӣ, ифротгароии динӣ-экстремистӣ, ифротгароии динӣ-сиёсӣ, давлати теократӣ, инкивизитсия, ҷомеаи тақдирзада, ашхоси ифротӣ.*

## НЕЗАКОННОЕ РЕЛИГИОЗНОЕ ОБАЗОВАНИЕ – ОСНОВНОЙ ФАКТОР РАДИКАЛИЗАЦИИ ОБЩЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**БОБОЕВ А.Р.**
*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*Данная статья посвящена одной из самых сложных проблем общества – незаконному религиозному обучению, поиску путей освобождения нации от этой проблемы. Автор исследует историю возникновения незаконного религиозного обучения, его исторические, социальные и политические основы, истоки его появления в религии ислам, результаты его негативного влияния как основного фактора распространения религиозного экстремизма на территории Республики Таджикистан, а также на процесс морально-духовного развития общества и национального самосознания.*

**Ключевые слова***:* *религиозное обучение, незаконное религиозное обучение, неофициальное религиозное обучение, религиозно-экстремистское обучение, схоластика, необоснованное религиозное обучение, религиозное образование, воспитание, научное мировоззрение, религиозная школа, разжигание розни, религиозное суеверие, радикально-экстремистская идеология, террористическо-экстремистское явление, конфликт интересов (идей), науконенавидение, религиозное мышление, национальное сознание, экстремист, религиозный экстремизм, религиозно-политический экстремизм, теократическое государство, инкивизиция, суеверное общество, радикально настроенные лица.*

## ILLEGAL RELIGIOUS EDUCATION IS THE MAIN FACTOR OF RADICALIZATION OF SOCIETY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BOBOEV A.R.**
*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*This article is devoted to one of the most difficult intractable problems of society – the illegal religious education and the search for ways to save the nation from this problem. The author exposed and defined historical, social and political basis of the illegal religious education, the beginning of its basis in Islam religious and it's results of negative impact as the main factor of spreading religious extremism in the territory of the Republic of Tajikistan, and also to the process of moral and spiritual development of the society and national thinking.*

**Keywords:** *religious of teaching, illegal religious of teaching (IRT), unofficial religious of teaching, religious-extremist of teaching, scholastics, unfounded religious education, upbringing, scientist outlook, religious school, thirst of the revenge, religious superstition, religious-extremist of ideology, terrorist-extremist phenomena, conflict of idea, scientist execrate, religious of thinking, national consciousness, extremist, religious extremism, religious-political of extremism, theocracy state, inquisition, superstition of society, radical-made persons.*

Таърих собит месозад, ки таълимоти динӣ ҳанӯз аз замони пайдоиши динҳои аввалин дар Мисру Бобул арзи вуҷуд карда, аломатҳои ҷудошавии таълимот аз дигар институтҳои иҷтимоӣ дар аввалин давлатҳои синфии Ҳиндустони қадим, Чин, Эрон ва Юнон ба назар мерасад. **Дар даврони қадим пайдоиши мактабҳо ба талаботҳои давлат сахт марбут ва воситаи ба вуҷуд овардани системаи сиёсии ҷамъият буд.** Аз ин рӯ, ҳанӯз дар нахустмарҳилаи инкишофаш ***таълимот*** **тахти назорати бевоситаи давлат қарор дода шуда,** ба он талаботҳо ва вазифаҳои муайян вогузор ва аз лиҳози иқтисодӣ, ғоявӣ ва ташкилӣ таъмин мегардид, то ки барои нигоҳ доштани ҳокимият ва нуфуз дар ҷомеа хизмат намояд. *Таълиму тарбия дар Эрони бостон дар оила, оташкадаҳо ва макотиби наздидарборӣ ба роҳ монда мешуд.* Мақсади таълиму тарбия дар низоми таълимоти "Авасто" *("гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек")* ва империяи Ҳахоманишҳо таъмини итоату фармонбардорӣ, иҷро ва риояи қонуну қоидаҳо буд. **Муҳаққиқи тоҷик Қурбонов А.Ш. хулосабарорӣ намудааст:** *"Дар Шарқ нисбат ба Ғарб таъсиси низоми муассисаҳои таълимӣ таҳти роҳбарии шоҳону ҳокимон ва дастгоҳи мансабдорон, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро идора менамуданд, хеле барвақт огоз гардида буд… ва омӯзгорон аз табақаи рӯҳонӣ буданд"* [7, 73].

Баробари пайдоиш ва ташаккули **дини масеҳӣ** *таълимоти динӣ* дар мактабҳои таҳсилоти умумии Рим ва Байтулмуқаддас ба роҳ монда шуда буд. Вале **таҳаввулоти таърихии тафаккури миллӣ** (дунявият) **дар Аврупо дар "Даврони Эҳё"** (асрҳои XIV –XVI) **ба миён омад**, ки дар асоси дастовардҳои илму маориф *(кашфи борут, силоҳи оташфишон, дастгоҳҳои техникӣ, оташдонҳои доменӣ, микроскоп, телескоп, нашри китоб, кашфиётҳои соҳаҳои тиб ва астрономия)* ҷаҳонбинии динии асримиёнагиро шикаст дода, зидди ақлу хирад ва такомули инсоният будани *таълимоти динӣ* ва сохти давлатдории теократӣ (ҷомеаи динӣ)-ро **ошкор кард.** Файласуфону маорифпарварони фаронсавӣ Жан Меле (1664-1729), Гелветсий (1715-1771), Голбах (1723-1789), Дени Дидро (1713-1784) ва Жюлен Ламетри (1709-1751) донишҳои динии схоластикӣ (мадрасавӣ)-ро танқид намуда, онҳоро бепоя, хурофотӣ ва бемоҳият шарҳу маънидод карда, дарки табиат ва донишҳои илмиеро, ки инсонро саодатманд менамоянд, дониши аслӣ арзёбӣ намудаанд.

Дар ҷомеаи мусулмонӣ *таълимоти дини ислом* ҳанӯз дар даврони зинда будани пайғамбар Муҳаммад роҳандозӣ гардидааст. *"Дар давраи Муҳаммад гарчи ӯ қироати дурусти Қуръонро* (ҷамъи оятҳои алоҳидаро дар назар бояд дошт, зеро дар он замон ба шакли китоб дароварда нашуда буд – А.Б.) *назорат мекард, вале манзури асосиаш дарки мазмуни оят буд".* Дар таърихи ислом дар ягон давру замон исломи воҳид вуҷуд надоштааст. Чунончӣ, *баъд аз реҳлати пайғамбар Муҳаммад, дини ислом ба парешонҳолӣ мубтало гардида, ифротиён аз доираи таълимоти аслии динӣ берун (ҷудо) шуда, шаклҳои ғайриақлонии диниро сохта пайравӣ менамуданд, ки дар натиҷа ба чандин мазҳаб, фирқа ва равияҳои дорои таълимоти алоҳида вобаста ба манфиатҳои гурӯҳиашон, қисмат гардид (шиа, суннӣ, хавориҷ, фотимия ва г.).* Байни пайравони фирқаю мазҳабҳои исломӣ *дар асоси ихтилофи таълимот (назар ва гоя)* вобаста ба масоили гуногуни динӣ, фиқҳӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ низоъҳои тезутунд ба амал омадаанд. **Донишманди тоҷик Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ (863-953)** аз

пайдоиши таълимоти гуногуни динӣ ва зидди аҳкоми ислом дар шигифт шуда, дар асараш **"Саводи аъзам"** менависад: "*Обо (падарон) ва аҷдод (бобоён) то буданд бар тариқи суннат ва ҷамоат(мазҳаби ҳанафӣ) буданд. Акнун ҳавоҳо (таълимотҳои бепоя – А.Б.)-и мухталиф пайдо шуд ва моро ҷойи тарс аст*" [8, 17].

Ислом аз ибтидо идеологияи сиёсӣ-динӣ буда, ба кулли соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсиргузор ва барои ҳалли масоили сиёсӣ то инҷониб мавриди истифода қарор мегирад. Сабаби асосии чунин парокандагӣ ин бо сӯистифода аз ноогоҳии мардум аз асли таълимоти дини ислом ва таҳрифи он мақсади ба даст даровардани ҳокимият буд. *Ҳамин тавр, беш аз 1400 сол инҷониб таълимоти динии фирқаҳои мухталиф даъвои онро доранд, ки маҳз фирқаи онҳо наҷотбахши мусалмонон ва исломи ноб аст.* Аммо дар асл, тамоми таълимоти ҷараёну равияҳои дини ислом аз оғоз то инҷониб, барои заифгардонии афкори уммаи мусулмон бо мақсади ҳимояи манофеи табақаҳои ҳукмрони ҷамъият ва хизмати рӯҳониён равона гардидаанд. Олимони рус Е.А.Беляев ва В.И.Пластун низ чунин ақида доранд, ки *пайдоиши равия, мактаб, сектаҳо ва равандҳо дар ислом маҳз бо тақозои талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба миён омадаанд, на он қадаре, ки дар заминаи фарқияти ҷаҳонбинии динӣ* [2, 111-169, 248].

Сабабҳои ақибмондагии илмию фарҳангӣ ва зери зулму истеъмор қарор доштани ақвоми Шарқ дар мадди аввал коҳилӣ, нодонӣ, таассуб, ноогоҳӣ, бархӯрдҳои мазҳабӣ нисбат ба ҳама гуна андешаҳои берун аз таълимоти дини ислом мебошад. *Рӯҳониёни исломӣ, ки умури маънавиёти ҷомеаро дар даст доштанд, сабабгори аслии густариши ҷаҳолату хурофот, заъфу боздошти рушди илму фан ва бунёдгаройи динии ҷомеаҳои мусалмонӣ гардидаанд, зеро танҳо хурофоту ақоиди диниро ҳамчун илми фарогир (таълимоти динии илми илоҳиёт) ва андешаю ихтироотии берун аз он (афкори табиатшиносӣ, тасаввуротҳои физикӣ)-ро бидъату ширк эълон намуда, аз маориф хориҷ менамуданд,* **олимони эҷодкорро ба куфр ҳукм мекарданд.** Мисоли равшани чунин таассуби динӣ ва қурбонии хурофот гардидани орифону олимону шуарои маъруфи форс-тоҷик Мансури Ҳаллоҷ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Абӯабдулло Рӯдакӣ, Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Носири Хусрав ва ғ. мебошанд.

**Ҳар дину мазҳаб** (исломӣ ва ғайриисломӣ) **таълимотро василаи асосии бақои худ дар қиболи умумиятҳои дигари динӣ ва омили муҳимми мубориза бо таълимоти адёну мазоҳиби ғайр меҳисобад.** Бар ин мабно, зуҳури **таълимоти динӣ ва ташкили макотиби динӣ–мазҳабӣ аз замони пайдоиши адёни ҷаҳонӣ ибтидо мегирад.** *Он ҳамчун унсури экстремизми динӣ ба таълимоту маросими динҳои дигар муқовимати шадид нишон дода, маҳв намудани онҳоро ҳадафи аслии худ қарор медиҳад ва бо ин мақсад* ***маҳз барои тағйир додани шуури ҷамъиятӣ*** *равона мегардад.* **Дар таълимоти тамоми динҳо** ақидаҳои хусусияти зиддиҷамъиятидошта, аз ҷумла таҳаммулнопазирӣ, нафрату тоқатнопазирӣ (экстремистӣ) нисбат ба **ҷомеаи дунявӣ** ва мавҷудияти дигар дину мазҳабҳо ба назар мерасанд. **Зеро маҳз таълимоти динӣ (расмӣ ва ғайрирасмӣ) рафтори муайян, эҳсоси тобеият (таассубгарой) ва дарки масъулиятро** ***дар шакли амрҳои динии тағйирнопазир ва иҷрошашон ҳатмӣ (догма) дастур*** **медиҳад.**

**Вобаста ба шароит ва вазъияте, ки таҳсилоти динӣ (таълимоти ғайриқонунии динӣ) амалӣ мегардад**, *вай хусусияти ғоявӣ (идеологӣ) гирифта, мунтазам аз доираи таълимоти анъанавии динӣ берун мебарояд,* **тадриҷан ба ифротгароии динӣ ва ба экстремизми динӣ–сиёсӣ оварда мерасонад,** *зеро ҳар гуна дигарандешӣ (ҷаҳонбинӣ) ва озодии инсонро инкор, маҳкум ва саркӯб намуда, ба онҳо муҷозотро раво медонад.*

**Мисоли барҷастаи омили асосии ифротгарой будани таълимоти динӣ куштори амири Мовароуннаҳр Мирзо Улуғбек аз ҷониби писараш мебошад.** Улуғбек бар хилофи таълимоти хурофотии динӣ, дар асри XV барои инкишофи илму маориф ситорашиносону риёзидонони маъруфро дар атрофаш ҷамъ оварда, расадхонаеро бунёд намуда буд. Дар ин мадраса бештар илмҳои дунявӣ, махсусан нуҷум тадрис мешуд. Аз ин рӯ, *барои ин "аъмоли зиддишаръӣ" ӯ қурбонии ифроту таассубу ҷаҳолати асримиёнагии атрофиён гардида*, бо иғвою *дасисаи рӯҳониёни ифротгаро* таҳти роҳбарии мулло Аббос, аз ҷониби писараш Абдулатиф зимни намозхонӣ ба қатл расонида мешавад. **Ҳолати мазкурро сиёсатшинос С.Ятимов ҳамчун** ***пайомади ба таълимоти динӣ фаро гирифта шудани наврасону ҷавонон*** **хеле оммафаҳму моҳирона тасвир намудааст:** *«Таърихи миллатҳо ҳазорҳо мисол дорад, ки* ***ҳангоми ба дасти ашхоси ифротӣ афтодани фарзандон, онҳо на танҳо ба бегонагон, балки ба падару модар ва***

***хоҳару бародари хеш раҳм накардаанд.*** *Қотили падару модар ва хоҳару бародари хеш гаштаанд. Сари Мирзо Улуғбеки 56 соларо, 27.10.1449 дар Самарқанд, ҳангоми адои намоз, фарзандаш Абдулатиф ваҳшиёна бо ханҷар аз тан ҷудо кардааст.* ***Ҳисси таассуби динӣ бар қотил аз меҳри фарзандӣ,*** *муносибати эҳтиромона ба яке аз бузургтарин олимони риёзидон, ситорашинос, ки дар қатори шаш донишманди сатҳи ҷаҳонӣ дар Аврупо эътироф гаштааст, шахсияте, ки зиёда аз 40 сол амири Мовароуннаҳр буд,* ***голиб омадааст. Барои асоснокии қатли падар, писар аз муллоҳои замон фатвои хаттӣ ҳам гирифтааст»*** [12, 18-19].

**Узви вобастаи АМИТ С.Ятимов** ақибмондагии тоҷиконро дар дарозои таърих ба эътиқодмандии аз ҳадди андоза зиёди ин миллат ба аҳкоми дини ислом, китобҳои муқаддас, пайғомбарону саҳобагони онҳо, пешвоёну бузургони дину мазҳаб, содиқ будан ба расму анъанаҳои динӣ, муқаддасу табаррук доштани дастуру ҳадис ва аз тарзҳои амалкарди ходимони дин марбут медонад, ки ***аз таълимоти динӣ ва ақидатӣ (хурофотӣ) маншаъ мегиранд***. Ба андешаи ӯ, *«Тоҷикон дар тӯли таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Хахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғӯриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии суқути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод»* [13, 30].

Дар тӯли таърих дар мамолики Шарқ **«таълимоти динии мадрасавӣ» (схоластикӣ)** ба роҳ монда шуда буд, ки он омӯзиши илмҳои илоҳиро ҳатмӣ ва онро бар дигар илмҳо, бахусус улуми табиӣ, риёзӣ, фалсафӣ афзал медонист.

**Схоластика** *–равияи фалсафии асримиёнагии ҳукмрон, ки дур аз ҳақиқати воқеӣ, маҳдуд ва консервативӣ буда, дорои догматизми ниҳоӣ ва вобастагии пурраю қатъӣ ба гояҳои динӣ мебошад. Аз* ***калимаи юнонии "sholа» - мактаб*** *гирифта шудааст, зеро муддати чанд аср дар макотибу донишгоҳҳои Аврупо таълим дода мешуд.*

Ойини схоластикӣ (мадрасавӣ) бартарияти улуми илоҳиро бар илмҳои табиӣ-риёзӣ ва фалсафӣ таъкид намуда, танҳо таълимоти илоҳиётро ба роҳ монда буд. Чунин таълимот боиси ақибмондагӣ ва хурофотзадагии иҷтимоию фикрии ақвоми Шарқ гардида, барои пайдоиши зуҳуроти номатлуби фундаментализм, экстремизм, радикализм (тундгаройӣ), терроризм, фатилизм (тақдирпарастӣ) ва ҷоҳилият дар ҷомеаҳои сатҳи маърифаташон паст мусоидат намудааст. **Таърихнигор Ҷорҷ Сартон** низ маҳз **«таълимоти динӣ-мадрасавӣ»**-ро омили коҳишёбӣ ё пастравии ҷаҳонбинии илмии мусалмонон ҳисобидааст: *«Мардумони Шарқу Ғарб дар маърази озмоиши бузурги ойини мадорисӣ қарор гирифтанд, мардуми Ғарб аз он бурун омаданд, вале шарқиён бошанд шикаст хӯрданд»* [16, 61-62].

**Дар Шарқи асримиёнагӣ** ***бар мабнои таълимоти динӣ*** **ва зери фишори рӯҳониён раванди дуршавӣ аз донишҳои илмӣ (дунявӣ) авҷ гирифта, ба густариши экстремизми динӣ имконияти созгорро фароҳам сохт**. Дар Халифати Уммавиён мубориза бар зидди илмҳои фалсафӣ дучанд ва **бо амри халифа Мансур ба ғайр аз асарҳои соҳаи тиб, ҳисоб, луғат, фиқҳ, дигар ҳама китобҳо сӯзонида шуданд.**

**Дар Аморати Бухоро таҳсилоти динӣ ва илмҳои дунявӣ ба талабот ҷавобгӯ набуд ва ҷомеа баислоҳоти соҳаи маориф ниёз дошт. Аҳмади Дониш дар асараш "Наводир–ул–вақоеъ"** илми дунявиро ба системаи илмомӯзии динии схоластикӣ (мадрасавӣ), ки ба омӯхтани забони арабӣ, аз худ кардани аҳкоми шариати ислом машғул шуда, вале ба омӯхтани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ эътибор намедод, муқобил гузошта, ҷоҳилияти "уламо"-и Бухороро ифшо намудааст. *Ӯ дарк намудааст, ки таҳсил дар мадраса аз ҳаёти воқеӣ дур буда, он ба халқ нафъе расонида наметавонад.* Ин мутафаккири бузург *таълимоти исломро* оиди он, ки гӯё тақдири инсон пешакӣ муайян шудааст, барои қадру қиммати инсонро паст намудан, умеду орзуҳои ӯро аз зиндагӣ хунук сохтан ва маҷбур намудан барои ба сахтиҳои ҳаёт тан додан интиқод намудааст. Ӯ оламро донисташаванда ҳисобида, таъкид менамояд, ки агар инсон аз доми динӣ *(таълимоти гайриилмӣ)* раҳоӣ ёбад, ҳастиро дуруст дарк карда метавонад [6, 110].

**Дар оғози қарни XX дар ҷаҳони ислом, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ зарурати ба талаботи нави ҷомеа мутобиқ намудани меъёрҳои исломӣ ба миён омад.** Ҳаракатҳои ислоҳотхоҳии динии *маорифпарварӣ ва ҷадидҳо* зухур намуданд, ки бо *ислоҳот дар маориф ва*

*таҳсилоти динӣ* исломро ба тағйироти нави иҷтимоӣ мутобиқ намудан мехостанд. **Омилҳои асосии ақибмондагии аморати Бухоро ва ба мустамликаи императории Россия мубаддал шудани он нодонӣ, хурофот, таассубу ҷаҳолат ва ҷомеаи суннатгарову тақдирзада ва динмеҳвар, бехабар аз фановариҳо гардида буданд.** Барои ҳокимону рӯҳониён низ дар ҳолати бумбастагию ҷаҳолати саросарӣ нигоҳ доштани ҷомеа муҳим буд.

Мусулмонони Тоҷикистон дар замони дар давлатҳои дорои низоми ғайридинӣ умр ба сар бурданашон низ эътиқоду арзишҳои динӣ-мазҳабии худро ҳифз намуда тавонистанд. Сиёсати динии давлати абадқудрати шӯравӣ, ки **Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон** низ як ҷузъи таркибии он буд, бар пояи **атеизм** *(калимаи юнонӣ, маъноаш бехудоӣ)* ва **ҷаҳонбинии атеистӣ** (*системаи илмии ақидаҳост, ки ба ҳар кадом худо ва ё худоён, ба қувваҳои аз табиат берун, ба охират эътиқод доштанро инкор менамояд, яъне ҳамаи динҳоро дар кадом шакле, ки онҳо таблиғ карда нашаванд, рад мекунад ва ҳамаи протсесҳои табиат ва ҷамъиятро қонунияти табиӣ мешуморад* [1, 6]) *асос* ёфта, *дин дар он давра ҳамчун нуқси шуури инсонӣ, душмани илм ва ҷаҳонбинии илмӣ тарғиб мегардид.* Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта аз тарафи роҳбарияти сиёсии олии Иттиҳоди Шуравӣ эълон гаштани ***сиёсати «бозсозӣ/ошкорбаёнӣ»*** барои фаъолияти афроди ифротгаро мусоидат намуд. Зери таъсири сиёсати «бозсозӣ» руҳониён фаъолияти зиддиҷамъиятиашонро ошкоро дучанд намуданд. Онҳо *бо дарназардошти он, ки ба мардуми аз маърифати исломӣ дуршуда ғояҳои исломро тарғиб намоянд, фаъолона ба ҷалби мусулмонони минтақа ба таълими мазоҳибу равияҳои динии мухталифи худ пардохтанд.* Бо айби бархе аз роҳбарони кумитаҳои ҳизбию иҷроияи шаҳру навоҳии кишвар, инчунин, бетарафию хунукназарии масъулин низ ашхоси *мутаассиб ошкору пинҳонӣ дар маҳалҳо мактабҳои динӣ ва масҷидҳои ғайрирасмӣ кушода, ба таълиму тарбияи динии мардум, аз ҷумла, наврасону ҷавонон машғул мешуданд ва дар байни онҳо адабиёти динии мазмуни ифротгароидоштаро паҳн менамуданд.*

**Исломи сиёсии байналмилалӣ низ аз солҳои 70-ум муборизаи идеологиро бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз намуда буд.** *Соли 1978 дар шаҳри Исломободи ҶИП* ***Иттиҳоди ҷавонони миллатгарои узбек, тоҷик, туркмен ва қирғиз*** *таъсис дода шуд, ки роҳбарии онро* ***Насрулло, зодаи ш. Қӯқанди Ӯзбекистон*** *бар уҳда дошт.* Баъдан дар асоси он ташкилоти **“Иттифоқи исломии музофотҳои шимолии Афғонистон”** (минбаъд – ИИМША) ташкил карда шуда, онро **Озодбек (набераи Насрулло), таҳсилкардаи мадрасаҳои Покистон ва мактаби олии ИМА,** сарварӣ менамуд. *Аз соли 1987 ташкилотҳои мухталифи исломӣ, аз ҷумла ИИМША гумоштагони худро, ки дар мадрасаю мактабҳои динӣ аз ҷониби мутахассисони ҳарбии амрикоӣ, олмонӣ, туркӣ, покистонӣ ва араб омода карда шуда буданд, бо мақсади ноором сохтани вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ пинҳонӣ ба ҳудуди ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Миёна равон намуда,* адабиёт ва видеонаворҳои характери миллатгароӣ ва динидоштаро интиқол ва паҳн менамуданд. “*Дар он замон ба “Иттифоқи исломии музофотҳои шимолии Афғонистон” барои озод намудани Осиёи Миёна аз “ҳукмронии коммунистӣ” ва бунёд намудани “Давлати (исломии – А.Б.) ҳақиқии Бухорою Самарқанд”-и соҳибистиқлол, вазифа гузошта шуда буд”* [11, 33-40].

**Маҳз фазои холигии ғоявии дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ бамиёномада ва ҳанӯз рӯи кор наомадани мафкураи нави миллӣ дар Тоҷикистони пасошӯравӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта боиси ба ҷомеа ворид гардидани мафкураи зӯроварӣ ва ифротгароӣ (терроризму экстремизм) гардида,** пояҳои ваҳдати миллиро хароб ва ҷомеаро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашонда буд. **Профессор С.Ятимов яке аз омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандиро дар ҶТ ба фаъолияти пинҳонкоронаи мактабҳои ғайриқонунии динӣ рабт медиҳад, зеро ба андешаи ӯ** “*Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистони солҳои навадум ҳодисаи осмонӣ ва ғайричашмдошт набуд. Анчари дар ҳамин сарзамин рӯидаи хосияти заҳҳокгирифта буд. Роҳбарон ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи зиддимиллӣ* ***дастпарварда ва маҳсули ҳамон мактабҳои (динии а****з солҳои 70-уми асри XX пинҳонии – А.Б.****)аз назорати давлат ва сиёсати давлатдорӣ дур монда буданд***” [13, 13].

Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар даврони Истиқлолият ва раванди ташаккулёбии вазъи ҷамъиятию сиёсӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки *сарчашмаи асосии паҳншавии идеологияи ифротию иртиҷоии динӣ, хурофотзадагию ҷаҳолатпарастӣ ва мабдаи зуҳуроти террористию экстремистӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон* **ба таълимоти ғайриқонунии динӣ-**

**экстремистӣ фаро гирифтани наврасону ҷавонон махсуб меёбад.** *Маҳз ҳамин омил дар масири таърих ҷомеаи моро сироят карда, масунияти худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва дунявии тоҷиконро заиф сохтааст.* **Сиёсатшинос С.Ятимов дар тӯли сад қарн аз қудрати сиёсӣ маҳрум мондани миллати тоҷикро натиҷаи ҳамин ҳолат меҳисобад:** *"Натиҷабардорӣ ва хулоса он аст, ки рӯҳ ва маънавиёти ғайримиллӣ натиҷаи ҳолати ғуломӣ, адами пуштибони аслӣ – ҳокимияти сиёсии миллати тоҷик дар тӯли ҳазор аст"* [13, 10].

**Хатари аслии таълимоти ғайриқонунии динӣ дар он аст, ки он афроди ифротиро тарбия менамояд.** *Аксаран ба чунин фаъолияти ҷинояткорона ашхоси иртиҷоъпараст даст мезананд, ки таълимоти расмии динӣ надоранд, ё дар назди нимчамуллоҳо таълимоти ибтидоии динӣ гирифтаанд ва ё хатмкардагони мактабу мадрасаҳои динии хориҷие мебошанд, ки таълимоти онҳо мухолифи дину мазҳаби анъанавӣ буда, дорои характери экстремистӣ (исломи ҷангхоҳ) мебошанд.* Чунин ашхос танҳо нафарони ифротии дигарро тавассути таълимоти ғайриқонунии динӣ-хуҷравӣ ва ё маҷозӣ ба миён меоваранд, зеро аз доираи таълимоти динӣ-экстремистии гирифтаи хеш берун баромада наметавонанд ва имкони таҳаммул кардани ақида (таълимот)-и ғайрро надоранд. **Файласуфи немис Гегел дар асараш «Фалсафаи ҳуқуқ»** таъкид менамояд, ки *«аз ин тоифа одамон танҳо вайрон шудани ҳама гуна муносибатҳои ахлоқӣ, корҳои бемаънӣ ва рафторҳои зиштро интизор шудан мумкин аст. Инҳо оқибатҳои ногузири тафаккури (таълимоти – А.Б.) динӣ мебошанд, ки танҳо ба шакли худ пофишорӣ намуда, ба ин васила бо воқеият ва ҳақиқате, ки дар шакли қонунҳои куллӣ вуҷуд дорад, мухолифат мекунад»* [4, 280-281].

Иллати сар задани чунин падидаҳои номатлуб, хатари тафриқаандозӣ ва ҷудоӣ дар ҷомеа солҳои охир, ин ***вусъатёбии таълимоти ғайриқонунии динӣ,*** пайдо шудани тафаккури таассубии охиратҳарросӣ, иғвоангезӣ, таҳрибкорӣ, ҳизбгароиву гурӯҳбандӣ аз тарафи баъзе ходимони дин, имом–хатибон, истифодаи минбарҳои масоҷид барои таблиғоти ақоиди бегонапарастӣ, зидди манфиатҳои миллӣ, давлатӣ, таҷлили маросимҳои ба мазҳаби ҳанафӣ бегона, итоат накардан ба имомону ҳокимон, қонун ва дар ин замина ба вуҷуд овардани дуҳокимиятӣ дар фазои кишвар аст. **Вазъи динӣ-сиёсии имрӯзаи кишварро Пешвои миллат дуруст қиёс ва тафсир кардаанд:** *"Дар ҳоле, ки аксар кишварҳои исломии ҷаҳон босуръат рушд карда, бо омӯзиши илмҳои муосир ҳатто барои фатҳи кайҳон кӯшиш менамоянд, дар ҷомеаи мо гароиши баъзе шаҳрвандон* ***ба хурофотпарастиву ифротгароӣ*** *ва* ***таҳсилоти ғайриқонунии динӣ*** *афзоиш ёфта истодааст"* [9].

**Тасаввуроти мардум дар бораи олами ҳастӣ, раванду ҳодисаҳои табиию ҷамъиятӣ *ба таълимоти қафомондаи динӣ–мистикӣ ва дур аз илм такя намуда,* тадриҷан бо гузашти солҳо ҳукми анъанаро гирифта, аз насл ба насл интиқол меёбад.** *Моҳияти ин "анъана" дар он ифода меёбад, ки қисмати бештари аҳли ҷомеа аз мутолиаи китоб ва хоҳиши ба даст овардани маълумоти илмӣ дур афтоданд, лекин* ***ба он чӣ аз гузаштагон ба онҳо нақл карда мешавад ва ё дар асоси сабақи дар назди муллои чаласавод, бахусус дар таълимоти ғайриқонунии динии дар дохил ва хориҷи кишвар гирифташуда, итоаткорона ва бо бовариии том*** *пайравӣ мекунанд.*

*Аз умқи қарнҳо то ба имрӯз ба мардум таълим дода мешавад, ки дунё ва неъматҳои вай беарзиш буда, баҳри тағйир додани он набояд талош намуд, зеро дар ҳаёти инсоният ҳама чиз дар пешонияш навишта шуда, тақдираш пешакӣ муайян карда шудааст (фатализм) ва новобаста аз талошҳояш ҳар шахс бо ҳамон сарнавиште рӯ ба рӯ хоҳад шуд, ки барои ӯ муқаррар гардидааст.* **Чунин таълимоти динӣ шахсро камфаъол, беташаббус, бепарво ва тобеи сарнавишт мегардонад.** Яъне, **ғояи канораҷӯӣ аз дунёю неъматҳои он мағзи таълимоти динӣ буда,** дар ташаккули ҷаҳонбинии ғайриилмӣ нақши муайянкунанда мебозад.

**Маҳз таълимоти динӣ хусусияти ақлгароиро, ки таърихан ба миллати тоҷик хос буд, маҳв намуд, шуғли китобхониро дар байни тоҷикон коҳиш дод.** Чунин андешаҳои аз таълимоти динӣ маншаъгиранда мӯҷиби аксари бадбахтиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсӣ ва қисман маҳви маънавии ӯ гардидааст. *«Маҳви маънавӣ бадтар аз маҳви ҷисмонист. Осеби маънавӣ инсонро аз ёди таърихӣ, аз мансубияти нажодӣ, аз ифтихори миллӣ, аз бархе хислатҳои муҳимми инсонӣ маҳрум мекунад, ба манқуртият наздик мебарад, ба ғуломи ҳалқабаргӯш табдил медиҳад»* [3, 88]. Ҳамин аст, ки аксари мардуми тоҷик, бахусус наврасону ҷавонон зери таъсири таълимоти ғайриқонунии динии афроди ифротӣ ва тарғиботи

мубаллиғони ТБТЭ аз ақлу тафаккур дур шуда, бевосита **бардагони итоаткор** ва **таблиғгарони дину фарҳанги бегонаи миллӣ** гардидаанд.

**Дар шароити фаъолияти заифи институти оила ва мактаб, омӯзгор ва тарбиятгари асосии кудакон кӯча (муҳит) мешавад. Яъне, агар дар раванди таълимоти дунявӣ *тарбия* нақш надошта бошад, дар чунин ҳолат инсон метавонад дорои *донишҳои зиёди бепоя* гардад, ки дар ниҳоят шуури фард ва ҷомеаро тахриб менамояд.** ***Мисол,*** сомонаҳои интернетӣ, озодии ғаризаҳо, манфиатҳо ва савқи табиӣ, ки бидуни тарбияи дуруст ва соишҳои ахлоқӣ ба майнаи ҷавонон интиқол дода мешаванд, ногузир инсонро ба ҷаҳони ғайр, зиддианъанавӣ ва роҳи каҷ таҳрик мекунанд. Аз ин рӯ, дар тамоми давру замонҳо **муҳимтарин вазифаи ҷомеа (оила, мактаб, ҷомеа) тарбияи инсон буду ҳаст.** Кори тарбия назорату фаъолияти хамарӯзаро тақозо мекунад. **Бетарафию саҳланкорӣ дар ин ҷода ҷомеаро ба ҷаҳолату нокомӣ дучор месозад.** Зеро, дар акси ҳол иштибоҳу саҳлангорӣ дар самти тарбия ҷомеаро дучори фалокат мегардонад. **Нақшу аҳамияти тарбияро дар ташаккули шахс Гегел басо мӯҷаз баён намудааст:** *«Чӣ қадаре, ки тарбия инсонро фаро гирад ҳамон қадар «содагӣ», «гумроҳӣ», «бадахлоқӣ» аз вай зудуда мегардад. Ӯ сайқал меёбад. Аз қаҷравии худ дур мешавад. Мардумро мефаҳмад. Ба ҷомеа мепайвандад»* [5, 241].

**Тарбия ва таълим аз зумраи масъалаҳои меҳварии бароmaду муҳокимарониҳои Пешвои миллат буда, дар дастуру ҳидоятҳои он кас нақши боризи илм, дониш, мактаб, маориф дар рушди инсон ва ҷомеа мунтазам таъкид карда мешаванд. Сарвари давлат мефармоянд:** *“...таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ниҳоят, дастёбӣ ба сатҳу сифати шоистаи зиндагӣ барои сокинон аз қабили масъалаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки ҷиҳати иҷрои онҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа якҷоя ва аҳлона азму талош намоянд”* [10, 247-248].

**Мавқеи муҳим доштани мактабу маорифро дар ташаккули шахсият (таълиму тарбияи он) ва пойдории давлату миллат сиёсатшинос С.Ятимов хеле возеҳ баён намудааст: “***Дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вуҷуд надорад. Ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе, ки дар ҷомеа ҳаст – сохти давлатдорӣ, сулҳу суботи имрӯзу оянда, рушду тараққиёт аз мундариҷа, муҳтаво, сифат ва натиҷаи кори мактаб вобаста аст. Ва «Мактаб нерумандтарин воситаи озод кардани инсон ва нерумандтарин воситаи ғулом кардани инсон мебошад. Дар давлати озод мактаб воситаи озод кардан ва дар ҷамъияти тафаккури маҳдуд воситаи ғулом кардани инсон аст (В. Либкнехт)»* [13, 10]. **Дар ҷойи дигар номбурда вобаста ба шароити имрӯзаи таълиму тарбия дар Тоҷикистон андешаронӣ намуда,** *номувофиқии дараҷаи дониш ва малакаи хатмкардагони макотиби олии кишварро бо диплом (ҳуҷҷат дар бораи мутахассиси соҳа будан),* яке аз ваҷҳи асосӣ дар афзоиши ифротгаройии динӣ, аз ҷумла гаравиши ҷавонон ба таълимоти ғайриқонунии динӣ мешуморад: *«Омили аслии афзоиши бекорӣ, авҷи ҳиссиёти тақдирпарастӣ, дастнигарӣ, эҳсоси нодаркорӣ барои ҷомеа, раҳгумзадагӣ, ноумедӣ,* ***рӯ овардан ба ҷаҳонбинии ниҳоят арзони схоластикӣ*** *ва нуфузи рӯҳияи ифротӣ ба шуури ҷавонон дар ҳамин ифода меёбад»* [14, 25].

**Хулоса,** дар олами муосири бархӯрди тамаддунҳо ***танҳо бо иҷрои аҳкому усули дину мазҳаб дигар наметавон ҷомеаро комилан идора намуд.*** Дунёи муосир ин дунёи илму дониш ва фарҳанг аст, на дунёи боварҳову мазҳабҳо. Вале то ҳол ин падида (ТҒКД) ангезаи асосии таҳрикдиҳанда ва афзоиши таассубу хурофот, экстремизму радикализими динӣ ва ҷалби наврасону ҷавонон ба сафи созмонҳои террористию экстремистӣ боқӣ мемонад. *«Танҳо соли 2023-юм* ***1300*** *ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор ва ҷалби беш аз 4100 нафар пешгирӣ карда шудааст, ки аз вусъати раванди мағзшӯйии кӯдакону наврасон ва ҷавонон дарак медиҳад. Дар ин давра аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 520 нафар ходимони дин барои чунин қонуншиканиҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд»* [9].

**Дар ин ҷода зарур аст арзишҳои низоми дуняviро дуруст дарк намуда, ҷиҳати пойдории давлати дунявии Тоҷикистон таҷрибаҳои амалан собитшудаи тамаддуни ҷаҳониро амиқ омӯхта, бахри тақвияти низоми сиёсии давлатдорӣ, аз ҷумла низоми маорифи миллӣ истифода намуд.** Зеро омили муҳимтарини рушду нумуи бемайлони ҳама гуна давлат ва ҷомеа илму маориф буда, аз дастрасӣ ба техникаву фановарии пешрафтаи замонавӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд, бахусус аҳли маориф, падару модарон, роҳбарону кормандони

мақомоти давлатӣ ва созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳатто рӯҳониён, баҳри тараққиёти кишвар, таҳкими аркони давлатдорӣ, бақои миллат дар қиболи хатару таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ва ба воя расонидани насли соҳибмаърифату хештаншинос, дорои тафаккури миллӣ ва ахлоқи ҳамида, вазифадоранд, ки робитаро бо мактабу маориф мустаҳкам намуда, фарзандонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ тарбият, барои аз худ намудани илму донишҳои пешрафтаи замонавӣ ва касбу ҳунар роҳнамоӣ намоянд. Бо назардошти таҳдидҳои муосир (терроризму экстремизм, қавмгароӣ, глобализатсия ва ғ.) дар байни аҳолӣ, бахусус наврасону ҷавонон, корҳои тарбиявӣ-фаҳмондадиҳиро пурзӯр намуда, барои ривоҷ додани маънавиёт ва фарҳанги дунявӣ ба онҳо зарурияти арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ (забон, фарҳанг, давлат, миллат, дин, мазҳаб), моҳияти зиддимиллию зиддидавлатӣ ва паёмадҳои тафриқаандозию ҳамдигарнофаҳмӣ доштани ифротгароии динӣ, таълимоти ғайриқонунии динӣ, бегонапарастӣ, зери ниқоби ислом фаъолияти ғайриқонунӣ намудани созмону ташкилотҳои тундрави динӣ, хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ (тарғибу ташвиқи ғояю афкори хилофи мазҳаби ҳанафӣ барои ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ), гумроҳкунӣ ва ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, муфассалу муассир фаҳмонида дода шавад. Бар ин мабно, дар тафаккури онҳо ҷой намудани андеша оид ба он, ки пешрафти ҷомеа ва давлат, шукуфоии Ватан ва некӯаҳволии зиндагии мардумро наметавон танҳо бо иҷрои аҳкоми шариат (адои тоату ибодат, таълимоти динӣ омӯзонидан) таъмин намуд, аз зумраи тадобири зарурӣ ва ҳатмӣ дар ин самт мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Асосҳои атеизми илмӣ.Нашриёти давлатии Тоҷикистон.Сталинобод: – 1960.
2. Беляев Е.А. Мусульманское сектанство. – С. 111-169; Пластун В.И. Деятельность экстремистских сил и организаций в странах Востока. – Новосибирск: ИД «Сова», 2005.
3. Бухороӣ М.Ш. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон.Душанбе: Адиб. – 2012.
4. Гегель Г.В.Ф. Философия права /Перевод Б.Г. Столпнера. – М.: Соцэкгиз, 1934.
5. Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук. Т.3.Философия духа. – Москва: Мысль, 1977.
6. Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. – Душанбе: Дониш, – 1989.
7. Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот, дурнамо, – Душанбе: “Ирфон”, – 2022.
8. Самарқандӣ А.Ҳ. Саводи аъзам. – Хуҷанд:Нури маърифат, 2009.
9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат.Душанбе. 09.03.2024с.
10. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, – 2017.
11. Тиссовский Ю. Кто ходит через речку. Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, – 1993.
12. Ятимов С.С. Иммануил Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.
13. Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат). – Маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа». – №1 (31). – Душанбе, 2023.
14. Ятимов С.С. Муаллими ман. Газетаи «Ҷумҳурият». № 80-81 аз 30.04.2024с.
15. Ятимов С.С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат.Хуҷанд: Ношир. – 2020.
16. Ҷорҷ Сартон. Таърихи илм. Ҷилди 1. – Муқаддимаи Теҳрон: – 1353.

УДК: 341: 297 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА РОБИТАИ МУОСИРИ СИЁСАТ ВА ИСЛОМ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ДОДИХУДОЕВ П.Р.**
*Унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур ташаккулёбии сиёсат ва ислом дар Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо фаъолияти равияҳои гуногуни динӣ-мазҳабӣ, ки дар бисёр мавридҳо аз ҷониби бархе аз давлатҳои абарқудрат ва давлатҳои алоҳида барои ҳифз намудани манофеи геополитикии худ истифода мебаранд, баррасӣ шудааст. Диққати махсус ба сиёсӣ кардани дин дар масоили давлатдорӣ ҳамчун раванди хатарзо ва таҷрибаи Тоҷикистон вобаста ба танзим даровардани чунин раванд дар доираи ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта ва қонунгузории зиддиэкстремистӣ бо таври умумӣ матраҳ гардидааст.*

**Калидвожаҳо**: *консепсия, сиёсати давлатӣ, дин, ташкилоти экстремистӣ-террористӣ, таърих, геополитика, кинаву адоват.*

# АНАЛИЗ ИСТОРИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЭКСТРЕМИЗМА И СОВРЕМЕННЫХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ПОЛИТИКИ И ИСЛАМА В ТАДЖИКИСТАНЕ

**ДОДИХУДОЕВ П.Р.**
*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*В данной статье рассматривается развитие политики и ислама в Таджикистане в контексте деятельности различных религиозно-сектантских течений, которые используют некоторые сверхдержавы и отдельные государства для решения своих геополитических интересов. Особое внимание уделено политизации религии в вопросах государственности, как опасному явлению, и опыту Таджикистана по регулированию такого процесса в рамках концептуальных документов и антиэкстремистского законодательства.*

**Ключевые слова:** *концепция, государственная политика, религия, экстремистско-террористическая организация, история, геополитика, ненависть и вражда.*

# ANALYSIS OF HISTORICAL ASPECTS OF THE ORIGIN OF EXTREMISM AND MODERN RELATIONSHIP OF POLITICS AND ISLAM IN TAJIKISTAN

**DODIKHUDOEV P.R.**
*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*This article examines the development of politics and Islam in Tajikistan in the context of the activities of various religious and sectarian movements, which are used by some superpowers and individual states to resolve their geopolitical interests. Particular attention is paid to the politicization of religion in matters of statehood as a dangerous process and the experience of Tajikistan in regulating such a process within the framework of conceptual documents and anti-extremist legislation.*

**Keywords:** *concept, public policy, religion, extremist-terrorist organization, history, geopolitics, hatred and enmity.*

Ислом ҳамчун яке аз динҳои ҷаҳонӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ нақши муҳим бозида, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти бисёр кишварҳои ҷаҳон таъсири назаррас дорад. Зеро ҳамчун унсури муҳимми неруи маънавии беш аз як миллиард мардуми ҷаҳон ба мушкилоти ҷаҳонии башарият, аз қабили мушкилоти сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ таъсири амиқи инсондӯстона дорад.

Ба ақидаи доктори Донишгоҳи Бирмингем Г. Емельянова: «Ислом ҳамчун таълимот, тарзи зиндагӣ ва тафаккур хеле дини сулҳпарвар мебошад. Аммо омехта

кардани андешаҳои исломӣ барои ҳалли мушкилоти сиёсӣ асосҳои илмӣ надоранд. Зеро исломи пок тафовут дар нажод ва миллатро эътироф намекунад ва одамонро дар асоси эътиқоди умумӣ муттаҳид месозад» [6, 74-77].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамоно соли 2004 зикр карда буданд, ки «Кӯшишҳои нисбат додани тамоми падидаҳои ғайриинсонӣ ба ислом ва мусулмонон комилан ғалат буда, натиҷаҳои манфӣ дорад. Мо бояд ҳамеша дар хотир дорем, ки ислом табиатан дини сулҳдӯст ва ҳамеша мухолифи душманиву кина аст. Нерӯҳои ифротӣ ва гурӯҳҳои террористӣ аксар вақт исломро ҳамчун парчам барои корҳои бади худ истифода мебаранд, ки бешак, ислом ва мусалмононро дар назари бисёриҳо бадном мекунанд» [8, 2].

Дар таърихи ислом, чунон ки маълум аст, ҳанӯз дар соли 657 дар ҷанги Саффин миёни халифа Алӣ (писарамаки Паёмбар) ва Муовия, фармондеҳи саркаши аз дин хориҷшуда эълон кардаанд, ки дар мубориза барои ҳокимият «ҳукм танҳо аз ҷониби Аллоҳ аст» ва 12 ҳазор нафар аскарон лагери халифаро тарк карданд. Хориҷиён бо овози баланд эълон карданд, ки мансаби халифаро танҳо арзандатарин ва барҷастатарин пайравони дин – новобаста аз аслу насаби онҳо, ҳатто ғуломони ба тозагӣ мусулмоншуда ҳақ доранд ва онҳо халифаи худ – Ибни Ваҳҳобро интихоб карданд. Дар ҷанги ҳалкунанда соли 658 сарбозони Алӣ пирӯз шуданд ва халифаи хориҷиён вафот кард. Аммо дар соли 661 Алӣ низ аз ханҷари як хавориҷ кушта шуд. Пайравони хориҷиён зери роҳбарии ал-Азроқ ба як гурӯҳи тундрав муттаҳид шуда, ба муборизаи оштинопазири зидди халифаҳои Уммавиён даъват мекарданд. Таҳаммулнопазирии азроқиён, ки ҳар касеро, ки аз таълимоти хориҷиён дурӣ меҷӯяд, душман ва кофир ҳукм мекарданд, ки то имрӯз ба сарчашмаи маънавии ифротгароёни муосири исломӣ табдил ёфтааст [3, 325].

Таърих гувоҳи танишҳои зиёди мазҳабӣ-сиёсӣ миёни равияҳои мухталифи динӣ мебошад. Инчунин, сиёсӣ шудани дин дар масоили давлатдорӣ ҳамеша боиси хушунат, бадбинӣ ва зулми беасос мегардид. Масалан, Абӯрайҳони Берунӣ дар «Ал-Осорул-Боқия» гуфтааст, ки Қутайба дар Хоразм ҳар касеро, ки забону хатти хоразмиро медонист, кушта китобҳояшонро сӯзондааст” [2, 13].

Дар замони ҳукмронии Алпарслони турк, подшоҳи сулолаи Салҷуқиён (1037-1193) бадбинии динӣ-мазҳабӣ нисбати мардуми шиа хеле боло рафта буд, ки ӯ ҳатто Ваҳҷодӣ ном хизматгори дарборашро ба қарматӣ будан гунаҳгор карда, ба қатл расонд. Алпарслон ба вазири худ Адрам мегӯяд, ки «Ту шахси бадмазҳаб ва кофирро (Ваҷҳадиро) ба хидмат овардӣ. Сад бор гуфтам, ки мо лашкари Хуросону Мовароуннаҳр ҳастем ва дар ин сарзамин ғарибӣ ва ин минтақа ба шамшеру хашм ва зӯрӣ ғолиб омадаем. Мо ҳама мусалмонони покиза ҳастем ва мардуми Ироқ “бадмазҳаб ва бидъаткор” ҳастанд. Агар онҳо тавонотар шаванд, ҳеҷ як аз мо туркҳо ҳам аз ҷиҳати мазҳабӣ ва чи аз лиҳози минтақавӣ зинда нахоҳанд монд ва камтар аз хару гов аст, он ки дӯсту душманро намешиносад» [9, 131].

Инчунин, аз ҷониби намояндагони мазҳаби шиа низ нисбати дигар равияҳои динӣ хушунат ва бадбинӣ, ҳатто қатлу куштор низ ҷой дошт.

Масалан, яке аз мутафаккирони варзидаи форсу тоҷик Низомулмулк, ки шофеимазҳаб буду дар дарбори Маликшоҳ (Салҷуқиён) ба ҳайси яке аз вазирони муваффақу кордон хизмат мекард, бо фармоиши яке аз мутаассибони сахти динии ҷараёни исмоилия Ҳасани Сабоҳ 14 октябри соли 1092 дар вақти сафари Бағдодаш дар наздикии шаҳри Наҳованд бо теғи қотили фармоишшуда – Абутоҳир ба қатл расонида мешавад.

Дар ҳамин радиф зикр кардан зарур аст, ки таърих шоҳиди ҳазорҳо ҳаводиси номатлуби сиёсӣ-динӣ аст, ки то имрӯз ба дӯши мардум бори маломатанд. Маслан, аз аввали асри XVIII бо мақсади зери таъсири худ қарор додани Аморати Бухоро ва хонигариҳои Хеваву Қӯқанд рақобати геополитикии британияи Кабир бо Россия оғоз гардида буд. Британияи Кабир бо мақсади фишор овардан ба Россия зери байрақи мубориза ба “кофарон” пантуркистонро бо таври васеъ истифода мебурд. Вобаста ба

ҳамин масъала Б. Ғафуров дар китоби "Тоҷикон" хеле маълумоти муфассал ва далелҳои мушаххас пешниҳод кардааст". Дар замони мавҷудияти давлати Шӯравӣ дар солҳои 70-80-уми асри XX Британияи Кабир, ИМА бо ҳамдастии бархе аз давлатҳои арабӣ ва мусулмонтабор тоҷикон, узбекон, ҳазораҳо ва дигар қавмҳои бумии Афғонистонро барои шикаст додани давлати Шӯравӣ дар зери байрақи дини ислом хеле моҳирона истифода бурданд [1, 89].

Собиқ сафири Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX Е.В. Белов меафзояд, ки "Таҳдидҳои экстремизм на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба дигар давлатҳои ИДМ ва Россия нигаронида шудаанд. Бояд мо воқеъбинона нигарем, ки экстремизм дар ҳамон ҷое, ки манфиатҳои Россия мавҷуданд, зуҳур меёбанд. Дар Аврупо дар Балкан бо истифодаи ифротгароёни динӣ аз ҷониби рақибони Россия (ИМА, Англия, Фаронса) давлатҳои Косово, Босния ташкил карда шуда, дар Қавқоз – кӯшиши ҳамин корро дар Чеченистон ва Доғистон кардаанд. Дар Россия, ки 25 млн. мусулмон зиндагӣ мекунад, ин проблемаи ҷиддӣ мебошад" [7, 2].

Шуруъ аз солҳои 90-уми асри гузашта то инҷониб, зери номҳои гуногун дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 29 ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ-террористии («Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҳизби исломии Туркистон» (собик ҲИУ), «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ал-Қоида», «Толибон», «Бародарони мусалмон», «Лашкари Тайиба», «Ҷамоати таблиғ», «Созмони Таблиғот», «Тоҷикистони озод», «Ҷамоати исломии Покистон», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Давлати исломӣ» («Давлати исломии Ироқу Шом»), «Ҷабҳат-ан-нусра», «Салафия», «Гурӯҳи–24», «Ҳизби наҳзати ислом», «Паймони миллии Тоҷикистон», «Ҷанги муқаддас» ва ғ., ки фаъолияташон дар ҳудуди ҷумҳурӣ бо ҳалномаҳои Суди Олии Тоҷикистон манъ карда шудаанд), бахри амалӣ сохтани идеологияи экстремистӣ-террористии худ – бо роҳи муборизаи мусаллаҳона ташкил кардани "хилофати исломӣ" кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки дар меҳвари ба ҳам бархурдани манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ арзи вуҷуд доранд.

Аз соли 1994 то соли 2002 аъзоёни "фаъол"-и ТЭТ ҲНИ бо роҳнамоӣ ва дастгирии молиявии намояндагони хадамотҳои махсуси ҷосусии баъзе давлатҳои исломӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбии дивизияи 201-уми Федератсияи Русия дар шаҳри Душанбе, хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходимони ҷамъиятию динӣ ва давлатии Тоҷикистон, инчунин раҳбарони рӯҳонии ҷараёнҳои динии ғайриисломӣ, зиёда аз 30 амали террористӣ содир карда, садҳо мардуми бегуноҳро ба қатл расониданд.

Дар Тоҷикистон соли 1997-1998 тадриҷан таъсири ҳизби дар тамоми ҷаҳон маъруфи исломии тундгарои «Ҳизб-ут-Таҳрир» густариш ёфт. Мақсади хаёлии «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар байни мусулмонони сокини кишварҳои сохти давлатиашон гуногун ташкил кардани давлати ягонаи муқтадири теократӣ (исломӣ) мебошад, ки гӯё тибқи қонунҳои шариат арзи ҳастӣ хоҳад кард [6, 35-39].

Солҳои 1999-2002 дар Тоҷикистон 126 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 276 нафар роҳбарону узви «Ҳизб-ут-Таҳрир», ки ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидоштаро содир карда буданд, оғоз карда шуда, аз онҳо зиёда аз 700 китобу маҷалла ва 1700 варақаи фарогири ғояи ин ҳизб пайдо ва мусодира карда шуд. Экспертизаҳои судии адабию сиёсӣ, таърихӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар экспертизаҳо оид ба ин маводҳои чопӣ гузаронидашуда нишон доданд, ки адабиёти мусодирагардида исломи сиёсиро таблиғ карда, барои ангехтани кинаву адовати динӣ-мазҳабӣ мусоидат менамояд, ба сарнагункунии сохти конститутсионӣ ва таъсиси давлати исломӣ (Хилофат) даъват мекунад [13, 15].

Дар солҳои 2000-ум паҳн намудани чунин варақаҳо ва моил кардани ҷавонон ба узвияти «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар водии Фарғона, вилоятҳои Сурхандарё ва Қашқадарёи Ӯзбекистон ва вилояти Боткенти Қирғизистон низ хеле вусъат ёфта буд. Дар натиҷа садҳо нафар моилгарон дар Қирғизистон ва ҳазорон нафари дигар дар Ӯзбекистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд, аммо ин тамоюл имрӯз дар кишварҳои номбурда аз нав вусъат ёфтааст.

Дар ин замина таърихи даҳсолаҳои охир аз мухолифати исломи сиёсӣ бо хоҳиши ҷаҳони Ғарб барои истиқрори ҳукмронии ҷаҳонии худ гувоҳӣ медиҳад. Сиёсигардонии ислом бо дарназардошти муттаҳидшавии неруҳои зиддиглобалистӣ дар ҷаҳони Афро-Осиё хеле муфид буд. Бар хилофи дигар таълимоте, ки даъвои дармон аст, исломи сиёсӣ, глобализми исломӣ, яъне тамғаи муосири панисломизм як идеологияи ҷангҷӯест, ки зоҳиран қодир ба муқовимат бо ҷаҳонишавӣ ва бо ҳукмронии Ғарб ва пеш аз ҳама Амрико алоқаманд аст [8, 8-9].

Бояд зикр кард, ки дар солҳои 2010-2011 бинобар таҳмил додани инқилобҳои “баҳори арабӣ” аз ҷониби бархе қудратҳои ҷаҳонӣ дар Миср, Тунис, Либия, Яман, Сурия ва Ироқ гурӯҳҳои исломгароёни тундрав ба саҳнаи сиёсӣ ворид шуда, ба фаъолияти экстремистӣ-террористии ташкилотҳои ҷонибдори “исломи пок” таконе доданд, ки онҳо дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун бозингарони сиёсии “комилҳуқуқи” минтака гардиданд.

Дар даҳсолаи охир бошад, ташкилоти экстремистӣ-террористии "Давлати исломӣ" вазни ҳарбию сиёсиро ҳамоно фаъолона касб карда истодааст, ки ҷангиёни он одамонеро, ки ба ақидаҳои онҳо ҳаммаслак нестанд, бо таври бераҳмона ба қатл мерасонанд.

29 июли соли 2018 панҷ нафар ҷавонони мутаассиб дар ҳудуди ҷамоати Себистони ноҳияи Данғара ба муқобили велосипедронҳои хориҷӣ (бо роҳи бо автомошина пахш кардани онҳо) ҳамлаи террористӣ содир намуданд, ки дар натиҷа чаҳор нафари онҳо ба ҳалокат расид. 6 декабри соли 2019 террористон ба дидбонгоҳи сарҳадии № 4 “Ишқобод”-и қӯшунҳои сарҳадӣ, воқеъ дар наздикии ҷамоати деҳоти “Эсанбой”-и ноҳияи Рӯдакӣ ҳамла карданд, ки дар натиҷа 6 нафар хизматчиёни ҳарбиро ба ҳалокат расониданд, қаблан дар дохил ва хориҷи кишвар таълимоти ғайриқонунии динӣ гирифта буданд. Дар ҷараёни ин ҳуҷум яке аз аъзои гурӯҳи ҷиноятии мазкур – зани калонсол сарбози дидбонгоҳро, ки ба ӯ бинобар зан – модари солхӯрда (70-сола) буданаш бовар карда, бе силоҳ ба наздаш омада буд, бо корд ба ҳалокат расонид [14].

Дар маҷмуъ, дар дунё раванди содир кардани амалҳои террористӣ дар асоси ангезаҳои динӣ-сиёсӣ (ташкил кардани хилофати исломӣ бо роҳи “ҷиҳоди” мусаллаҳона) рӯ ба афзоиш мебошад. Тибқи таҳлилҳо давоми солҳои 2022-2024 дар давлатҳои Россия, Франсия, Туркия, Афғонистон ва Эрон аз ҷониби 18 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он, содир карда шудааст, ки дар натиҷаи онҳо зиёда аз 250 нафар ҷони худро аз даст доданд [2].

Тоҷикон бо пазируфтани ислом дар ташаккули фарҳанги исломӣ нақши муҳим бозидаанд ва садҳо нафар аз намояндагони онҳо ба унвони имомону пешвоёни динӣ, фақеҳону муҳаддисон, олимону мутафаккирони соҳаҳои гуногун дар рушди тамаддуни исломӣ мақоми устувор дошта, ному корномаи онҳо дар зумраи бузургтарин чеҳраҳои таърихи ислом сабт гаштааст. Дар ин ҷумла, шахсиятҳои барӯманди тоҷиктабор, чун Салмони Форсӣ, Имоми Аъзам – Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Насафӣ, Имом Мотуридӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Баҳоуддини Нақшбанд, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва садҳо нафари дигар аз шахсиятҳои пурифтихори ҷаҳони ислом мебошанд. Сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон дар тӯли садсолаҳо ҳамчун бузургтарин маркази ташаккули илму фарҳанги исломӣ муаррифӣ гардида, дар масири таърих забони тоҷикӣ ба унвони забони дуюми олами ислом шинохта мешавад.

Новобаста ба ин, омӯзиши муҳит ва равияи ифротгароёнаи ҷараёни “салафия-ваҳҳобия” собит месозад, ки онҳо нисбати мардуми “ориёӣ” ва эронинажод суханони таҳқиромезро аз қабили “маҷусон”, “оташпарастон”, “рофизиён”, “забони аҳли дӯзах” ва ғ. истифода мебаранд. Онҳо забони форсии тоҷикиро “забони дӯзахиён” хонда, номҳои аслии тоҷикиро “номҳои маҷусӣ” ва ғайримусалмонӣ мегӯянд ва ҷашнҳои ҳувиятсози Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргонро “ҷашнҳои маҷусӣ” мехонанд ва ходимони дину мутафаккирони оламшумули миллати форсу тоҷикро ба куфр ҳукм менамоянд.

Чунин ҳолати бенизомии эътиқодӣ заминаи ифротгароии оммавиро дар байни ҷавонони ноогоҳ ба вуҷуд оварда, метавонад боиси нестии ҳувияти миллии тоҷикон ва аз

арсаи таърих нест гардидани давлат гардад. Зеро андешаҳои ботили тарафдорони «исломи пок»-ро табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба таври гуногун қабул мекунанд. Барои баъзеҳо террорист унсури зиддиҷамъиятӣ бошад, барои баъзеҳо вай қувваи муборизи роҳи "адолати исломӣ" мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024 зикр намуданд, ки "тибқи таҳлилҳои коршиносон дур рафтан аз аслу моҳияти дин, дарк накардани арзишҳои инсонпарваронаи он асоси зиёдаравӣ ва баъзан ба хурофоту ифрот дода шудани шаҳрвандон мегардад" [12].

Дар паёмҳои қаблии худ низ Сарвари давлат аз рақобатҳои носолими бархе аз кишварҳо, ки "боиси бархӯрди манофеи абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон гардидааст", изҳори нигаронӣ намуда, мунтазам мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ҳушёриву зиракии сиёсӣ, эҳтиром гузоштан ба таъриху тамаддуни аҷдодӣ ва ҳифз намудани сулҳу ваҳдати миллӣ даъват менамоянд.

Бо мақсади ҳар чи бештар тарғибу ташвиқ намудани андешаҳои созандаи исломӣ бо дастури роҳбари давлат як қатор асарҳои арзишманд ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр карда шуданд. Аз ҷумла, тафсирҳои муътабари Қуръони карим – «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Ҳидоя»-и Бурҳониддин Абӯҳасан ибни Абӯбакр, «Саҳеҳ»-и Имом Бухорӣ, «Муқаддима»-и ибни Халдун ва асарҳои дигар мутафаккирони бузурги исломӣ. Инчунин, бо мақсади таъмини озодии виҷдон, эътиқодҳои динӣ, амнияти ҷомеа ва давлат қонунҳо «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, стратегияҳои миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Таъсиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, ташкили сафари дастҷамъонаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра низ аз ҳадафҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи инкишоф ва ҳифозати арзишҳои созандаи исломӣ маҳсуб меёбад.

Тибқи талаботи банди 14 Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "4" апрели соли 2018, № 1042 тасдиқ шудааст, «мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин бо дар назар доштани ҳадафҳои стратегӣ ва масъулиятҳое, ки давлат дар самти таҳкими истиқлолияти кишвар, таъмини амнияту манфиатҳои миллӣ, ҳифзи суботу оромӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷомеа дар шароити нави таърихиву сиёсӣ дар пеши худ гузоштааст, муайян карда шуда, аз фароҳам овардани шароити мусоид баҳри таҳкими робитаҳои созандаи давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, татбиқи кафолатҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи озодии виҷдон, таъмини баробарӣ ва таҳаммулпазирии динию мазҳабӣ, пешгирии паҳншавии ғояву ақидаҳои ҳаракату равияҳои тундрав дар муҳити динӣ ва ба вуҷуд овардани фазои таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон иборат мебошад".

Бояд зикр кард, ки мафҳуми экстремизм (ифротгароӣ) аз калимаи лотинии «exstremus» сарчашма гирифта, маънои пайравии ақидаву чораҳои шадид, қатъӣ (ниҳоӣ) (асосан дар сиёсат)-ро дорад. Аммо танҳо сиёсат намуди холиси зуҳурёбии ифротгароӣ нест, зеро зоҳиршавии ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои миллатгароӣ ва диниву мазҳабӣ низ хеле маъмуланд ва ангезаҳои нажодпарастӣ, маҳалгароии ифротгароӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ва ифротгароии забонӣ ва ҷинсӣ аллакай дар доираи меъёрҳои байналмилалӣ ҷойгузин мебошанд [11, 108].

Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон ифротгароӣ як навъи муборизаи сиёсӣ барои амалисозии назорати иҷтимоӣ ва идоракунии ҷомеа зоҳир мешавад. Маҳз дар ҳамин замина Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо (ПАСЕ) дар соли 2005 мафҳуми

мазкурро дар таҳрири зайл муайян карда буд: «Ифротгароӣ як шакли фаъолияти сиёсист, ки бевосита ё бавосита принсипҳои демократияи парлумониро рад мекунад» [10].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои сохтори конститутсионии давлатро муайян намуда, ба сифати сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон баромад менамояд. Меъёрҳои он барои ҳамаи соҳаҳои кишвар, аз ҷумла дар соҳаи дин заминаи асосии ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Тамоми махзани ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи дин дар асоси меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтааст. Моддаҳои 1, 5, 8, 10, 14, 17, 26, 30 ва 100 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба самти ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин марбутанд, ки меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дар ин асос, меъёрҳои Конститутсия дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва дигар қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Тартиби гузаронидани ташхиси давлатии диншиносӣ", "Дар бораи тасдиқи Тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар", "Дар бораи Тартиби сафари шаҳрвандон барои адои ҳаҷ ва умра" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин нақши муҳим доранд, ки ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ба танзим медароранд.

Бо назардошти афкори зикршуда, чунин хулоса ва пешниҳодҳоро манфиатпазир меҳисобем:

1. Сарчашмаҳои таърихӣ-сиёсӣ собит месозанд, ки новобаста ба он, ки дини ислом яке аз сарчашмаҳои асосии таълимоти ахлоқиву фарҳангии созандаи мардуми мусулмон маҳсуб меёбад, заминаҳои ифротигароӣ дар минтақахои Осиёи Марказӣ ва дигар мамлакатҳои Шарқи Наздик пас аз нузули ислом дар меҳвари ҳадафҳои қудратталабии мардуми арабу турк ва шуруъ аз асри 18 то инҷониб бинобар рақобати геополикии бархе аз малакатҳои Ғарбу Россия дар ҳамдастӣ бо шарикони стратегии давлатҳои мусулмонтабори онҳо арзи ҳастӣ кардааст;

2. Дар замони муосир хусусияти ҷиҳодӣ ва такфирӣ гирифтани ҷараёни “салафия-ваххобия” бо шаклу муҳтавои нав низ аз сиёсати таҷовузкоронаи абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бо ҳамдастии бархе аз давлатҳои мусулмонтабор аз хатарҳои нави ин раванди номатлуб дарак медиҳад;

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри гузашта то ин ҷониб пайваста ба ташкилоти экстремистӣ-террористӣ муқовимати муташаккилона бурда, асосҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, иттилоотӣ, ташкилии комил ва таҷрибаи амалии манфиатпазир дар сатҳи минтақа касб кардааст ва ҳамчун яке аз кишварҳои амнтарини дунё эътироф гардидааст. Аммо дар чанд соли соли охир густариш ёфтани фаъолияти ташкилоти экстремистӣ-террористии байналмилалӣ бо ҷалби шаҳрвандони мо боиси нигаронии роҳбарияти сиёсии кишвар, мардуми шарифи тоҷик гардидааст, ки ин раванди номатлуб дар меҳвари ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба вуқуъ пайваста истодааст;

4. Бинобар дар тули таърих ба даҳҳо равияҳои мухталиф ҷудо шудани шохаҳои дини ислом, ки дар бисёр мавридҳо бо ҳамдигар дар тазодҳои шадид қарор доранд ва хадамоти манфиатҷӯи давлатҳои алоҳида ин бенизомии эътиқодии диниро барои таҳмил кардани мунокишаҳои мазҳабӣ бо мақсади ҳифз намудани манофеи геополитикии худ истифода мебаранд, давлат масъул мебошад, ки бо мақсади таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифз намудани асосҳои сохти конститутсионӣ дар доираи қонунгузории худ ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта, асосҳои таърихӣ-сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва маърифатии фаъолияти мақомоти давлатӣ, азҳоби сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ ва шаҳрвандони алоҳидаро вобаста ба озодии виҷдон ва эътиқодҳои динӣ ба танзим

дарорад. Дар чунин шакл муносибати сиёсат ва дин ногузир буда, аз як тараф барои ба таври васеъ ба манфиати инсон ва ҷомеа истифода бурдани маърифати исломӣ ва аз тарафи дигар барои пешгирӣ намудани идеология ва амалҳои экстремистӣ дар зери ниқоби дин таҳмилшаванда, мусоидат менамояд;

5. Бинобар равнақу ривоҷ ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла пешрафти технологияҳои муосири коммуникатсионӣ ва истифодаи васеи шабакаи интернет дар таблиғу ташвиқи идеологияи экстремистӣ-террористӣ ва амалҳои даҳшатовар, муқовимат дар ин самт диди нав, аз ҷумла асосҳои муқтадиртари идеологӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-диниро тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Баротзода Ф. Тафаккури дунявӣ ва зиёдаравии динӣ // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: «Маориф», 2015.
2. В результате теракта в Белгородской области 11 человек погибли, еще 15 ранены // https://www.interfax.ru/russia/868033 (Дата обращения 24.03.2024); В Иране задержали 10 человек по делу о теракте в мечети // https: //rg.ru/2023/08/14/v-irane-arestovali-10-chelovek-po-delu-o-terakte-v-mecheti.html (Дата обращения 24.03.2024); МИД Китая: В результате теракта в Кабуле пострадали пять граждан КНР // https://rg.ru/2022/12/13/mid-kitaia-v-rezultate-terakta-v-kabule-postradali-piat-grazhdan-knr.html (дата обращения 24.03.2024); Теракт на кладбище в Иране // https://tass.ru/terakt-na-kladbische-v-irane (дата обращения 24.03.2024; Число пострадавших при теракте в "Крокусе" выросло до 182 // https://www.interfax.ru/world/897741 (дата обращения 24.03.2024)
3. Вебер М. Избранные произведения. – М., 1990.
4. Малашенко А. Отделять религию от политики – это чушь // ASIA – PLUS. 28 февраль. – Душанбе. 2008.
5. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Душанбе, «Бухоро», 2012.
6. Мухаббатов К.М. Социально-политические факторы образования религиозно-политической организации «Хизб-ут-Тахрир» и ее реакционная сущность: по материалам Таджикистана: дис. … канд. полит. наук. – Душанбе, 2004. – С. 64-65; Мухаббатов К.М. Реакционная политика «Хизб-ут-Тахрир». – Душанбе, 2010.
7. Назиров Д.Н. Вопросы генезиса религиозно-политического экстремизма и терроризма: монография / Д.Н. Назиров. – Душанбе: «Ирфон», 2006.
8. Народная газета-37, 15 Сентября 2004 г.
9. Низомулмулк. Сиёсатнома. М.Н. «Адабиёти бачагона» - Душанбе, 2019.
10. Рекомендация ПАСЕ от 4 октября 2005 г. №10705 «European Muslim communities confrontedwith extremism» // Council of Europe Parliamentary Assembly (PACE web site) (http://assembly.coe.int/), 2008.
11. Сафарзода Ҳ.С., Насуриён П.А. ва диг. Асосҳои муқовимат ба экстремизми динӣ-мазҳабӣ. / Душанбе – 2022.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9-уми марти соли 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: www.president.tj/node /13739 (санаи муроҷиат: 9.03.2024 с.)
13. Мухаббатов К.М. Хизб-ут-Тахрир. Политико-правовая характеристика. – Худжанд: ООО «Хуросон», 2002.
14. Эмомалӣ Р. Суханронӣ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9 марти соли 2024 // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

УДК: 32 (575.3)

# ТАВСИФИ УМУМИИ ХАТАРҲОИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИИВУ ТЕХНОГЕНӢ ВА АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ПЕШГИРӢ ВА РАФЪИ ОҚИБАТҲОИ ОНҲО

**НУРУЛЛОЗОДА М.**
*Унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур хавфу хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табииву техногенӣ дар ҷумҳурӣ бо таври комил тавсиф ёфта, асосҳои назариявии ташкили пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо ва дурнамои пешгирии онҳо ва дурнамои мукаммал сохтани фаъолияти мақомоти милитсия дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.*

**Калидвожаҳо**: *хавфу хатарҳо, ҳолатҳои фавқулода, милитсия, табиӣ, техногенӣ, низоми пешгирӣ, ситод, мақомоти давлатӣ, вазифа ва функсияҳо.*

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ОПАСНОСТЕЙ ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЙ ПРИРОДНОГО И ТЕХНОГЕННОГО ХАРАКТЕРА И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ И ЛИКВИДАЦИИ ИХ ПОСЛЕДСТВИЙ

**НУРУЛЛОЗОДА М.**
*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*В данной статье характеризуются опасности чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера в республике, рассмотрены теоретические основы организации предупреждения и ликвидации их последствий и перспективы совершенствования деятельности ОВД в этом направлении.*

**Ключевые слова:** *опасности, чрезвычайные обстоятельства, милиция, природные, техногенные, система предупреждения, штаб, государственные органы, задачи, функции.*

# GENERAL CHARACTERISTICS OF THE DANGERS OF EMERGENCE SITUATIONS OF NATURE AND TECHNOGEN CHARACTER AND THEORETICAL FOUNDATIONS OF ORGANIZING THE PREVENTION AND ELIMINATION OF THEIR CONSEQUENCES

**NURULLOZODA M.**
*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*This article characterizes the dangers of natural and man-made emergencies in the republic, examines the theoretical foundations for organizing the prevention and elimination of their consequences and the prospects for their prevention, taking into account the requirements of conceptual documents.*

**Keywords:** *dangers, emergencies, militia, concept, natural, emergency circumstances prevention system, technogen, government bodies, tasks and functions.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо релефи дорои сершумортарин манотиқи кӯҳӣ ва мавзеъҳои душворгузар фарқ карда, ба таҳдиҳои ҳамешагии табиӣ ва техногенӣ мувоҷеҳ аст. Тибқи маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2018 дар Тоҷикистон зиёда аз 3460 офати табиӣ рух додааст, ки ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуқуъ пайвастааст [13]. Мутаассифона, мавқеи ҷуғрофӣ ва топографии кишвар боиси осебпазирии он ва ба амал омадани хатарҳои гуногун, аз қабили заминҷунбӣ, обхезӣ, сангрезӣ, тарма, ярч, хушксолӣ ва фурӯравии замин мегардад [2, 8-13]. Ҳамчунин кӯҳҳои баланд ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ омили монеавии алоқаи радиоӣ бо истифода аз мавҷҳои радиои ултра кӯтоҳ гардида, [2, 4-10] барои сариваќт ошкор ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва садамавӣ боис мегарданд.

Тоҷикистон дар минтақаи аз ҷиҳати сейсмикӣ низ фаъол ҷойгир буда, тавассути он якчанд хатҳои шикастаи сейсмикии фаъол мегузарад. Дар натиҷа дар кишвар зуд-зуд заминларзаҳо рӯй медиҳанд, ки қисме аз онҳо ба инфрасохтор зарари калон расонида, боиси марги одамон гардидаанд [3, 5-8]. Тибқи маълумоти ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО, заминҷунбӣ аз ҷиҳати хисороти иқтисодӣ ва талафоти одамон, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар ҷаҳон дар ҷойи аввал меистад [10, 379]. Дар баробари ин заминларзаҳои сейсмикӣ, яке аз сабабҳои рух додани садамаҳои техногенӣ дар иншоотҳои саноатӣ мебошанд. Масалан, иншооти саноатии «Талко» дар минтақаи сурх ҷойгир аст [14, 70-71], ки ҳангоми рух додани заминҷунбӣ имконияти ба миён омадани садама дар ин корхона аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин, тибқи меъёрҳои қоидаҳои сохтмонӣ, дар чунин иншооти иқтисодӣ, анборҳои калон барои нигоҳдории моддаҳои заҳролуди сахттаъсир, воситаҳо ва масолеҳи тарканда, маводҳои сухт бояд дар минтақаҳои дур аз маҳаллаҳои аҳолинишини шаҳрӣ, деҳот, объектҳои иқтисодӣ мувофиқи меъёрҳои амалкунанда ҷойгир карда шаванд.

Мувофиқи харитаи ҷории сейсмикӣ эҳтимолияти дар 50% ҳудуди Ҷумҳурӣ рух додани заминларзаҳои 9 балла, дар ҳудуди 38% заминларзаҳои то 8 балла ва дар ҳудуди 12% он заминларзаҳои то 7 имконпазир аст. Бинобар ин, ҳангоми сохтмони бинову иншоотҳо, бояд ҳисоби тобоварии бинову иншоотҳои баландошиёна дар шаҳрҳои калон, махсусан дар шаҳри Душанбе ба заминҷунбии аз 9 бал боло ба инобат гирифта шавад. То истифода додани бинову иншоотҳо, Комиссияи давлатии қабулро (ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи он мебошад) зарур аст, ки ҷиҳати муайянкунии устувории конструксияҳои ҳама намуди биноҳо (истиқоматӣ, маъмурӣ, маишӣ) бо истифода аз дастгоҳҳои вибродинамикӣ санҷиши ба заминҷунбӣ тобоварро дар сатҳи касбӣ гузаронад.

Риоя нагардидани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ҳангоми сохтмони бинову иншоотҳо боиси сар задани сӯхторҳо мегардад. Дар ин раванд масъалаи асосӣ риоя накардани талаботҳо ва меъёрҳои қоидаҳои сохтмонӣ мебошад, ки солҳои охир бо ин сабаб бештар дар бозорҳои калони шаҳру ноҳияҳо сӯхторҳои зиёд ба қайд гирифта шуда, зарари иқтисодии аз сӯхторҳо расида аз миллиард сомонӣ низ гузаштааст. Тибқи итилооти СХДО ВКД дар соли 2021 шумораи сӯхторҳо 1189 ададро ташкил медиҳад.

Тоҷикистон аз захираҳои обии худ дар соҳаи кишоварзӣ ва тавлиди нерӯи барқ вобастагии зиёд дорад. Таҷрибаи идоракунӣ, аз ҷумла системаҳои кӯҳнашудаи обёрӣ ва истифодаи бесамари об, оқибатҳои хушксолиро шадидтар мекунанд ва боиси зиёд рух додани офатҳои табиӣ мегарданд. Зарур аст, ки ба устувории экологии истифодаи захираҳои об, масъулияти иҷтимоӣ, маъмурӣ ва экологии истифодабарандагони об ва мақомоти идоракунӣ диққати махсус дода шавад [9, 1-6]. Захираҳои маҳдуди молиявӣ низ, ба сармоягузории инфрасохтори солим, системаҳои огоҳкунии пешакӣ ва омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва техногенӣ монеъ мешаванд.

Мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи Системаи ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, дар амалисозии стратегия ва барномаҳои мақсадноки танзимкунандаи фаъолият дар ин соҳа нақши босазо дорад. Дар ин ҳолат, идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои болозикр ва иштироки ҷузъу томи он мувофиқи вазифа ва ухдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ба ин мақомот вогузор кардааст, ба миён меояд. Аз нуқтаи назари илмӣ баҳогузории вазифа ва функсияҳои идоракунӣ, самаранокии фаъолияти ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилиро дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ, таъмин менамояд.

Бояд зикр кард, ки истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои комил марбут ба идоракунӣ дар ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо таври мушаххас муайян намудани вазифа ва функсияҳои мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар дилхоҳ самти фаъолият аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, пардохтан ба тавсифи вожаҳои калидӣ дар самти ташкили пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ тақозои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб меёбад. Масалан, истилоҳи функсия аз калимаи лотинии "functio" гирифта шуда, маънояш иҷроиш, ӯҳдадорӣ ва доираи фаъолият аст. Чӣ тавре Г.В. Атаманчук қайд менамояд, ба анешаи И.В. Гёте «Функсия ин мавҷудияти фикрии мо вобаста ба иҷро намудани амалҳои муайян мебошад». Ба андешаи худи онҳо бошад «функсия ин муносибат таъсиррасониест, ки тавассути он давлат таъсири худро ба воситаи қудрат, нерӯяш ба тарафи дигар – ҷамъият мерасонад» [5, 51]. Вобаста ба функсияҳои давлат Р.Ш. Сотиволдиев қайд менамояд, ки «Функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти он мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳо равона гаштаанд. Вазифаҳо мазмуну моҳияти ҷамъиятӣ доранд ва аз талаботи айнии ҷомеа бармеоянд. Ҳалли онҳо ҳастии ҷамъияти инсониро таъмин мекунанд» [12, 66]. Дар кори якҷояи худ В.В. Черных ва Р.А. Рустамов «функсияро ҳамчун фаъолияти мақсаднок, амал, иҷрои кор, зуҳури берунии хосияти объект дар системаи амалкунанда дарк мекунанд» [14, 87]. Бо дарки баъзе аз хусусиятҳои хоси ин вожа, муаллиф зери мафҳуми функсияҳо фаъолияти муайянеро мефаҳмад, ки барои ҳалли мақсад, вазифаҳо дар доираи салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидаанд. Функсияҳо хоси давлат ва сохторҳои таркибии он вобаста ба соҳаҳои фаъолият дар шакли васеъ ва умумӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда яке аз функсияҳои экологии давлат ба ҳисоб меравад, ки тавассути мақомоти давлатии махсус ваколатдоршуда амалӣ карда мешавад. Вазифаҳо бошанд дар шакли умумӣ барои муайян намудани самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, яъне функсияҳои онҳо мусоидат менамоянд. Яъне, вазифаҳо барои амалишавии функсияҳо хизмат намуда, аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ иҷро мегарданд. Функсияҳои идоракунӣ танзимкунандаи мақсад ва вазифаҳое мебошанд, ки бевосита ба идоракунии системаҳо дахл доранд. Фаҳмиши моҳияти функсияҳои идоракунӣ, аз моҳияти мавҷудияти идоракунӣ бармеояд. Азбаски идоракунӣ аксаран тавассути фаъолият ба сомон расонида мешавад, дар адабиёти илмию таълимӣ тафсири вазифаҳои идоракуниро метавон чун намудҳои алоҳидаи меҳнат, фаъолияти меҳнатӣ, фаъолият дар соҳаи идоракунӣ, унсурҳои раванди идоракунӣ, марҳилаҳои давраи идоракунӣ ва ғайра арзёбӣ намуд [5, 154]. Аммо ташкили система дар раванди амалисозии функсияҳои идоракунӣ, аҳамияти махсус дорад. Истилоҳи система хоси тамоми илмҳо буда, он дар шакли умум ҳамчун тартиб ва сохтор баҳогузорӣ карда мешавад. Система аз калимаи юнонии «systema» гирифта шуда, маҷмӯи унсурҳоеро фаро мегирад, ки бо ҳамдигар дар муносибат ва иртибот буда, дар якҷоягӣ як ҷузъи томи муайянро ташкил медиҳад [6, 741]. Дар идоракунӣ система ба сифати мутамарказонандаи қувва ва воситаҳо баромад намуда, ба мақсади татбиқи ҳадафи ягона ташкил карда мешавад. В.В. Яновский чунин мешуморад, ки дар фаҳмиши умумифалсафӣ система ҳамчун «муттаҳидшавии муайяниҳои гуногун ба як бутуни мутаносиб, бо ҳам пайвастани қисмҳо баҳогузорӣ карда мешавад" [17, 100]. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки системаи идоракунӣ сохтори иерархӣ мебошад, ки дар он сохторҳои поёнии идоракунӣ, функсия ва вазифаҳои дар сохторҳои болоӣ коркардшударо ба раванди идоракунӣ ворид менамоянд [5, 415]. Ба андешаи муаллиф система пайвастсозии қисмҳои гуногуни сохтори муайяни дорои вазифаҳои аз ҳамдигар фарқкунанда, ки мақсади ягона доранд, фаҳмида мешавад.

Омӯзиши мафҳуми истилоҳҳоти «пешгирӣ» ва «рафъи ҳолатҳои фавқулодда» низ барои илман исбот кардани принсипҳои фаъолият дар ин самт предмети омӯзиши таҳқиқот маҳсуб меёбанд. Зеро омӯзиши масъалаи пешгирӣ ва рафъи таҳдидҳо, яке аз мақсадҳои муҳими илми идоракунӣ эътироф гардида аст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ истилоҳи «пешгирӣ» ба маънои пеши чизеро гирифтан, чизеро бардоштан, садди роҳи чизе шудан омадааст. Истилоҳи рафъ бошад, аз байн бурдан ё бартараф кардани монеае маънидод мегардад [15].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» пешгирии ҳолатҳои фавқулодда,

ҳамчун системаи чорабиниҳои саривақт ба роҳ мондашудаест, ки барои ҳар чӣ камтар кардани хатари рух додани ҳолатҳои фавқулодда, инчунин барои ҳифзи сиҳатии аҳолӣ, кам кардани миқдори зарари муҳити зист ва талафоти моддӣ дар ҳолати рух додани онҳо, нигаронида шудааст. Рафъи ҳолатҳои фавқулодда бошад, корҳои наҷотдиҳӣ аз садама ва дигар корҳои таъхирнопазир, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда анҷом дода мешаванд ва ба наҷотдиҳии ҳаёт ва ҳифзи сиҳатии одамон, кам кардани ҳаҷм ва зарари муҳити табиии атроф ва талафоти моддӣ, инчунин барои маҳдуд кардани мавзеъҳои ҳолатҳои фавқулодда, қатъ намудани фаъолияти омилҳои барои ин мавзеъҳо хатарнок нигаронида шудаанд [8].

Ба андешаи муаллиф пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, маҷмӯи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатиро, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилиро дар ҳолатҳои фавқулодда инъикос намуда, пеш аз рух додан ва баъди рух додани ҳолатҳои фавқулодда барои кам кардани зарар, талафот ва аз байн бурдани таҳдидҳои табиию техногении ба ҳаёт ва саломатии одамон ба миён омада, гузаронида мешаванд.

Фаҳмиши асосҳои назариявии идоракунии ҳолатҳои фавқулодда омӯзиши амиқи принсипҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидоштаро низ тақозо менамояд.

Ба ақидаи И.Н. Кузнетсов, принсипҳо ин қоидаҳо ва меъёрҳои рафторе мебошанд, ки мақомоти роҳбарикунандаро роҳбаладӣ менамоянд [7, 33]. Муаллиф бар он ақида аст, ки принсипҳо қонуниятҳои бунёдии қатъии умумиқабулшудае ҳастанд, ки иҷроиши ҳатмӣ доранд ва тағйирнопазир мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодда принсипҳое мавҷуданд, ки бояд ҳамчун чаҳорчӯбаи роҳнамо хидмат кунанд ва муносибати ҳамаҷонибаро барои риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини тартибот ва бехатрии ҷамъиятӣ, ҳимояи моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусиро таъмин намояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки принсипҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодда мақсад, вазифа ва функсияи онро равшан менамоянд. Дар адабиётҳои гуногуни илмӣ вобаста ба гурӯҳбандӣ намудани принсипҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ ба умумӣ ва махсус ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан А.Ю. Попов назарияи гурӯҳбандӣ намудани принипспҳоро ба умумӣ ва махсус дастгирӣ менамояд [11, 5]. Гурӯҳбандӣ намудани принсипҳо ба муайянсозии воқеии функсия ва вазифаҳои мақомоти корҳои дохилӣ ва самаранокии фаъолияти он замина мегузорад. Бо такя ба мавқеи мутахассисони соҳа муаллиф ба принипспҳои умумӣ ва махсус ҷудо намудани идоракуниро ҷонибдорӣ менамояд. Принсипҳои умумӣ, ки дар асоси онҳо фаъолияти умумии мақомти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешавад. Дуюм принсипҳои махсус, ки бевосита ба идоракунӣ дар ҳолатҳои фавқулодда вобастагӣ доранд.

Гурӯҳи якум, принсипҳои зеринро дар мегирад: қонуният; ягонагии низоми мақомоти милитсия, муттамарказонидани идоракунии он ва яккасардорӣ; ошкорбаёнӣ.

Дар навбати худ, ҳар як принсип моҳият ва мазмуни худро доро буда, натиҷаи фаъолияти мақомти корҳои дохилӣ аз рӯи онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

Ба андешаи мо «принсипи гурӯҳбандии қувва ва воситаҳо» низ дар раванди идоракунӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ин ба он боис мегардад, ки қувва ва воситаҳои ҷузъу томҳо мутобиқ ба вазифа ва ӯҳдадориҳояшон истифода бурда шаванд.

Арзёбии хатари ҳолатҳои фавқулодда низ яке аз принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, дар ташкили ҳама намуд фаъолиятҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ мебошад. Ин принсип муайянкунии системавӣ, таҳлил ва арзёбии хатарҳо ва осебпазириҳои эҳтимолиро пешниҳод менамояд. Бо амалисозии принсипи мазкур, мақомоти роҳбарикунандаи корҳои дохилӣ кушиш менамоянд, нақшаҳои амалиётии ҷузъу томҳоро бозбинӣ намуда, фазои афзалиятноки фаъолияти худро зиёд карда, истифодаи дурусти захираҳои моддӣ-техникиро ба роҳ

монад ва чорабиниҳои ҷавобиро ба ҳолатҳои фавқулодда мукаммал гардонад. Принсипи баҳодиҳӣ ва идоракунии хатарҳо якчанд ҷанбаҳоро дар бар мегирад.

Дар адабиёти илмӣ тарзҳои гуногуни гурӯҳбандии принииспҳои идоракуниро вохурдан мумкин аст. Тарзи гурӯҳбандии интихобкардаи мо имкон медиҳад, асосҳои қонуният, муносибат ва алоқа, ки дар раванди идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ба миён меоянд, муайян карда шаванд. Ҳамзамон мавқеи равандҳои мазкур дар системаи идоракунии давалатӣ ва то кадом андоза ба такмилдиҳӣ ниёз доштани ин идоракунӣ ошкор мегардад.

Системаи идоракуниро аз руи шакл метавон ба чаҳор қисм ҷудо намуд: соҳавӣ, функсионалӣ, омехта ва барномавӣ-мақсаднок. Дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ бештар шакли омехтаи системаи мазкур истифода бурда мешавад. Зеро он тамоми шаклҳои чорабиниҳоро аз рӯи вазъияти ба амаломада дар худ инъикос менамояд. Хусусиятҳои хаттӣ ва функсионалии системаи идоракунӣ, дар фаъолияти ҷузъу томи мақомот, иҷрои вазифаҳо дар шароити рӯзмарраро тақозо менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳолатҳои фавқулодда бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ ташкили сохтори мувақатии махсус (ситоди оперативӣ) ба миён меояд, ки ҳангоми ба эътидол омадани вазъият фаъолияти худро қатъ мекунад. Дар шароити махсус ситоди оперативӣ мақомоти асосии идоракунӣ мебошад [4, 111].

Зиёд гардидани хатарҳои муосири табиӣ, техногенӣ, биологӣ, рушди технологияи муосири иттилоотӣ ва васеъ истифодашавии зеҳни сунъӣ дар дигар системаҳои фаъолияти ҳаётӣ, зарурати такмил додани системаи идоракунии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки он ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз дар таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ баромад менамояд, ба миён овардааст. Бинобар ин, мақомоти корҳои дохилиро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ фаъолияти худро дар ин самт бозбинӣ намуда, стартегия ва консепсияҳои муосири фаъолият дар ҳолатҳои фавқулодаро таҳия ва қабул намояд.

Вазифаи асосие, ки бевосита ба идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодда вобастагӣ дорад, таъсиси ситоди фаврӣ ва системаи мутамаркази вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда мебошад, ки дар худ муттаҳид намудани қувваҳо ва воситаҳои дахлдор дар як воҳиди том инъикос менамояд. Дар ин асос қайд кардан зарур аст, ки қисмҳои навбатдори ҷузъу томҳо ҳамчун системаи алоқаи байни сохторҳои ситоди фаврӣ баромад менамоянд.

**Бо назардошти афкори иброзгардида чунин хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ-назарияviро манфиатпазир мешуморем:**

1. Дар сатҳи зарурӣ эмин набудани аҳолӣ аз хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ дар худудҳои истихроҷи маъданҳои куҳӣ, иншоотҳои азими гидротехникӣ, партовгоҳҳои калони радиоактивӣ (аз ҷумла партовгоҳҳои истеҳсоли уран дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зиёда аз 55 миллион тоннаро ташкил медиҳанд), инфрасохтори нақлиётии кишвар (аз ҷумла роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан), хизматрасонии автомибилӣ дар заправкаҳои бензин ва гази моеъ, сохтмони иншоотҳои баланошёна ва ғ. омӯзишу бозбинӣ ва қабули дурнамои сиёстаи давлатӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро оид ба таъмини бехатарии аҳолӣ аз ин таҳдидҳо тақозо менамояд;

2. Бинобар дар минтақаи дорои хавфи калони сесмологӣ (заминҷунбӣ), селхезӣ ва кандашавии обанборҳо мавқеъ доштани ҷумҳурӣ ҳамасола садҳо ҳодисаҳои фавқулодаи бо таври комил пешгӯинашванда ба қайд гирифта мешаванд, ки боиси хисороти калони молӣ ва аз ҳаёт маҳрум гардидани одамон мегардад, ки фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатиро оид ба пешгирӣ ва рафъи чунин ҳодисаҳоро дар сатҳи баландтар тақозо менамояд;

3. Хавфи ҷамъиятии ҳолатҳои фавқулодда хусусияти объективие мебошад, ки имкон медиҳад аз нуқтаи назари эҳтимолияти расонидани зарар ба муносибатҳои

ҷамъиятӣ баҳо дода шавад. Оқибатҳои манфии ҳолатҳои фавқулодда бошад ба тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ таъсиргузор буда, ҷиҳати аз байн бурдани таҳдид ба манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷомеа ва давлат татбиқи тадбирҳои фаврии иттилоотӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар чорабиниҳоро талаб менамояд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷорӣ намудани низомҳои махсуси ҳуқуқӣ ба миён меояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро маҳдуд менамояд.

4. Масъалаи пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодда на танҳо байниидоравӣ ё байниминтақавӣ, балки хусусияти ҷумҳуриявӣ дорад ва чорабиниҳои дастаҷамъонаро барои ҳалли он дар сатҳи ҷумҳурӣ талаб менамояд. Ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда баланд бардоштани масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо барои сари вақт амалӣ намудани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ба миён меояд. Мақомоти давлатие, ки дар ҳудуди онҳо ҳолати фавқулода рух додаст, масъули ташкил ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодда мебошанд;

5. Бо мақсади ҳифз намудани аҳолӣ аз ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ қабул намудани ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта, такмил додани қонунгузорӣ, муайян ва мушаххас сохтани вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ғайримахфигардонии Нақшаи амалӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт ва ҳисоботдиҳанда будани мақомоти ваколатдор дар назди аҳолӣ тақозои замон мебошад;

6. Новобаста ба мавҷудияти Сиситемаи ягонаи давлатӣ дар самти ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бинобар рушд ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти сохтмони биноҳои муосири баланошёна, инфрасохтори муосири гидоэнегетикӣ, автомобилӣ, тағйирёбии иқлим, эҳтимолияти калони селхезӣ, заминларза, кандашавии обанборҳо вазифа ва функсияҳои мақомоти ваколатдор ва серсохторҳои дохилии ин система бозбинӣ ва такмилдиҳиро тақозо менамоянд;

7. Новобаста ба он, ки Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028, нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 мавриди амал қарор доранд ва талаботи онҳо такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқии низоми идоракунии хавфи офатҳои табиӣ ва техногенӣ тақозо менамояд, дар Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 низ муайян намудани самтҳои муҳими ташаккул додани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти милитсия дар ин самт мувофиқи мақсад мебошад. Зеро консепсияи идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулода бояд қисми таркибии стратегияи ислоҳоти умумии мақомоти корҳои дохилӣ бошад ва ба принсипҳои илман асоснок ва собитшудаи идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодда асос ёбад;

8. Таъмини бехатарии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии иқлим ва мавҷудияти хатари баланди ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ, аз истифодаи равиши маҷмӯӣ, баҳодиҳии хатар, омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ, вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва барқарорсозии баъдӣ, ки дар стратегия ва барномаҳои соҳавӣ пешбинӣ гардидаанд, вобастагӣ дорад. Бо дарки осебпазирии кишвар ба хатарҳои дар пешистода, ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ, татбиқи принсипҳои фаъолият ва идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ, метавонад, зарари ҳам ба саломатии одамон ва ҳам ба соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро то андозае кам намояд.

9. Ворид кардани технологияи пешрафта дар системаҳои огоҳкунии пешакӣ; такмили системаи таҳлили маълумот, платформаҳои коммуникатсионӣ; системаҳои идоракунии иттилоот тақозои замон буда, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба монанди зондкунии фосилавии Замин, ГИС технологияҳо, воситаҳои техникии тавассути интернет коркунанда ва зеҳни сунъӣ дар системаи пешгирӣ ва рафи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ манфиарпазирии ин самти фаъолиятро дучанд зиёд менамояд;

10. Дар шароити муосир ва рушди босуръати Тоҷикистон зарурати баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва малакаи касбии ҳайати шахсӣ тавассути ҷорӣ намудани низоми муосири таълим, ки ба зиёд намудани дарсҳои амалӣ нигаронида мешавад, табодули таҷриба ва бозомӯзии кормандони мақомот дар самти муқовимат ба

таҳдидҳои замони муосир ва таъсиси механизми муосири идоракунии сохтор, такмили сохтори мақомоти корҳои дохилӣ дар асоси принсипҳои тақсимоти уҳдадориҳо ва аз байн бурдани такроршавии вазифаҳо ба миён омадааст;

11. Бинобар мавҷудияти субъектони зиёди ваколатдор дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда бо мақсади аз байн бурдани такрори вазифаҳо таҳияи нақшаи ягонаи ҷумҳуриявии ғайримахфӣ вобаста ба тасниф ва хусусиятҳои ҳолатҳои фавқулодда ба миён омадааст. Дар нақша бояд вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти корҳои дохилиро бо назардошти таснифи ҳолатҳои фавқулодда (маҳдуд, маҳаллӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ) муайян намояд. Зеро дар қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ муайян карда шудааст, ки мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои стратегии худ, яъне таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ дар гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ширкат меварзанд. Дар нақша муқаррар бояд кард, ки дар кадом синфи ҳолатҳои фавқулода мақомоти корҳои дохилӣ вазифаи таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятиро иҷро намуда, дар кадом ҳолат дар гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ иштирок менамоянд. Агар мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодда дар гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ иштирок намоянд, яке аз принсипҳои асосии фаъолияти идоракунӣ, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳо арзёбӣ мегардад. Гурӯҳбандии қувва ва воситаҳо бо мақсади тақсими вазифаҳо дар байни ҷузъу томҳо гузаронида мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Абдурахимов И. Н., Носов М. В., Маликмамадов Ф. А. Предложения по решению проблем с организацией связи в горных регионах Республики Таджикистан при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера // Приоритетные направления развития инфокоммуникационных технологий, систем связи и оповещения РСЧС и ГО. 2021.
2. Азизхонов И. М., Маджиди М. Об экзогенных геологических процессах на территории Таджикистана и их негативных последствиях // Экология и безопасность жизнедеятельности. 2020.
3. Андамов Р. Ш., Алидодов Б. А. О роли некоторых краевых разломов в сейсмогенной ситуации Таджикистана: обзор // Наука и инновация. Серия геологических и технических наук. 2020. №1.
4. Архипов Н.И., Кулба В.В. Управление в чрезвычайных ситуациях. Учебное пособие.
5. Атаманчук Г.В.Теория государственного управления: учебник / Г.В. Атаманчук. – М.: Издательство «Омега-Л», 2010.
6. Большой энциклопедический словарь: философия, социология, религия, эзотеризм, политэкономия., Минская фабрика цветной печати, 2002.
7. Кузнецов И.Н. Асосхои илмии идоракунии давлат. - М., 1979.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» 15 июли соли 2004, таҳти №53.
9. Odinaev K. et al. National water policy of Tajikistan in the context of sustainable development. EDP Sciences. 2023. Vol. 390.
10. Папченко Н.Г., Чемакина Д.Ю. Обеспечение безопасности жизнедеятельности населения при землетресениях. Донской государственный аграрный университет, п. Персиановский, Россия.
11. Попов А.Ю. К вопросу о классификации принципов института мер обеспечения производства по делам об административных правонарушениях, применяемых в деятельности дежурных частей органов внутренних дел (полиции). 2018.
12. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2008.

13. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030.

14. Субхонкулов Д.З., Шаповалова Г.Н. Краткий анализ возможных причин и последствий в результате промышленной аварии на предприятии Талко Кемикал Республики Таджикистан // Проблемы обеспечения устойчивого функционирования организаций в чрезвычайных ситуациях, при военных конфликтах и пути их решения. 2021.

15. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷилди 21. Зери таҳрири Н.Сайфиддин, А.Сангин, С.Каримов, Мирзо Ҳ.С., Душанбе.:2008.

16. Черных В.В., Рустамов Р.А. Виды и функции группировок сил и средств ОВД, действующих в условиях природного характера. Успехи современной науки и образования. 2016, №11, Том 4.

17. Яновский В.В. Государственное и муниципальное управление. М., Кнорус, 2013.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

# ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

## Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14 см, поля – 2,5 см, а расстояние между текстами – 1,5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановления Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи необходимо пронумеровать и указать поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 названий научной литературы). Список используемой литературы следует подготовить на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи предлагается указать сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

## ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

### Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№4 (10), 2024**

Нашриёти «Меҳвар»-и
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli24@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 60x84/8. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 15.5, ҷузъи чопии шартӣ 14.5.
Барои чоп 28.01.2025 имзо шудааст. Фармоиши №1